**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

Ба ҳукми дастнавис

СУД 338.4 (575.3)

ТДУ-65.8 (2 тоҷик)

Н-20

**НАИМЗОДА НАСИМҶОН ҚУДРАТУЛЛО**

# ТАКМИЛИ ТАЪМИНОТИ ИТТИЛООТИИ ТАШКИЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ

(дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
д.и.и., профессор Умаров Ҳ.У.

**Бохтар-2023**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО** ........ 3

**МУҚАДДИМА** ........ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ** ........ 15

1.1. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодӣ ........ 15

1.2. Захираҳои сайёҳӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ........ 25

1.3. Ташаккули ҷараёнҳои иттилоотии сатҳи таъминоти сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ........ 42

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ТАЪМИНИ ИТИЛООТИИ ОН** ........ 59

2.1. Иқтидори иқтисодиву иҷтимоии сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва нишондиҳандаҳои итилоотикунонии он ........ 59

2.2. Арзёбии нишондиҳандаҳои асосии тамоюлҳо ва механизмҳои иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ........ 79

2.3. Арзёбии вазъи муосири инфрасохторҳои муҳити иттилоотии соҳаҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ........ 94

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ТАЪМИНИ ИТТИЛООТИИ СОҲАИ САЙЁҲИИ МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН** ........ 109

3.1. Роҳҳои воридсозии марказҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба фазои байналмилалии иттилоотӣ-сайёҳӣ ........ 109

3.2. Асосноккунии пешниҳоди таъсиси маркази иттилоотии сайёҳии “Бохтар” ........ 126

3.3. Самтҳои асосии такмили сохтори ташкилию иқтисодии фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ (дар мисоли маҷмааи сайёҳии “Бохтар”) ........ 139

**ХУЛОСАҲО** ........ 155

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........ 159

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**ҶТ** – Ҷумҳурии Точикистон;
**СҶС** – Созмони ҷаҳонии савдо;
**СММ** – Созмони милали муттаҳид;
**МИС** – Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ;
**ОС** – Офисҳои сайёҳӣ;
**ФИС** – Фазои иттилоотии сайёҳӣ;
**ТУС** – Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ;
**КМС** – Кумитаи миллии сайёҳӣ;
**ТИТ** – Технологияҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ;
**ШҚҚ** – Шахси қабулкунандаи қарор;
**СДҚ**Қ – Системаҳои дастгирии қарорҳои қабулшуда;
**СМҶ** – Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ;
**ФИ** – Фазои иттилоотӣ;
**МСМҶ** – Марказҳои сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ;
**ТИ** – Технологияи иттилоотӣ;
**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд;
**ҶСШК** – Ҷамъияти саҳомии шакли кушода;
**КВД** – Корхонаи воҳиди давлатӣ;
**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;
**СИБМ** – Системаи идоракунии базаи маълумотҳо;
**НБО** – Неругоҳи барқи обӣ;
**ВАО** – Васоити ахбори омма;
**ММД** – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;
**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил;
**ААИ** –Андоз аз арзиши иловашуда;
**МВ**- Маркази вазъӣ;
**GDS** (Global Distribution Systems)- Системаҳои глобалии тақсимот;
**SITA** (фр. Société Internationale de Télécommunications Aéronautiques)- Ширкати байналмилалии телекоммуникатсионӣ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат соҳаи сайёҳии кишварамон тадриҷан инкишоф ёфта, айни ҳол дар марҳалаи нави рушд қарор дорад. Вобаста ба талаботи замони муосир дигаргуншавии бозорҳои сайёҳӣ зарурати таҳияи дурнамо ва омӯзиши соҳаи мазкур ба миён омада, пайваста бо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бунёди индустрия ва инфрасохтори сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Индустрияи сайёҳӣ ҳамчун ҷузъи самарабахши иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирии рушди сайёҳӣ дар ҳалли масъалаҳои рушди минтақавӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи ёдгориҳои меросӣ, таърихию фарҳангӣ кумак расонида, ҳамчун омили таҳкимбахши беҳдошти ҳаёти иҷтимоии мардум баромад менамояд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (23.12.2022) таъкид шудааст: “Барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ корро ҷиҳати зиёд кардани номгӯйи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ густариш бахшад. Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ диққати ҷиддӣ дода шавад”.[1]

Шомил намудани фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои он ба бозори хизматрасонии сайёҳии ҷаҳонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи мамлакат, аз он ҷумла унсури иқтисоди сабзи он маҳсуб ёфта, ин раванд аз иқтидори захиравии соҳаи сайёҳӣ, ҷобаҷокунӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти хизматрасонии сайёҳӣ вобаста мебошад. Маълум аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 [манбаи электронӣ]. URL: http:// http://president.tj/node/29823 (санаи истифодабарӣ: 24.04.2022)

самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад.

Соҳаи сайёҳӣ дар марҳилаи нави рушди худ бояд вазифаи муҳимми худро дар баланд бардоштани мавқеи байналмилалии мамлакат ва муаррифии он дар ҷаҳон ба иҷро расонад. Ин амал тавассути баррасиву пешниҳоди маҳсулоту хизматрасониҳои босифати сайёҳӣ ба бозори ҷаҳонии ин навъи хизматрасониҳо тавассути бизнеси электронӣ сурат мегирад. Танҳо мавҷуд будани захираҳои фаровони сайёҳӣ дар мамлакат наметавонад боиси ҷалби сайёҳони сершумор гардад. Дар воқеъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакати дорои объектҳои беназири сайёҳии замони муосир мебошад, зеро дар ҳудуди он мероси бузурги фарҳангию таърихӣ, мавқеи ҷуғрофии мусоид, манзараҳои гуногуни табиӣ, минтақаҳои фароғатӣ, олами набонот ва ҳайвонот ҷой гирифтаанд. Муаррифии он бо истифода аз татбиқи технологияҳои рақамӣ ва фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ бо мақсади низоми иттилорасонии соҳа метавонад рушди бозори хизматрасониҳои сайёҳии мамлакат, иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ ва индустрияи онро таъмин намояд. Аз ин ҷост, ки рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ бо рушди хизматрасониҳои иттилоотӣ, ки бевосита ҷузъи муҳимми маҳсулоти сайёҳиро ташкил менамояд, вобастагии мустақим дорад. Яъне, мавқеи захираҳои иттилоотӣ оид ба марказҳои иттилоотӣ ва идоракунии хизматрасониҳои сайёҳӣ нақши калидӣ дорад. Маҳз ба ҳамин алоқамандӣ  дар адабиёти иқтисодии ватанӣ доир ба иқтисодӣ сайёҳӣ, ба назари мо, дар майдони таҳқиқоти илмӣ кам диққат дода шудааст. Бинобар ин, масъалаи  мазкур сабаби интихоби мавзуи татқиқот ва мубрамияти он гаштааст. Такмили механизмҳои асосии таъминоти иттилоотии ташкили равандҳои пешбурди хизматрасонии сайёҳӣ, пеш аз ҳама, сохтори ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ (МИС) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳо далели мубрам будани мавзуи таҳқиқ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Асосҳои назариявӣ ва амалии такмил ва рушди соҳаи сайёҳӣ ва таъмини муҳити иттилоотии он дар асарҳои муаллифони хориҷӣ Шарафутдинов В.Н., Амирханов М.М., Александрова

А.Ю., Аврах Ю.И., Астахова М.И., Драчев Е.Л., Кварталнов В.А., Романова Г.М., Нубарян Г.Д., Соколова М.В., Татаринов А.А., Черевичко Т.В., Яковенко Г.В. ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Ба масъалаҳои марбут ба ҷараён ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, таъсири соҳаи сайёҳӣ ба рушди иқтисоди ва таъмини иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳқиқоти илмии олимони ватанӣ, ба монанди Абдалимов А., Азимов П.Х., Еров Д.Ш., Зарифов У.М., Қодирова М.И., Қодиров Ф.С., Умаров Ҳ.У., Комилиён Ф.С., Қуватбек С., Мирбобоев Ф.Н., Миракзода Ф.Ю., Мирзоахмедов Ф., Мирсаидов А.Б., Рауфӣ А., Нуров Д.С., Сафаров У.А., Собиров М.С., Сайфуллоев Н.Н., Сайдуллоева Д.К., Солеҳзода А.А., Ҳамдамов Б.О., Ҳотамов А.Р. ва дигарон бахшида шудааст.

Омӯзиши имкониятҳои таҳия ва татбиқи усулҳои нав, воситаҳои амалӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ки фаъолияти босамари соҳаи сайёҳиро бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо таъмин менамоянд, дар шароити воқеии иқтисодиёти миллӣ баҳри амалӣ намудани бандҳои алоҳидаи Консепсияи иқтисоди рақамӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки вобаста ба хусусият ва қонунияти марҳалаи муосири рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки онҳо бо шакли ташкили истифодаи захираҳои иттилоотӣ алоқамандӣ доранд, мавқеи фарққунандаи як қатор олимон ба назар мерасад. Бинобар ин, дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ, шароити муосири тағйирёбанда дарки амиқи як қатор усулҳоро оид ба масъалаи ташкили МИС талаб менамояд. Ба ақидаи мо, масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳии ватанӣ ва таъмини рақобатпазирии он бо истифода аз фазои иттилоотии сайёҳӣ (ФИС) дар илми муосири иқтисод, аз ҷумла иқтисоди соҳаи сайёҳӣ ва таъминоти иттилоотии он, яке аз коркардҳои камтарин ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, аҳамияти бузурги амалӣ ва омӯзиши нокифояи илмии масъалаҳои такмили таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар асоси ташкили шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои иттилоотӣ интихоби мавзуъ, аҳамият, ҳадаф, вазифа, самтҳои

асосӣ ва мазмуни диссертатсияро муайян менамоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуи таҳқиқотӣ фарогири масъалаҳои марбут ба иқтисоди ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (Иқтисоди соҳаи сайёҳӣ) буда, дар “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020”, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 инъикос ёфтааст.

**Тавсифи умумии таҳқиқот:**

**Мақсади таҳқиқот** – коркарди муносибати методӣ ва такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили ҷараёнҳои амалиётҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва ташаккули марказҳои иттилоотии сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– омӯзиши хусусият, вазифаҳо ва муайян намудани саҳми сайёҳӣ дар иқтисоди кишвар ва ворид намудани муқаррарот доир ба мафҳумҳои «иқтидори сайёҳӣ», «маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ», инчунин ба технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ;

– таснифоти захираҳои сайёҳӣ ва сатҳу сифати арзишмандии онҳо ҳамчун омили истеҳсолот ва тиҷоратигардонии онҳо дар иқтисоди сайёҳӣ;

– арзёбии тамоюлу қонуниятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Точикистон, тамоюли рушди он дар таркиби маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), вазъи иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ;

– таҳлили фаъолияти марказҳои иттилоотии сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ, робитаҳое, ки марказҳои сайёҳии ҷумҳуриро ба фазои байналмилалии иттилоотии сайёҳӣ ворид менамоянд;

– коркарди консептуалӣ ва пешниҳодот оид ба такмили механизмҳои ташкили низоми марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, бо мақсади ҳамоҳанг сохтани фазои сайёҳии миллӣ бо фазои ҷаҳонӣ;

– асоснок намудани пешниҳоду тавсияҳо доир ба такмили сохтори ташаккул ва ҳаракати ҷараёнҳои иттилоотӣ дар сатҳи минтақаҳои сайёҳӣ, ки ба рушди сайёҳии дохилӣ ва берунӣ мусоидат менамояд.

**Объекти таҳқиқот** – иқтисоди бахши сайёҳии Тоҷикистон ва муносибатҳои марбут ба таъминоти иттилоотии равандҳои ташкили таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ дар вилояти Хатлон мебошанд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – маҷмуи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодие мебошанд, ки дар раванди мубодилоти иттилоотии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ пайдо шуда, ба истеҳсоли маҳсулоту пешниҳоди хизматрасониҳои онҳо ба бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ суръат мебахшанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба зарурати исбот намудани фарзия, ки дар сохтори истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳои сайёҳӣ иттилоот захираи асосии истеҳсолӣ буда, нақши ҳалкунанда дорад ва самаранокии иқтисоди сайёҳӣ, истеҳсолу пешниҳод ва тиҷоратикунонии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар бозори дохиливу беруна аз сатҳи таъминоти иттилоотӣ, рақамикунонии ташкилу идоракунии равандҳои истеҳсолу хизматрасониҳои сайёҳӣ алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, мукаммал намудани механизмҳову воситаҳои таъмини иттилоотии ташкилу идоракунии хизматрасонии сайёҳӣ омили асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла истифодаи шаклҳои ташкилӣ-иқтисодии хоҷагидорӣ ва ривоҷ додани соҳибкории соҳаи сайёҳӣ мебошад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия солҳои 2017-2023 дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расонида шуда, марҳалаҳои марбут онро фарогир аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои олимони намоёни ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба такмили таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳии ватанӣ ва таъмини рақобатпазирии он бо истифода аз МИС ва ФИС бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Муқаррароти

консептуалию назариявӣ ва хулосаҳо вобаста ба масъалаҳои илмии такмили таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонӣ асоснок карда шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар раванди гузаронидани таҳлилҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, мантиқӣ-назариявӣ, таҳлили динамикаи ҳодисаҳо ва мушоҳидаҳо истифода карда шудаанд.

**Сарчашмаи таҳқиқот** аз ҷиҳати маъно ва мазмун оид ба ташкили таъмини иттилоотии рушди соҳаи сайёҳӣ дар асарҳои олимони зерин мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст: «Муаммоҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Мирбобоев Ф.Н., 2019], «Сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммоҳо ва дурнамо» [Ёров Д.Н., 2017], «Иқтидори ноҳияҳои кӯҳӣ ва масъалаҳои рушди сайёҳӣ» [Миракзода Ф.Ю., 2017], «Танзими рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Саъдуллоева Д.К., 2018], «Нақши инфрасохтори сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ» [Солеҳзода, А.А., 2020], «Рушди сайёҳии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Зарифов, У.М., 2018] ва дигарон.

**Пойгоҳи илмии таҳқиқот.** Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020, маълумоти расмии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводи нашрияҳои даврӣ баромад мекунанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар такмил додани асосҳои методӣ ва коркарди механизмҳо ва воситаҳои таъмини иттилоотии ташкили амалиётҳои хизматрасонии сайёҳӣ, инчунин ташкили марказҳои иттилоотии сайёҳии ҷумҳурӣ асос меёбад. Вобаста ба вазифаҳои гузошташуда, ба муқаррароти унсури навгонидошта инҳо дохил мешаванд:

– мавқеи сайёҳӣ ва таъсири мултипликативии он дар иқтисоди кишвар муқаррар карда шуда, мафҳумҳои «иқтидори сайёҳӣ», «маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ», инчунин технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ тавзеҳ дода шудаанд; асоснок карда шудааст, ки истеҳсоли маҳсули сайёҳӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани се омили асосӣ - захираҳои сайёҳӣ, сармоя ва захираҳои меҳнатӣ имконпазир мебошад;

– исбот карда шудааст, ки таснифоти асосии захираҳои сайёҳӣ ба тарзи пайдошавии онҳо рабт дошта, вобаста ба он захираҳои табиӣ, захираҳои моликияти зеҳнӣ ва омехта оид ба сайёҳӣ асос ёфтааст. Сифати захираҳои сайёҳӣ ҳамчун омили таъмини рақобатпазирии хизматрасонии сайёҳӣ баромад карда, дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ ва таваҷҷуҳи нокифояи онҳо аз ҷиҳати таъсир ба сайёҳон муайян мегардад. Дар ин замина, арзишмандии захираҳои сайёҳӣ барои аҳолии минтақа, инчунин барои рушди фаъолияти тиҷоратӣ нигаронида мешавад;

– қонуниятҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли рушди он дар таркиби ММД, инчунин ҳаҷми калони воридоти арзро дар рушди бахшҳои гуногуни иқтисодӣ нишон медиҳад. Дар ин замина, муайян карда мешавад, ки вазъи иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ арзёбӣ гардида он барои рушди динамикии сайёҳӣ мусоидат мекунад. Аз ин ҷо, зарурати истифодабарии таҷрибаи хориҷии ташкили саноати сайёҳӣ асоснок карда шуда, дар ин асос рушди устувори бахшҳои соҳаи сайёҳиро таъмин менамояд;

– мафҳуми «Маркази иттилооти сайёҳӣ» ҳамчун ибораи тавсифи воситаи ташаккули фазои иттилоотии дохилӣ ва баромадан ба фазои иттилоотии берунӣ маънидод карда шуда, вазифаҳои асосии фаъолияти марказҳои иттилоотии сайёҳиро дар ҷумҳурӣ муайян менамояд;

– бо мақсади ташкили низоми бисёрсатҳаи марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, ки тамоми фазои сайёҳии миллиро фаро мегиранд, сохтори чорсатҳаи он пешниҳод гардида, таъйиноти вазифавии ҳар як сатҳи инфиродӣ муайян карда шуда, муносибати консептуалӣ оид ба ташаккули сохтори ташкилию

иқтисодии идоракунии марказҳои иттилоотии сайёҳӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод шудаанд;

– пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили сохтори ташаккул ва ҳаракати ҷараёнҳои иттилоотӣ дар сатҳи минтақаи сайёҳӣ, ки ба рушди сайёҳии дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунанд, асоснок карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– таърифи муаллифӣ оид ба мафҳуми «иқтидори сайёҳӣ», «маҳсулот ва хизматрасонии сайёҳӣ», инчунин доир ба технологияи истеҳсолии маҳсулоти сайёҳӣ;

– асосноккунии муқаррарот ва таснифи хизматрасониҳои сайёҳӣ, вобаста ба шаклҳои табиӣ, антропогенӣ ва омехтаи захираҳои сайёҳӣ, инчунин асосноккунии муқаррарот доир ба сифати захираҳои сайёҳӣ ҳамчун омили хизматрасонии сайёҳӣ аз рӯйи хусусиятҳои маъмулӣ ва дастрасӣ;

– ошкор намудани воқеияти рушди соҳаи сайёҳӣ ва сатҳи таъминоти иттилоотии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюли рушди соҳаи сайёҳӣ ва мувофиқан афзоиши вазни қиёсии он дар сохтори ММД;

– таҳияи муаллифии мафҳум ва сохтори «Марказҳои сайёҳию иттилоотӣ» ҳамчун воситаи ташаккули фазои иттилоотии сайёҳии дохилӣ ва воридшавӣ ба фазои иттилоотии берунаи сайёҳӣ;

– асосноккунии тавсияҳо доир ба бунёди сохтори чорсатҳаи МИС ва муайян намудани таъиноти амалии ҳар як сатҳи алоҳида, инчунин коркарди роҳи консептуалии ташаккули сохтори ташкилию иқтисодии идоракунии марказҳои сайёҳию иттилоотӣ дар минтақаҳои сайёҳии вилояти Хатлон;

– дар заминаи ҷараёнҳои иттилоотӣ ташаккули сатҳи минтақавии сайёҳӣ баҳри рушди сайёҳии дохилӣ ва берунӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз таҳия ва амиқсозии методологияи таҳқиқот, ҳамоҳангсозии роҳу усулҳои гуногуни илмӣ дар такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ дар заминаи МИС ва ФИС иборат мебошад. Дар таҳқиқот масъалаҳои коркарди асосҳои методологӣ оид ба қабули низоми комплексии таъминоти иттилоотии

сайёҳӣ ва пешбурди тақсимнопазирии ҳудуд дар бозори сайёҳӣ баррасӣ карда шудааст. Самтҳои имконпазири рушди соҳаи сайёҳӣ ва роҳҳои ҷалби сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, оид ба такмили механизми роҳандозии он пешниҳодҳои мушаххас оварда шудаанд. Хулосаҳои асосии пешниҳодгардида метавонанд ба рушди усулҳои ташкили истеҳсолот ва хизматрасонии сайёҳӣ, идоракунии маҷмааҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ташаккули фазои иттилоотии сайёҳӣ, мусоидат намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба талаботи шиносномаи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 - Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), бандҳои: 1.9. Ҳолати муосир ва пешгӯии тамоюлҳои асосии рушди бозорҳои сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ; 1.12. Иқтисодиёти ҳудудҳои рушди сайёҳӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо; 1.13. Иқтидори захиравии соҳаи сайёҳӣ. Ҷобаҷокунӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва омилҳои асосии таъминкунандаи он; 1.17. Тамоюлҳои муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-иқтисодии хоҷагидорӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 1.22. Менежменти стратегӣ дар соҳаи сайёҳӣ. Таъмини рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ дар бозор; 1.26. Хусусиятҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ. Таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ дар бизнеси сайёҳӣ; 1.28. Самаранокии иқтисодии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ. Рушди бизнеси электронӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 1.29.Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди сайёҳии минтақавӣ; 1.30. Идоракунии анбуҳҳои сайёҳӣ бо истифода аз хизматрасониҳои логистикии рақамӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Давраҳои иҷрои таҳкиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст.

Муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок карда, нақшаи мантиқии иҷрои тадқиқоти диссертатсиониро таҳия намудааст. Ҳамчунин унвонҷӯ мустақилона маводи мавзуи таҳқиқотиро ҷамъоварӣ карда, онҳоро таркиббандӣ ва коркард намудааст. Унвонҷӯ дар МИС ва ФИС оид ба такмили механизмҳои таъмини иттилоотии ташкили хизматрасонии сайёҳӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод намуда, зарурати такмили механизмҳои таъминоти иттилоотии ташкили истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва идоракунии бахши сайёҳӣ дар вилояти Хатлонро тавсия намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар як қатор семинарҳо, конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда дар ҷараёни таълим дар кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии факултети менеҷмент ва идораи сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамчун кумаки методӣ истифода бурда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия муаллиф 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифа буда, 19 расму диаграмма, 18 ҷадвал ва 170 номгӯи адабиётро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** муҳиммияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи омӯхта шудани масъалаҳои гузошташуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ошкор карда шудаанд, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии кор муайян карда шуда, объект ва усули таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Дар боби якум - **“Асосҳои назариявии ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ”** нақши соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодӣ, захираҳои сайёҳӣ ва

технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ва ташаккули ҷараёнҳои иттилоотии сатҳи таъиноти сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дида баромада шудааст.

Дар боби дуюм - **“Таҳлили вазъи муосири рушди соҳаи сайёҳӣ ва таъминоти иттилоотии он”** иқтидори иқтисодиву иҷтимоии сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва нишондиҳандаҳои иттилоотикунонии он, арзёбии нишондиҳандаҳои асосии тамоюлҳо ва механизмҳои иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ва арзёбии вазъи муосири инфрасохтори муҳити иттилоотии соҳаҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳлил ва ошкор карда шудаанд.

Дар боби сеюм - **“Самтҳои асосии такмили таъмини иттилоотии соҳаи сайёҳии минтақаҳои Тоҷикистон”** роҳҳои воридсозии марказҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба фазои байналмилалии иттилоотӣ - сайёҳӣ, асосноккунии пешниҳоди таъсиси маркази иттилоотии сайёҳии “Бохтар” ва самтҳои асосии такмили сохтори ташкилию иқтисодии фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ (дар мисоли маҷмааи сайёҳии “Бохтар”) мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

Дар **хулоса** натиҷаҳо ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта оварда шудаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ САЙЁҲӢ

## 1.1. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар низоми иқтисодӣ

Дар замони муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои оянддор ва фоидаовар ба шумор меравад. Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) даромаде, ки аз содироти саноати сайёҳӣ ба даст оварда мешавад, дар қиёс бо даромади фаъолият дар соҳаҳои дигар нисбатан баландтар мебошад. Инчунин, аз лиҳози дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ истеҳсол гардидани зиёда аз нисфи маҳсулоти миллии кишварҳои ҷаҳон, Созмони милали муттаҳид (СММ) ҷомеаи ояндаро ҷамъияти хизматрасонӣ номидааст.

Воқеан, нақши сайёҳӣ дар иқтисоди муосир дар ҳоли афзоиш буда, дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба рӯйи як қатор мушкилоти бо ташкили саноати муосири сайёҳӣ алоқамандидошта қарор дорад.

Мавҷудияти захираҳои табиию фароғатии нотакрор ва мероси бойи таърихию фарҳангии мамлакат дар самти эҳё ва рушди минбаъдаи бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як омили муҳим баромад намуда, боиси яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат ба шумор рафтани он мегардад. Дар робита ба ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳии кишвар тадбирҳои назаррас, аз ҷумла беҳсозии инфрасохтори мавҷудаи сайёҳӣ, шароити мусоиди омаду рафти сайёҳони хориҷӣ ва ҷалби сармоягузориҳо дар ин самт, андешида шудаанд.

Аз лиҳози яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба шумор рафтани соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид, ки «Ба мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад»[37]. Минбаъд низ амалисозии ин иқдоми наҷиб аз ҷониби Роҳбари

давлат идома ёфта, солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид.

Дар самти омӯзиши масъалаҳои назариявию методологии рушди сайёҳӣ, таҳқиқи иқтидори захираҳои сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А. Абдуалимов, Ёров, Д.Ш., Ф.С. Қодиров, М. Қодирова, Қ. Миралиён ва дигарон таҳқиқоти илмӣ гузаронидаанд. Муҳаққиқ Ф.С. Қодиров [64] мероси таърихию фарҳангиро аз маҷмӯи анвои гуногуни ёдгориҳои таърихӣ, ёдгориҳои фарҳангию маънавӣ, ҳунарҳои миллии анъанавӣ ва осорхонаҳо арзёбӣ намудааст. Вале дар баробари мавҷудияти таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат, инчунин як қатор омилҳои халалдорсозандаи муназзамии рушди соҳаи сайёҳии кишвар арзи вуҷуд доранд, ки пурра омӯхта нашудаанд.

Омилҳои ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат таъсири манфидошта:

- номукаммалии инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, фарсудашавии қисмҳои базаи моддии мавҷуда, мавҷуд набудани намудҳои алтернативии ҳамлу нақли ҳавоӣ, мушкилоти фармоиши пешакии чиптаҳои тайёра;
- мушкилоти ҷалби сармоягузорӣ дар самти рушди соҳаи сайёҳии мамлакат ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ;
- инкишофи сусти воситаҳои таблиғотӣ доир ба имкониятҳои сайёҳии кишвар дар хориҷ аз он;
- номувофиқии сифати хизматрасонӣ дар қиёс бо кишварҳои дар ин самт пешрафта;
- номувофиқии нархгузорӣ дар меҳмонхонаҳо нисбат ба сифати хизматрасонӣ ва ғайра.

Албатта дар самти коҳиш додани таъсири омилҳои халалдоркунандаи рушди соҳаи сайёҳии кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳоро ҷиҳати барқарорсозии инфрасохтор ва рушди сайёҳии байналмилалӣ дар малакат, ташкили дастрасии ҷумҳурӣ барои ташрифории сайёҳони хориҷӣ, беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои сайёҳӣ ва санаторию

курортӣ, ҷалби сармояҳо ва ҳамин тавр табдил додани Тоҷикистон ба макони тамошои сайёҳони ҷаҳонӣ роҳандозӣ намудааст. Тазаккур бояд дод, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду густариши соҳаи фарҳанг як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ, аз қабили Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», «Дар бораи ҳифзу истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, «Барномаи ҳифзи меъроси фарҳанги ғайримоддӣ барои солҳои 2013-2020», «Барномаи рушди соҳаҳои фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ва ғайра аз таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ба ин соҳаи муҳиму афзалиятнок дарак медиҳад.

Ба ақидаи олими ватанӣ Қиёмиддин Миралиён устувории рушди соҳаи сайёҳии мамлакат аз амалӣ намудани тадбирҳои муайян, ки мувофиқ ба тақозои бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мебошанд, вобастагии назаррас дорад [33].

1. Иштироки дастаҷамъонаи сохторҳои ҷомеа, аз ҷумла, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи босамари қонунгузории соҳаи сайёҳӣ, таҳияи лоиҳаҳо, нақшаҳои амал, хатсайрҳо, ташкили инфрасохтори сайёҳии хос ба намуди хизматрасонии худ ва ғайра, ки дар шароити ҷомеаи демократӣ дорои аҳамияти махсус мебошад.
2. Ташвиқу таблиғи захираҳо ва имкониятҳои сайёҳӣ бар асоси стандартҳои байналмилалӣ.
3. Ташкили инфрасохтори сайёҳӣ бо шарту шароити фаъолияти судбахш ва ҳавасмандгардонии доираи соҳибкорон.
4. Омодасозии кадрҳо, яъне мутахассисони соҳаи сайёҳӣ.
5. Ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани низоми хизматрасонии сайёҳӣ.
6. Ташаккул додани симои (бренди) миллии сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳон.

Таъминоти кадрӣ яке аз омилҳои муҳими ба рушди сайёҳӣ таъсиррасон ба шумор меравад. Сатҳи инкишофу пешрафти соҳа маҳз аз рӯи касбият, дониш ва қобилияти мутахассисони соҳа муайян карда мешавад. Бе мутахассисони муосир мо наметавонем рушди соҳаи сайёҳиро дар кишвар ба сатҳи давлатҳои

тараққикарда баробар созем. Илова бар ин, омода кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ нисбат ба дигар соҳаҳо душвортар мебошад. Чунки мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар баробари хуб донистани соҳаи худ бояд дониши муфассалу комил доир ба илмҳои таърих, фарҳангшиносӣ, география, этнография, адабиёт, забон, дин, расму оин, урфу одат, якчанд забонҳои хориҷӣ ва истифодаи касбии технологияҳои иттилоотии муосирро дошта бошанд.

Ҳанӯз соли 1999 дар доираи эҳсоси норасоии кадрҳои соҳавӣ дар базаи Донишкадаи санъати Тоҷикистон шуъбаи «Менеҷменти сайёҳӣ» таъсис дода шуда буд[30]. Инчунин, барои омода намудани кадрҳои баландихтисоси бахши сайёҳӣ, аз тарафи Ҳукумати мамлакат соли 2020 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат бо Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат номгузорӣ карда шуд[2], ки дар он кадрҳои гуногуни бахши сайёҳӣ омода карда мешаванд. Вале барои ба талаботи стандарти байналмилалӣ-ҷаҳонӣ мутобиқ намудани хизматрасонии сайёҳӣ, бояд аз таҷрибаи кишварҳои дар соҳаи сайёҳӣ пешрафта истифода намуда, устодонро барои такмили ихтисос ва донишҷӯёну магистронро барои таҷрибаомӯзӣ ба он кишварҳо сафарбар намудан зарур мебошад.

Қарори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005 таҳти №337 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»[36] тасдиқ гардида, дар ин асос дар миқёси мамлакат як қатор ташкилотҳои сайёҳӣ соҳиби иҷозатномаи фаъолият гардиданд. Инчунин Вазорати  рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ташкилоти Байналмиллалии ғайридавлатии АКТЕД (Фаронса) ҳануз 1 июни соли 2006 бо мақсади густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои хориҷӣ дар соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар шаҳри Душанбе оид ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон семинар бургузор намуд.

Ҷиҳати густариши муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди сайёҳӣ дар қаламрави Тоҷикистон бо ташаббуси Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[2] Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Таърихи таъсис [Захираҳои электронӣ]. -URL: https://tg.wikipedia.org/wiki/Донишгоҳи_байналмилалии_сайёҳӣ_ва_соҳибкории_Тоҷикистон (санаи муроҷиат: 13.01.2021).

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои бо тартиби содда ба расмият даровардан ва додани раводидҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони баъзе кишварҳои хориҷӣ» ба шаҳрвандони 68 давлати ҷаҳон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 апрели соли 2006 таҳти № 134 тасдиқ гардид.

Бинобар ин, вазифаҳои асосӣ дар самти ташаккули стратегияи муосири маркетингӣ иборат аз пешниҳоди маҳсулоти миллии сайёҳӣ ба бозори байналмиллалӣ ва дохилӣ мебошад:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои тарғиботию иттилоотӣ оид ба сайёҳии воридшаванда ва дохилӣ, аз ҷумла ташкили барномаҳои радиою телевизионӣ барои кишварҳои хориҷӣ (ба мисоли кишварҳои ИДМ);
- нашри каталогҳо, буклетҳо, барандаҳои иттилоотӣ, харитаҳо, маҷаллаҳо ва маҳсулоти дигари таблиғотию иттилоотӣ ва нашриявӣ;
- иштироки фаъолона дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳии дар хориҷа баргузоршаванда тавассути ташкили лоиҳаи ягонаи ҷумҳуриявӣ бо ҷалби мақомоти ҳокимияти иҷроия ба соҳаи сайёҳӣ;
- ташкили тамини фаъолияти намояндагии сайёҳӣ дар хориҷа, ки вазифаи марказҳои тарғиботию иттилотиро низ фаро мегирад;
- ташкили муаррифии имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон дар кишварҳои асосие, ки ба кишвари мо сайёҳони хориҷиро мефиристанд;
- ташаккули омори муосири сайёҳӣ ба талаботи ҷаҳонии сайёҳӣ, ки нишондиҳандаҳои соҳаҳои омехтаро ба соҳаи сайёҳӣ ба инобат мегирад;
- ташкили системаи муосири тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон.

Дар заминаи амалӣ намудани барномаҳои стратегии ба рушди соҳаи сайёҳӣ нигаронидашуда ва бо дастгирии бевосита ва ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳии кишвар дар шабакаи сайёҳии байналмилалӣ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои воқеӣ имконият пайдо намуд, ки дар натиҷа он сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳодааст, ки дар боби дуюм муфассал мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Иштироки ҳарсолаи ширкатҳои сайёҳии ҷумҳурӣ дар кори ярмаркаҳои сайёҳии байналмилалӣ, аз ҷумла дар Берлин, Шанхай, Теҳрон, Алмаато, Тошкент, Москва, нашри рекламаи маҳсулот, кушодани саҳифаҳои махсусгардонидашуда дар шабакаи Интернет, мавқеи фаъоли намояндагони ҷумҳурӣ дар конфронсҳо ва чорабиниҳое, ки дар доираи чорабиниҳои СУС гузаронида мешаванд ба мустаҳкамгардии нуфузи Тоҷикистон дар хориҷа ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд оварда расонид.

Тавре аз натиҷаи таҳқиқоти олимон ва коршиносони соҳа бармеояд, рушди соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ аз ташкил, амалисозӣ ва такмили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳамчун таҳкурсии қонунгузории соҳа вобастагии зич дорад. Бинобар ин, вобаста ба аҳамияти рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади инкишофи ояндаи сайёҳӣ заминаи зарурии қонунбарорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил карда шудааст. Муқаррароти моддаҳои 12, 37, 38-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди фаъолияти соҳаи сайёҳӣ аҳамияти хоса дошта, қонунгузориҳои дигари соҳа аз он сарчашма гирифтаанд ва низоми қонунгузории соҳа низ ба он мутобиқ карда шудааст.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 3 сентябри соли 1999 таҳти №824 маҳз барои ба танзимдарории самти хизматрасониҳои сайёҳӣ равона гардидааст[35]. Инчунин дар заминаи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар низ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки махсусан ба рушди низоми идоракунии сайёҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии нишондиҳандаҳои он равона гардидаанд, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ», Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Айни замон фаъолияти ширкатҳои сайёҳии дар мамлакат фаъолияткунанда тавассути қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикршуда ба танзим даровarда шудааст.

Дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон  айни замон беш аз 125 иншооти сайёҳии самти санаторию истироҳатидошта арзи вуҷуд доранд, аз ҷумла 51

меҳмонхона, 9 осоишгоҳ ва қисми боқимондаро минтақаҳои истироҳатӣ, хонаҳои истироҳатӣ, базаҳои сайёҳӣ ва лагерҳои тандурустӣ ташкил медиҳанд. Аксари меҳмонхонаҳо (18 адад) дар шаҳрҳои бузурги кишвар, ба монанди Душанбею Хуҷанд ҷойгир буда, 66 фоизи онҳо ба субъектҳои соҳибкории хурд ва танҳо чор меҳмонхона ба гурӯҳи ташкилотҳои калон тааллуқ доранд. Ғунҷоиши меҳмонхонаҳо дар як вақт тақрибан 1116 ҷойро ташкил мекунад [14, С.189].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабул ва хизматрасонии хориҷиён се фурудгоҳи байналмилалӣ воқеъ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва Хуҷанд фаъолият мекунанд. Аз ғарб ба шарқ қаламрави Тоҷикистонро 3 шохаи роҳи оҳан бурида мегузарад, ки онҳо минтақаҳои ғарбии кишварро бо қисматҳои марказӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ ба воситаи қаламрави давлатҳои ҳамсоя - Ӯзбекистону Туркманистон мепайванданд.

Гуфтушунидҳои бомуваффақият оид ба ҳамкории манфиатнок бо намояндагони фирмаҳои сайёҳии Олмон, Фаронса, Ҷумҳурии исломии Эрон, Қувейт ва Покистон гузаронида шуд, ки боварии операторҳои сайёҳии хориҷиро ба хизматрасониҳои сайёҳии бозори миллӣ ифода мекунад.

Ҷиҳати афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ дар доираи иҷрои дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти демократикунонии ҷомеа, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот оид ба содда кардани раванди гирифтани раводидро, ки қаблан дар самти афзоиши шумораи ташрифи сайёҳони хориҷӣ ин масъала таъсири манфӣ дошт, дастгирӣ намуд. Дар доираи ин ҳадаф аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фурӯдгоҳи шаҳри Душанбе бунёди бюрои консулгарӣ ба нақша гирифта шуд. Инчунин бо ташаббуси Ҳукумати шаҳри Душанбе, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили дастрасии бештари Тоҷикистон барои шаҳрвандони хориҷӣ, бо роҳи ҷорӣ намудани раводидҳои махсуси сайёҳӣ аз рӯи нархҳои имтиёзнок, кушодани қисми зиёди қаламрави Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои ташрифоварӣ, ба зиёдшавии воридшавии сайёҳони хориҷӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст.

Барои фаъолгардонии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо як қатор маъмуриятҳои миллии сайёҳии давлатҳои ҷаҳон, Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ (ТУС) ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалии сайёҳӣ шартномаҳои расмӣ барқарор гаштаанд. Махсусан, аз тарафи Ҳукумати шаҳри Душанбе зиёда аз 10 созишномаҳо ба имзо расидааст, ки баъзе аз онҳо, аз ҷумла бо Федератсияи Руссия, Ҷумҳурии Халқии Хитой бо муваффақият иҷро шуда истодаанд.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ додани мақоми равияи афзалиятноки иқтисодиёт, қабул ва иҷрои қарор дар бораи эълон намудани ноҳияи Варзобу Балҷувон ва дараи Ромит ҳамчун минтақаи санаторию-курортии истироҳатӣ ва сайёҳии байналмилалӣ, пеш аз ҳама ба барқароршавии сайёҳии дохилӣ, барқароркунии объектҳои дар ин ноҳияҳо мавҷудбуда, ташкили шароитҳои дастрас барои истироҳат ва табобат мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, ибтидо аз соли 2002 ҳавасмандии ташкилотҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои иштирок дар инкишофи сайёҳии дохилию хориҷӣ ба назар мерасид.

Ҳамин тавр, моҳи марти соли 2003 аз тарафи ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкориҳои техникӣ кумаки молиявӣ ба 8-корхонаҳои сайёҳии ҷумҳурӣ барои иштирок дар ярмаркаи байналмилалӣ дар шаҳри Берлин (Олмон) расонида шуд ва ба ҷумҳурӣ равон кардани коршиносони байналмилалӣ барои омӯзиши вазъи сайёҳӣ ташкил карда шуд. Инчунин, ташаббус оид ба таъсис додани маркази омӯзишию методӣ доир ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, фаъолияти меҳмоннавозии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар Тоҷикистон дастгирӣ карда шуд.

Дар ин самт бо дастгирии фонди «Сорос» лоиҳаҳо оид ба гузаронидани семинарҳо ва тренингҳо дар шаҳри Душанбе барои субъектони фаъолияти сайёҳӣ, инчунин роҳбарони меҳмонхонаҳо бомуваффақият амалӣ гардиданд.

Ҳамзамон созишнома оид ба ҳамкорӣ бо фонди Оғохон роҷеъ ба барномаи рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ба даст оварда шуд.

Бо мақсади таблиғ намудани имкониятҳои нодири соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ва инкишофи ҳамкориҳои минтақавӣ моҳи октябри соли 2004 аввалин ярмаркаи ҷумҳуриявии «Сайёҳӣ ва истироҳат» бо муваффақият гузаронида шуд.

Таҳлили вазъи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат аз он медиҳад, ки дар қатори шаклҳои анъанавии сайёҳӣ (алпинизм, варзишию кӯҳӣ, экологӣ, маърифатӣ) инчунин сайёҳии конгрессию корӣ низ рушд ва афзалиятнокии муайянро доранд.

Аз тарафи ҳукумати кишвар ҷиҳати барқароркунии инфрасохтори сайёҳии мамлакат, аз ҷумла ба рушди сайёҳии табобатӣ, санаторию курортӣ ва истироҳатию тандурустӣ диққати махсус дода мешавад. Айни замон дар ҷумҳурӣ 185 – объектҳои фаъолияти сайёҳӣ, аз ҷумла:

- 9 – муассисаи санаторию курортӣ,
- 51 – меҳмонхона,
- 125 – базаҳои сайёҳӣ (дар ноҳияи Варзоб – 65, дар дараи Ромит – 40, дар вилояти Суғд – 13 адад) мавҷуд мебошанд, ки вазъи имрӯзаи сайёҳиро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунанд.

Дар ҷадвали 1.1.1 объектҳои фаъолияти сайёҳӣ, ки мавқеи хосро ташкил менамоянд, оварда шудаанд.

Захираҳои табиӣ яке аз омилҳои асосӣ ва заминаи боэътимоди истифодаи рекреатсионӣ ва сайёҳии ин ё он марзи мамлакат мебошад, вале истифодаи воқеии онҳо тавассути омилҳои шароити табиӣ ба ташаккул ва рушди маҷмӯъҳои (комплексҳои) рекреатсионӣ таъсири ҷолиб мерасонад, зеро захираҳои табиӣ боиси интихоби истироҳаткунандагон ва сайёҳон мегардад.

Захираҳои табиӣ ба мо имкон медиҳад, ки захираҳои сайёҳӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳиро ба хоҳишмандон пешниҳод намоем. Дар параграфи навбатӣ мо оиди захираҳои сайёҳӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳиро мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

**Ҷадвали 1.1.1 – Объектҳои маъмули бахши сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгӯи объектҳо | Эзоҳ |
|---|---|
| Осоишгоҳи «Хоҷа оби гарм» | Дар минтақаи зебои дараи Варзоб дар масофаи 48 км. дуртар аз маркази ҷумҳурӣ дар баландии 1980 м аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Осоишгоҳ дорои фаъолияти доимӣ буда, барои 500-ҷои хоб пешбинӣ шудааст. Имконияти қонеъ кардани ҳавасмандон ва талаботи дӯстдорони лижаронии кӯҳиро дорад. |
| Санаторияи «Шоҳамбарӣ» | Дар масофаи 26 км. дуртар аз ғарби Душанбе дар водии Ҳисор воқеъ буда, дар баландии 1150м. аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Санатория тамоми сол амал карда, барои мизоҷон 260-ҷой дар зимистон ва 418-ҷой дар тобистон пешниҳод мекунад. |
| Хонаи истироҳати «Баҳри Қайроқум» | Дар масофаи 12км. дурдар аз шаҳри Хуҷанд ҷойгир мебошад. Дар давраи тобистон амал карда, барои 250-ҷойи хоб пешбинӣ шудааст. |
| Маркази байналхалқии кӯҳии сайёҳии «Артуч» | Дар масофаи 76 км дуртар аз шаҳри Панҷакент дар ноҳияи Кӯли Калон ҷойгир мебошад. Марказ истироҳатро барои дӯстдорони сайёҳии варзишию алпинизм ва баромадан ба кӯҳро фароҳам меоварад. Аз моҳи май то моҳи октябр амал карда, барои 150-ҷойи хоб пешбинӣ шудааст. Ҳамаи шароитҳои истироҳатро доро мебошад. |
| Меҳмонхонаи «Тоҷикистон» | Дар маркази шаҳри Душанбе дар фосилаи вақтии 15-дақиқа дуртар аз фурудгоҳ ҷойгир буда, барои қабули 250-сайёҳони дохилию хориҷӣ омодааст. Дорои тарабхона, ошхонаи миллӣ ва аврупоӣ, кабели телевизионӣ, шаклҳои нави алоқа ва бари шабона мебошад. Аз рӯи стандартҳои худ ба меҳмонхонаи 3-ситорадор мувофиқ мебошад. |
| Меҳмонхонаи «Душанбе»- | Дар маркази пойтахт дар фосилаи вақти 10-дақиқа дуртар аз фурудгоҳ ҷойгир буда, барои қабули 70-нафар сайёҳон пешбинӣ шуда, дорои тарабхона, ошхонаи миллӣ ва аврупоӣ, билярд ва кабели телевизионӣ мебошад. Аз рӯи стандартҳои худ ба меҳмонхонаи 3-ситорадор мувофиқат менамояд. |
| Меҳмонхонаи «Авесто» | Дар маркази шаҳри Душанбе дар фосилаи вақти 15-дақиқа дуртар аз фурӯдгоҳ ҷойгир буда, барои қабули 80-нафар сайёҳони хориҷӣ пешбинӣ шудааст.Дорои тарабхона ва ошхонаи миллӣ мебошад. Аз рӯйи стандартҳои худ ба меҳмонхонаи 3-ситорагӣ мувофиқат менамояд. |
| КВД меҳмонхонаи «Хатлон» | Дар шаҳри Кӯлоб ҷойгир мебошад. Имконияти қабули то 26-нафар шаҳрвандони хориҷиро дошта, дорои тарабхона ва ошхонаи миллӣ мебошад. |
| Меҳмонхонаи «Тавҳид» | Дар шаҳри Хуҷанд ҷойгир мебошад. Имконияти қабули то 20-нафар меҳмонони хориҷиро дошта, дорои тарабхона ва ошхона мебошад. Ба меҳмонхонаи 3-ситорагӣ мувофиқат менамояд. |
| Меҳмонхонаи «Кайён» | Дар маркази шаҳри Душанбе дар фосилаи вақти 20-дақиқа дуртар аз фурӯдгоҳ ҷойгир мебошад. Барои қабули 12-нафар сайёҳони хориҷӣ пешбинӣ шуда, ҳамаи шароитҳои зарурии зиндагӣ, хӯрок ва истироҳатро дорад. Ба меҳмонхонаи 4-ситорагӣ мутобиқат менамояд. |
| Меҳмонхонаи фонди Оғохон «Серена» | Дар масофаи 10км. дуртар аз шаҳри Хоруғ (ВМКБ) ҷойгир мебошад. Ҳамаи имкониятҳои қабул ва хизматрасонии 18-нафар сайёҳони хориҷиро дорад. Ба меҳмонхонаи 4-ситорагӣ мутобиқат мекунад. |

***Таҳияи муаллиф.***

## 1.2. Захираҳои сайёҳӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ

Сайёҳӣ аз истифодаи мақсаднок ва оқилонаи захираҳои сайёҳӣ замина гирифтааст. Захираҳои сайёҳӣ – хусусиятҳои хоси муҳити табиӣ, инчунин омӯзиши онҳо, зуҳуроти фаъолияти инсонӣ, ашёи табиӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ мебошанд, ки предмети таваҷҷуҳи сайёҳон маҳсуб ёфта, онҳоро ба сайёҳат ҳавасманд мекунанд ва қобилияти қонеъ намудани талаботи онҳоро дар барқарорсозӣ ва рушди неруҳои ҷисмонӣ, эмотсионалӣ ва зеҳнӣ дорад. Ба сифати захира на танҳо манзара ё макони таърихӣ, балки оромӣ, ҳавои тоза, меҳмоннавозии сокинон, дастрасии вақтхушиҳо ва ғайра хизмат мекунанд. Дар он ҷое, ки захираҳои сайёҳӣ арзи вуҷуд надоранд, сайёҳӣ наметавонад рушд ёбад.

Аз нуқтаи назари ҷуғрофияи рекреатсионӣ, ба манбаъҳои сайёҳӣ геосистемаҳои табиӣ ва антропогенӣ, ҷисмҳо ва падидаҳои табиӣ, бозёфтҳои таърихӣ тааллуқ доранд. Хусусиятҳои мусоид ва арзиши истифодабарии фаъолияти рекреатсиониро метавон барои ташкили истироҳат ва солимгардонии гурӯҳи муайяни одамон дар вақти муайян тавассути технологияи мушаххас ва бо воситаҳои моддии муайян истифода намуд.

Моҳияти захираҳои сайёҳӣ аз он иборат мебошад, ки онҳо заминаи ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ ба ҳисоб меёбанд ва пешниҳоди он ба захираҳои умумии сайёҳӣ ҳама чизест, ки дар минтақаи муайян барои ташкили фаъолияти сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳон истифода бурда мешавад.

Агар мо сайёҳиро ҳамчун як намуди рекреатсия баррасӣ намуда, захираҳои сайёҳиро аз нуқтаи назари фаъолияти рекреатсионӣ арзёбӣ намоем, пас мафҳуми «Захираҳои сайёҳӣ» бо мафҳуми «Захираи рекреатсионӣ» шабеҳ дониста мешавад. Баъзе муаллифон захираҳои рекреатсиониро ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои табиат, шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва арзишҳои фарҳангӣ, ки ҳамчун шароити қонеъ кардани ниёзҳои рекреатсионии инсон баромад мекунанд, муайян менамоянд [39]. Асоси бо мақсади сайёҳӣ истифода намудани захираҳо ва объектҳои сайёҳиро шавқ ва таассуроти сайёҳӣ ташкил медиҳад.

Манфиат (шавқ)ҳои сайёҳӣ – ин дурнамои аз ҷониби сайёҳон ба даст овардани маълумоти воқеӣ, эҳсосоти мусбӣ ё имконияти эҳтимолии қонеъ намудани талаботи нақшавии сайёҳ, дар мадди аввал, бо хизматрасонӣ ва молу маҳсулоти мушаххаси сайёҳӣ мебошад, ки ба маҷмӯи муайяни захираҳои сайёҳӣ асос ёфтааст ва объекти манфиатҳои сайёҳиро ташкил медиҳад. Объектҳои хоси таваҷҷуҳи сайёҳӣ – маконҳои таърихӣ, объектҳои табиӣ ва минтақаҳои иқлимию табиӣ, объектҳои намоиши иҷтимоию фарҳангӣ ва амсоли инҳо мебошанд, ки онҳо қодиранд талаботи сайёҳро ҳангоми сафари сайёҳӣ ё ҳангоми сайёҳат ва истеъмоли хизматрасонӣ ё маҳсулоти сайёҳӣ қонеъ гардонанд. Аммо, барои истифодаи самараноки ин объектҳо дар соҳаи сайёҳӣ инфрасохтори муайян ва саноати сайёҳӣ зарурат дорад, ки онҳо шароити зеринро таъмин менамоянд:

- ба сайёҳ дастрас гардонидани маълумот доир ба объекти мушаххаси сайёҳӣ, ки барои ҳавасмандгардонии боварибахши сайёҳат дар ин минтақа ва ин объект зарур ва кофӣ мебошад;
- ҳаракати бехатар ва мусоиди сайёҳ ба ин минтақа;
- ҷойгиркунӣ;
- хӯрока;
- дилхушӣ.

Сайёҳ табиатан кунҷкови ҷолибият мебошад. Ӯ чизҳои нав, яъне номаълумро донистан (дидан, шунидан, ламс кардан, чашидан ва ғайра) мехоҳад, ё ин ки мехоҳад шахсан ба он хосиятҳои объекти муайян, ки ӯ дар бораи объектҳои мазкур мустақиман ва ё бавосита аз сарчашмаҳои гуногун (китобҳо, филмҳо, видеоҳо, ҳикояҳо) шинос гардидааст, итминони комил пайдо кунад. На ҳама ашё ё ҳодисаҳо ба одамон таъсири мусбат мерасонанд, баъзе аз онҳо эҳсосоти сарди шадид ва дарднокро эҷод намуда, бо худ хавфи воқеиро дарбар мегиранд (сайёҳии моҷароҷӯӣ ё шадиднок). Аммо, сайёҳ ҳатто бо дарки ин хусусият ҳам ба объекти мазкур таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва ба хотимаи мусбии он мутмаин мебошад.

Таассуроти сайёҳӣ ин маҷмӯи эҳсосотҳо асосан доир ба ҳолати мусбии маънавӣ ва ҷисмонии сайёҳ мебошад, ки онҳо дар зери таъсири истеъмоли хизматрасонии сайёҳӣ, хариди молҳои сайёҳӣ ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ ташаккул меёбанд.

Таассуроти сайёҳӣ ҳангоми экскурсияҳо, тамошои манзараҳои зебои табиӣ ва маконҳои ҷолиб, тарабхонаҳо, зист дар меҳмонхонаҳо ва ғайра ба вуҷуд меояд. Азбаски вазифаи асосии сайёҳӣ аз қонеъ гардонидани талабот ба истироҳат ва фароғат иборат мебошад, пас инсон тавассути хариди хизматрасонии сайёҳӣ ба таври табиӣ ба нақша мегирад, ки дар раванди истироҳат ва беҳсозии саломатӣ инчунин эҳсосоти мусбат ба даст орад. Бояд хотиррасон кард, ки баъзе аз намудҳои сайёҳӣ, масалан сайёҳии тиҷоратӣ метавонад ҷойгоҳи фароғатӣ надошта бошад.

Дар адабиёти иқтисоди ватанӣ таснифи гуногуни моҳият ва сохтори захираҳои сайёҳӣ вомехурад. Масалан, Мирсаидов А.Б. чунин таъкид медорад: «Захираҳои сайёҳӣ ҳамчун ашё ё падидаҳои табиию иқлимӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таърихӣ, меъморӣ ва бостоншиносӣ, илмию истеҳсолӣ, фароғатӣ ва дигар объектҳо ё падидаҳое мебошанд, ки метавонанд дар раванди фаъолияти сайёҳӣ талаботи инсонро қонеъ гардонанд» [121]. Муҳаққиқони дигари тоҷик Б.О. Ҳамдамов ва М.И. Қодирова [76, с.52-55] захираҳои сайёҳиро ба объект ё падидаҳои табиию иқлимӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, таърихӣ, меъморӣ ва бостоншиносӣ, илмӣ ва саноатӣ, тамошобоб, парастишӣ ва ғайра тақсим мекунанд, ки онҳо метавонанд ба қонеъ гардонидани талаботи инсон дар равандҳои сайёҳӣ мусоидат намоянд. Дар асоси таснифоти олимони ватанӣ мо низ гурӯҳҳои асосии захираҳои сайёҳиро тасниф намудем, ки он дар ҷадвали 1.2.1 оварда шудааст.

Захираҳои сайёҳии рекреатсионӣ – ин ҷузъи ҷуғрофии муҳити атроф, объектҳои фаъолияти антропогенӣ мебошанд, ки онҳоро ба шарофати як қатор хосиятҳо, ба монанди беҳамтоӣ, арзишҳои таърихию бадеӣ, асолат, ҷаззобияти эстетикӣ метавон дар раванди ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти

рекреатсионӣ истифода намуд. Се намуди захираҳои сайёҳию рекреатсиониро ҷудо мекунанд: табиӣ; таърихӣ- маданӣ; иҷтимоию иқтисодӣ.

**Ҷадвали 1.2.1 - Таснифи гурӯҳҳои асосии захираҳои сайёҳӣ**

| № т/р | Намуд | Хислат |
|---|---|---|
| **1.** | Захираҳои сайёҳии рекреатсионӣ | Аз рӯи хосиятҳо, аз ҷумлаи беҳамтоӣ, арзиши таърихӣ ё бадеӣ, асолат, ҷаззобияти эстетикӣ ҷузъҳои ҷуғрофии муҳити атроф ва объектҳои фаъолияти антропогениро метавонанд барои ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти рекреатсионӣ истифода намуд. |
| **2.** | Табиӣ | Манзараҳои зебои табиӣ, хусусиятҳои табобатии иқлимӣ, ҷангалҳо, обҳои рӯизаминӣ, инчунин хусусиятҳои рекратсионии манзараҳои кӯҳӣ ва ҳамвориҳо, минтақаҳои мамнуъгоҳи табиӣ. |
| **3.** | Захираҳои таърихию фарҳангӣ | Ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ки дорои арзиши иҷтимоию тарбиявӣ мебошанд, метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои маънавии аҳолӣ истифода гарданд. Ба захираҳои таърихию фарҳангӣ ёдгориҳои таърихӣ, бостоншиносӣ, меъморӣ, ашёи фарҳанги моддӣ (асбобҳо, ашёи рӯзгор, ҳунарҳои дастӣ, либос, хӯрокҳои миллӣ), унсурҳои фарҳанги маънавӣ (санъатҳои тасвирӣ, фолклор, анъанаҳои мардумӣ, эътиқод ва ғайра), асарҳои санъати монументалӣ; хусусиятҳои этнографии қаламрав дохил мешаванд; |
| **4.** | Захираҳои иҷтимоию иқтисодӣ | Мавқеи ҷуғрофӣ, дастрасии нақлиётии қаламрав, сатҳи рушди иқтисодӣ, хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ ва ғайра. Ба инҳо тааллуқ доранд: истеҳсоли моддӣ, ниёзҳои сайёҳӣ, иншооти инфрасохторӣ, инчунин одамоне, ки дар соҳаи сайёҳӣ кор мекунанд ё дар ташкил ва нигоҳдории фаъолияти сайёҳӣ иштирок мекунанд. |

*Таҳияи муаллиф.*

Ба захираҳои табиӣ омилҳо, хусусият ва хосияти ҷузъҳои муҳити табиӣ тааллуқ доранд, ки дар ташкили фаъолияти сайёҳӣ дорои хусусиятҳои мусбии миқдорию сифатӣ мебошанд ва онҳоро метавон барои истироҳат, фароғат, табобат ва барқарорсозии саломатӣ истифода намуд. Захираҳои табииро аз рӯи хусусиятҳои истифодабарӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: мақсаднок (танҳо захираҳои рекреатсионӣ), бисёрҳадафӣ.

Ба захираҳои таърихию маданӣ ҳамчунин намудҳои волои меъмории муосир, осорхонаҳо, намоишу театрҳо мансубанд, ки онҳо ҷузъи диққатҷалбкунандаи барномаи сайёҳӣ ба шумор мераванд, чун онҳо диққати сайёҳонро бештар ҷалб мекунанд. Дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон онҳо захираи нисбатан аҳамиятноки сайёҳӣ маҳсуб меёбанд, ки барои бадастоварии даромад фаъолона истифода мегарданд. Масалан, қисми зиёди даромади мамлакатҳои Италия ва Фаронса, ки тавассути хоҷагии рекреатсионӣ ба даст

меояд, бо истифодаи самараноки иқтидори таърихию маданӣ амалӣ мегардад. Ба он ҳамчунин сохти ташкилии хизматрасониҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад. Ёдгориҳои таърихию фарҳангии ҷаҳонии Рум, Венетсия, Флоренсия, Париж ҳамасола садҳо ҳазор сайёҳонро ба худ ҷалб мекунанд. Ба объектҳои маъруфи сайёҳӣ қалъаҳои асримиёнагии подшоҳон, феодалони сарватманд, султонҳо ва шоҳон дохил мешаванд. Бисёр қалъаҳои Аврупо ва Ховари Миёна бо фармоиши маънавият сохта шудаанд. Қисми назарраси иншоотҳои қалъавӣ то имрӯз дар шакли харобаҳо боқӣ мондаанд. Вале инчунин қалъаҳои ҳифзшуда ва барқароршуда, махсусан дар Фаронса ва Испания ба таври кофӣ мавҷуданд. Баъзе аз қалъаҳо дар Олмон, Швейтсария, Испания ба музейҳои дорои коллексияи бошукӯҳи мусавварахои асримиёнагӣ, ҷиҳоз ва зарфҳо табдил дода шудаанд.

Ба захираҳои иҷтимоию иқтисодӣ инчунин захираҳои якхела (гомогенӣ) тааллуқ доранд, ки таҳти он маҷмӯаҳои табиӣ ва фарҳангию таърихии марбут ба гузаштаи кишвар дарк карда мешаванд. Ба онҳо маконҳои марбут ба ҳаёт, кор ё будубоши намояндагони намоёни давлатҳои хориҷӣ дар қаламрави кишвар; макони ҷангҳову дафнҳо тааллуқ доранд. Масалан, дар Украина беш аз 500 адад ингуна объектҳо муайян карда шудааст.

Вобаста ба таснифоти коркарднамудаи А.А. Минтс ҳамаи захираҳои сайёҳиро шартан ба се гурӯҳ тақсим мекунанд [67]:

- истироҳатӣ- табобатӣ (захираҳои обҳои минералӣ, лойи табобатӣ);
- солимии умумӣ ва рекреатсионӣ;
- маънавию фарҳангӣ (манзараҳо, ёдгориҳои таъриию фарҳангӣ).

Дар байни онҳо намудҳои асосии захираҳои сайёҳию рекреатсиониро ба чунин намудҳо ҷудо мекунанд:

- соҳили баҳрҳои гарм;
- соҳили дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳо;
- минтақаҳои ҷангалӣ ва марғзор;
- доманакӯҳҳо ва кишварҳои кӯҳӣ;
- шаҳрҳо – пойтахт ва марказҳои таърихӣ;

- шаҳрҳо – курортҳо ва минтақаҳои курортӣ;
- маҷмааҳои муқаддас ва маҷмааҳои дигар, ки дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин ва берун аз он ҷойгиранд;
- харобаҳои шаҳрҳои қадимӣ, қалъаҳо (иншоотҳои муҳофизатии ҳарбӣ), катакомбаҳо (галереяҳои зеризаминӣ), шаҳрҳои ғорӣ.

Самаранокии фаъолияти сайёҳӣ аз бисёр ҷиҳат аз арзёбии кофии тамоми маҷмӯи захираҳои сайёҳӣ вобаста аст. Вале пеш аз оғози арзёбӣ, захираҳои сайёҳиро мебояд ба ҷузъҳо тақсим кард, яъне зарурати таснифи онҳо вуҷуд дорад. Дар адабиёти илмӣ якчанд усулҳои таснифи захираҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст. Дар байни онҳо таснифоти иқтисодшиноси Лаҳистон М. Трауси (1963) ва иқтисоддони фаронсавӣ П. Дефер (1972) аз ҳама паҳншуда мебошад. Асоси таснифоти М. Траусиро тақсимбандии захираҳои сайёҳӣ: *тавассути меҳнати инсон офаридашуда ва бевосита офаридашуда*, ташкил медиҳад. Ӯ се гурӯҳи зерини захираҳои сайёҳиро ҷудо мекунад:

**1.** Захираҳои табиии сайёҳӣ, ки ҳамчун «сармояи эҳтимолии сайёҳӣ» муайян карда мешаванд, ба онҳо иқлим, ҳаво, манзара, баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, ҷангалҳо ва ғайраро мансуб медонанд. Захираҳои сайёҳии мазкурро метавон ҳамчун захираҳои табиӣ ва иқлимӣ муайян кард. Хусусияти захираҳои табиӣ дар он аст, ки онҳо ҳангоми истеъмол барқарор намегарданд ё ин ки дар тӯли даҳсолаҳо ва ҳатто асрҳо аз нав барқарор мешаванд, масалан, растаниҳои хоҷагии ҷангал.

**2.** Захираҳои сайёҳӣ, ки бо меҳнати инсон ба вуҷуд омадаанд, яъне иншооти меъморӣ, муҷассамаҳо, эҷодиёти сунъӣ ва ғайра. Онҳо ашёи намоиш ё экскурсия ба ҳисоб мераванд.

**3.** Захираҳои иловагии сайёҳӣ, ки бо меҳнати инсон барои таъмини хизматрасонӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумлаи инфрасохтори минтақа, ҳамаи корхонаҳое, ки барои қабул ва хизматрасонии сайёҳон пешбинӣ шудаанд. Чунин захираҳоро инчунин шароити иқтисодии сайёҳӣ низ номидан мумкин аст, зеро онҳо ба сифати заминаи баҳодиҳии рушди бахши хизматрасонӣ дар самти қабул ва хизматрасонии сайёҳон баромад мекунанд. Масалан, дар баъзе

аз кишварҳои Аврупо турҳои махсуси гастрономӣ нисбатан васеъ паҳн шуда истодаанд. Ҳадафи чунин сафарҳо иборат аз тамошои тарабхонаҳои муайян ва ошноӣ бо таомҳои ин ё он кишвар мебошад. Ҳамин тавр, сафарҳои гастрономӣ дар Испания талаботи зиёдро ба худ касб кардааст, ки дар арсаи ҷаҳон машҳур гардидааст. Масалан, Октоберфест - ҷашни “оби ҷав” дар Мюнхен.

Дар фарқият нисбат ба ақидаи М. Трауси, П. Дефер корхонаҳои ба қабул ва хизматрасонии сайёҳон нигаронидашударо ба захираҳои сайёҳӣ мансуб намедонад. Ба андешаи мо, ин равиш дар он ифода меёбад, ки ин гуна корхонаҳо танҳо имконияти истифодаи захираҳои сайёҳиро фароҳам меоранд, аммо худ ба худ наметавонанд ҳадафи сайёҳии сайёҳатӣ бошанд.

Аз рӯйи хусусияти истифода манбаъҳои сайёҳиро ба мустақим ва ғайримустақим тақсим кардан мумкин аст:

- захираҳои мустақим сарватҳои табиӣ ва таърихию фарҳангие мебошанд, ки аз ҷониби худи сайёҳон истифода мегарданд;
- захираҳои ғайримустақим – ин захираҳои иҷтимоию иқтисодӣ (моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ) мебошанд, ки барои бадастоварӣ ва истифодаи захираҳои мустақими сайёҳӣ ҷалб мегарданд.

Ҳамин тавр, тамоми маҷмӯи захираҳои сайёҳиро ба табиию иқлимӣ, таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ тақсим мекунанд, ки ба онҳо, шароити иқтисодии сайёҳатро маҳсуб донистан мумкин аст.

Захираҳои сайёҳӣ сарвати миллӣ мебошанд, вале баъзеи онҳо аҳамияти махсус доранд. Рӯйхати объектҳо ва ёдгориҳои аҳамияти ҷаҳонидошта аз ҷониби ЮНЕСКО ҳар сол муқаррар ва азнавсозӣ карда мешавад. Тамоми ёдгориҳои фарҳангӣ ва табиӣ объектҳоеанд, ки таҳти ҳимояи давлат мебошанд ва инчунин барои дастгирӣ, ҳифзи ёдгориҳо ва объектҳои дорои аҳамияти ҷаҳонӣ равона карда шудаанд.

Захираҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ беҳудуд нестанд. Онҳо дорои ҳаҷми муайян (захираи иқтидорӣ), муҳлати истифода, шароити корбарӣ ва арзиши худ мебошанд. Муайян кардани захираҳо бо дараҷаи омӯзиши комплексҳои табиию фарҳангӣ, захираҳои меҳнатӣ барои истифодаи онҳо дар ин ё он фаъолияти

мушаххаси сайёҳӣ алоқаманд аст. Барои захираҳои табиӣ усулҳои муайяни ҷустуҷӯие мавҷуданд, ки онҳо арзиши рекреатсионии манзараҳо, шароити биоклимитии маҳаллӣ, ҳолати экологии муҳити табиӣ, арзёбии умумӣ ва муфассали обҳои минералӣ, лойи табобатиро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бо истифодаи захираҳои сайёҳӣ асос ёфтааст, ки технологияҳои мувофиқи истеҳсолотро талаб мекунад. Ҳар як истеҳсолоти муосир ҳузури ҳамзамони баъзе аз омилҳо, воситаҳо ва технологияҳоро талаб мекунад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани ин се ҷузъ, оғози раванди истеҳсолот ва бунёди маҳсулот ё хизматрасонии мушаххасе, ки дар бозор талабот доранд, имконпазир мегардад.

Барои таъмини раванди истеҳсолот, инчунин аз рӯи як қатор талаботи зерин ба ҳам мувофиқсозии ин се ҷузъ зарурат дорад [78]:

– ҳаҷми зарурии ҷузъҳои истеҳсолот, яъне ифодаи миқдории онҳо, ки на танҳо ташкили раванди истеҳсолот, балки афзоиши минбаъдаи ҳаҷми истеҳсолотро таъмин месозад;
– сифати назардошти омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои истеҳсолот, яъне чунин ҳолати онҳо, ки барои истифода дар раванди истеҳсолот муносиб мебошанд;
– ягонагии муваққатӣ ва фазоӣ - ҳузури ҳамзамони тамоми ҷузъҳо дар фазои маҳдуд, ки ҳамчунин истифодаи онҳоро дар раванди истеҳсолот имкон медиҳад;
– мавҷудияти шахсони масъул доир ба истифодаи омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои истеҳсолот ва шахсон ё гурӯҳҳои ашхоси (соҳибон ё дигар ҳуқуқдорон) тобеи онҳо;
– мавҷудияти маркази ҳамоҳангсозӣ, ки он дорои қудрати комили зарурӣ барои қабули қарорҳо нисбат ба дараҷаи иштироки ҷузъҳо дар раванди истеҳсолот. Чунин маркази ҳамоҳангсозӣ истифодаи ҷузъҳои истеҳсолот, дар шароити иқтисоди бозорӣ, аксар вақт манфиати тиҷорӣ мебошад.

Омилҳои истеҳсолот – захираҳои муайяне (табиӣ, меҳнатӣ, сармоя) мебошанд, ки мавҷудияти онҳо ташкили раванди истеҳсолот ва бунёди кулли

шароити ба он заруриро имкон медиҳад. Набудан ё мавҷуд будани яке аз омилҳо дар ҳаҷм ё сифати номувофиқ, ҳам худи раванди истеҳсолот ва ҳам қобилияти тиҷории онро зери хатар мегузорад. Бояд қайд кард, ки агар мавҷуд набудани омилҳои истеҳсолӣ ҳамзамон аз имконнопазирии комили раванди истеҳсолот шаҳодат диҳад, пас мавҷудияти онҳо ҳануз кафолати фаъолияти пурдаромад ва фоидаовари истеҳсолӣ намебошад. Масалан, як минтақа метавонад бозори кории нисбатан васеъ дошта бошад, аммо набудани мутахассисони зарурӣ дар ин бозор ё танҳо нотавонии соҳибмулк дар самти ҷалби коргарон ва нигоҳ доштани онҳо дар ҷои кор боиси он мегардад, ки ҳатто истеҳсолоти ба омили меҳнатии минтақа вобаста аз лиҳози набудани коргарон наметавонад рушд кунад.

Истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани се омили асосӣ - захираҳои сайёҳӣ, сармоя ва захираҳои меҳнатӣ имконпазир мебошад. Захираҳои сайёҳӣ, маҷмӯи объектҳо, намуна ё ақидаеро дар бар мегиранд, ки дорои тавони ҷалби манфиатҳои сайёҳӣ мебошанд, яъне кӯшиши бошууронаи шахс ба шиносоии бевосита (дидан, ламс кардан, ҳис кардан, чашидан ва ғайра), ки ба хотири ин ҳадаф ӯ омода аст микдори муайяни боигарии моддӣ (одатан пул) ва вақти холии худро қурбон кунад. Таснифи асосии захираҳои сайёҳӣ аз усули пайдоиши онҳо замина гирифтааст, ки вобаста ба он захираҳои сайёҳиро ба табиӣ (рекреатсионӣ ва балнеологӣ), антропогенӣ (аз ҷониби одам ё ҷомеа эҷодшуда) ва омехта (табиӣ-антропогенӣ) ҷудо мекунанд.

Аз сабаби он, ки аксарияти захираҳои сайёҳӣ:

- дорои пайдоиши табиӣ ё таърихӣ мебошанд, ки ин аз тақсимоти беподошии онҳо ва набудани ашхоси мушаххасе, ки хароҷоти воқеии сохтмони онҳоро ба дӯш доранд, шаҳодат диҳад;
- тақрибан қобилияти қабули тадбирҳои маҳдудияти дастрасӣ ба онҳоро надоранд (кӯҳҳо ва соҳилҳо, биноҳои таърихӣ ва шоҳкориҳои машҳури ҷаҳониро аз аҳолӣ пинҳон кардан имконнопазир аст);
- ҷузъи фарҳанг, таърихи миллат ё халқиятҳо мебошанд, мантиқан қайд кардан мумкин аст, ки захираҳои сайёҳӣ аз рӯи моҳияти худ оммавӣ

мебошанд, яъне моликияти як гурӯҳи муайяни одамон ва ҳатто тамоми инсоният мебошанд.

Аз ин рӯ, ҳама гуна маҳдудиятҳо ё чораҳое, ки дастрасии мардумро ба захираҳои сайёҳӣ маҳдуд мекунанд, то андозае ноокилона ва ғайри қобили қабуланд. Моликияти ҷамъиятӣ ба захираҳои сайёҳӣ маънои онро дорад, ки аъзоёи ҷомеа ҳуқуқ доранд танҳо захираҳои сайёҳиро истифода баранд, аммо онҳоро бо салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ накунанд, то захираҳои сайёҳиро барои наслҳои оянда худ нигоҳ доранд. Аз тарафи дигар, агар захираҳои сайёҳӣ аз ибтидо оммавӣ бошанд ва дар маҷмӯъ ба тамоми ҷомеа тааллуқ дошта бошанд, пас тибқи кадом қонун шахсони алоҳида ё ташкилотҳо онҳоро дар истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бо мақсади ба даст овардани фоида истифода мебаранд.

Табдил додани захираҳои сайёҳӣ ба омили истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ раванде мебошад, ки дар натиҷаи он намояндаи алоҳидаи ҷомеа ҳуқуқи истифодаи захираҳои сайёҳиро дар мақсадҳои тиҷоратии худ, яъне ҳуқуқи ҷалби захираҳои сайёҳиро дар истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ба даст меорад. Бо мақсади нигоҳ доштани адолати иҷтимоӣ раванди табдил додани захираҳои сайёҳӣ ба омили истеҳсолот набояд бебозгашт бошад, аз истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ ба манфиати тамоми ҷомеа бояд ҷуброни муайян талаб карда шавад. Дар таҷриба чунин ҷуброн дар ду шакл вуҷуд ва ифода меёбад:

- дар шакли ба истеҳсолкунанда супоридани як қисми масъулияти иҷтимоии ҳолати захираҳои сайёҳӣ, дастгирӣ ва нигоҳдории онҳо ба истеҳсолкунанда (аз ҷониби истеҳсолкунанда қабул гардидани ӯҳдадориҳо оид ба нигоҳ доштани ҳолати захираҳои сайёҳӣ ё вобастакунии он ба фондҳои муҳити зист, таъмир ва ғайраи давлат ё минтақа);
- дар шакли пардохтҳои мустақим барои истифодаи тиҷоратии захираҳои сайёҳӣ (андозбандии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, фондҳои захиравӣ, пардохтҳои экологӣ, истироҳатӣ ва ғайра).

Дар сайёҳӣ одатан чунин намуди ҷубронҳо ба истилоҳ иҷораи сайёҳиро, ном мебаранд, ҳол он ки истилоҳоти истифодашуда хеле баҳсбарангез аст. Иҷора ин даромади мунтазам аз омили истеҳсолот мебошад, ки он дорои

талаботи ғайриэластикӣ буда, мавҷудияти молики муайяни худи ҳамон омилеро, ки қобилияти ихтиёрдорӣ дорад, ифода мекунад. Тавре ки дар боло маълум карда шуд, тамоми аҳолии як давлат ё қаламрави муайян ҳамчун соҳиби захираҳои сайёҳӣ баромад мекунанд, аммо дар ин ҳолат ҳар як намояндаи он аз ҳуқуқи ихтиёрдории захираҳои сайёҳӣ маҳрум аст. Дар натиҷа, фоидабозпасгардонии истифодаи захираҳои сайёҳӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ бештар ҳамчун таъмини ҷуброни истеҳсолкунанда ба дигар аъзои ҷомеа дарк карда мешавад. Дар ин ҳолат, андозаи ҷубронпулӣ ва тартиби пардохти онро бояд давлат муайян кунад.

Сифати захираҳои сайёҳӣ ҳамчун омили истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ бо ду хусусияти асосӣ, яъне маъруфият ва дастрасии онҳо, муайян карда мешавад. Шуҳрати захираҳои сайёҳӣ аз рӯи дараҷаи огоҳии мардум дар бораи онҳо, беҳамтоӣ ва қудрати таъсири онҳо ба сайёҳон муайян карда мешавад, ки арзиши захираҳои сайёҳиро ҳам барои молики худ - ҷомеаи маҳаллӣ ва ҳам барои истифодабарандаи тиҷории онҳо тадриҷан боло мебардорад. Дастрасии манбаъҳои сайёҳӣ бо он муайян карда мешавад, ки то чи андоза бо роҳи осон, зуд ва бехатар сайёҳонро ба онҳо мерасонад. Вобастагӣ дар байни дастрасӣ ва арзиши захираҳои сайёҳӣ низ мустақим аст.

Захираҳои сайёҳӣ ҳамчун омили истеҳсолот дорои як қатор хусусиятҳои воқеие мебошанд, ки махсусияти истифодаи онҳо ва ҷойгиршавии ҷуғрофии марказҳои ҷаҳонии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳиро муайян мекунанд [152]:

– набудани ҳаракатнокии захираҳои сайёҳӣ ва имконнопазирии ҳаракати онҳо дар фазо;
– тамомнашавандагии захираҳои сайёҳӣ (истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ хароҷоти мустақим ё истеъмоли онҳоро талаб намекунад);
– ҳаҷми маҳдуди (қобилияти баамалбарорӣ) захираҳои сайёҳӣ;
– дорои қобилияти барқароршавӣ ё модификатсия будан;
– танзимшавии динамикаи сифат аз ҷониби истифодабарандаи тиҷоратӣ тавассути тағйири ҳам маъруфият ё дастрасии захираҳои сайёҳӣ ва ҳам

ҳолат (намуди зоҳирӣ, ҷолибият) ва шароити онҳо дар минтақаи муҳити атроф (экология, вазъи ҷиноӣ).

Захираҳои сайёҳӣ ҳамчун дороӣ ва ё сармоя маҳсуб мешаванд, зеро онҳо даромад меоранд. Вай ба сифати сармоя, ки ҳамчун – арзиши бавуҷудоварандаи арзиши изофа [66, с.48-55], манбаи истифодаи тӯлонӣ, ки бо мақсади истеҳсоли бештари маҳсулот ё хизматрасониҳо бунёд мегардад [77, с.101-134], унсури сарвате, ки ба молики худ дар муддати тӯлонӣ даромади доимӣ меорад [75, с.113-119], комилан мутобиқ аст. Сармоя ҳамчун омили истеҳсолот – ин маҷмӯи неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ мебошад, ки истифодаи онҳо дар истеҳсолот бунёди микдори бештар ва сифати дигари неъматҳои моддӣ ё ғайримоддиро имкон медиҳад. Яъне, сармоя як навъ арзиши худафзоянда аст, ки афзоиши он танҳо дар раванди истеҳсолот имконпазир мебошад. Мавҷуд набудани истеҳсолот (ба истеҳсолот ҷалб нагардидан) сармояро ба маҷмӯи оддии арзишҳои моддӣ ё ғайримоддӣ табдил медиҳад. Ҳамин тариқ, сармоя ҳамчун омили истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, метавонад дар истеҳсолот истифода шуда, аз натиҷаи он даромад оварда шавад.

Раванди истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ аз ҳисоби инфиродикунонии худӣ дар аксар ҳолат беназир аст, зеро танҳо мавҷудияти муносибати инфиродӣ нисбат ба ҳар як сайёҳ имкон медиҳад, ки сифати баланди ҳадди аксари маҳсулоти сайёҳӣ нигоҳ дошта шавад (дар акси ҳол, таъсири маҷмӯӣ ва дақиқии хизматрасонии сайёҳӣ вуҷуд дорад). Ин дар якҷоягӣ бо зарурати доштани дониш ва касбияти муайян, арзиши меҳнатро ҳамчун омили истеҳсолоти сармояи табиӣ ва иҷтимоии инсон ба андозаи баробар аҳамиятнок ва боарзиш муайян мекунад. Дар шароити муайян истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ (масалан, дар сурати комилан мавҷуд набудани тахассусмандии зарурӣ ё ҷавонии соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ё минтақа, ки ба аври мисол дар шароити ҷумҳурӣ мушоҳида мешуд) ҳангоми интихоби кормандон диққати асосӣ ба сармояи табиии инсонӣ дода мешавад (намуди зоҳирии дилнишин, нигоҳи дилчасп, овози хотирмон, синну соли ҷавонӣ ва ғайра). Аз тарафи дигар, ҳатто дар шароити истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, ки бо мавҷудияти имкониятҳо барои

гирифтани маълумоти махсус дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин синну соли муносиби саноати сайёҳӣ тавсиф карда мешавад, ҷузъи табиии сармояи инсонӣ, бинобар зарурати алоқаи шахсӣ ҳам бо сайёҳон ва ҳам бо ҳамкорон, мақсаднок ва афзалиятнок боқӣ мемонад (зеро дар акси ҳол меҳнати инсоне, ки ҳатто маълумоти махсус ва дар соҳаи сайёҳӣ таҷрибаи тӯлонӣ дорад, ҳамчун омили истеҳсолот метавонад арзиши худро гум кунад).

Инчунин қайд кардан мумкин аст, ки нақши назарраси меҳнат ҳамчун омили истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, ҳамзамон аз рӯи мавҷуд набудани имкониятҳои автоматикунонии истеҳсолоти сайёҳӣ дар робита ба зарурати нигоҳ доштани муносибати инфиродӣ нисбат ба ҳар як сайёҳ ё ҳамкор, ки танҳо дар сурати шахс ҳамчун звенои асосии истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ баромад намудан имконпазир мегардад, маънидод мегардад.

Воситаҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ объектҳои ҷаҳони моддӣ ё ғайримоддӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳо ё иттилооте мебошанд, ки имконияти истеҳсоли самараноки маҳсулоти сайёҳиро фароҳам меоранд. Дар фарқият бо омилҳои истеҳсолот (ки онҳо, тавре ки аллакай қайд карда шуд, метавонанд ба раванди истеҳсолот ҷалб карда шаванд ё дар захираи он боқӣ монанд) воситаҳои истеҳсолот доимо дар раванди истеҳсолот иштирок мекунанд ва махсусан барои ҳамин мақсад сохта шудаанд.

Ба ҳайати воситаҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ метавон се ҷузъи асосӣ - инфрасохтор, супрасохтори саноати сайёҳӣ ва фазои иттилоотиро тааллуқ донист. Инфрасохтори сайёҳӣ ҷузъи ҷудонашавандаи низоми иқтисодӣ мебошад, ки он фаъолияти муътадил ва самараноки соҳаи сайёҳиро таъмин менамояд ва бевосита барои истифода дар равандҳои истеҳсол, таблиғ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, ки мустақиман аз вазъи сайёҳии минтақа вобастагӣ дорад, пешбинӣ шудааст. Ба сифати унсурҳои инфрасохтори сайёҳӣ баромад мекунанд:

- заминаи моддии субъектҳои хоҷагидории махсус (операторони сайёҳӣ, агентҳо, истеҳсолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ, бюроҳои экскурсионӣ);

- низоми мақомоти давлатӣ, ки ба ташкили заминаи ҳуқуқӣ, назорат ва танзими сайёҳӣ дар минтақа мусоидат мекунанд (корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдори давлатӣ);
- низоми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратӣ, корхонаҳо ва муассисаҳои бо мақсади дастгирӣ ва рушди сайёҳӣ дар минтақа фаъолияткунанда (биржаҳои сайёҳӣ, намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва ғайра).

Супрасохтори сайёҳӣ як ҷузъи низоми иқтисодӣ мебошад, ки инчунин фаъолияти самараноки соҳаи сайёҳӣ, истеҳсоли маҳсулоти сайёҳии баландсифат ва ҷолибро таъмин менамояд, вале аз ибтидо барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳам сайёҳон ва ҳам дигар истеъмолкунандагон дар бозор, ки бавосита аз вазъи сайёҳӣ дар минтақа вобастагӣ дорад, пешбинӣ шудааст. Супрасохтор на танҳо барои иштирок дар истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ пешбинӣ шудааст, балки он як қатор вазифаҳои иқтисодӣ ё иҷтимоии дигарро низ дар бар мегирад. Аммо, аз лиҳози ҳамчун воситаи истеҳсолот ҷалб гардидани он ба равандҳои истеҳсоли хизматрасонии сайёҳӣ, унсурҳои супрасохтор аз сатҳи рушди сайёҳӣ дар минтақа вобастагии ғайримустақим (одатан тавассути вазъи бозори истеъмолӣ) пайдо мекунанд.

Унсурҳои супрасохтори соҳаи сайёҳӣ инҳоянд:

– заминаи моддию техникии як қатор субъектҳои хоҷагидорӣ (меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхонаҳои хӯроки омма ва ғайра);
– сохторҳо ё ташкилотҳои давлатӣ (алоқа, почта, телеграф, роҳҳо);
– муассисаҳои давлатии хориҷӣ, намояндагиҳо (хизматрасонии консулӣ).

Барои ба ҳайси воситаи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ табдил ёфтан, унсурҳои инфрасохтор ва супрасохтори он бояд хусусиятҳои зеринро дошта бошанд:

– ҷойгиршавии мустақим дар наздикии омилҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ (махсусан мавҷудияти инфрасохтор ва супрасохтор захираҳои сайёҳиро дастрас намуда, сайёҳатро бароҳат ва бехатар мегардонад, ки

арзиши онҳоро ҳамчун омили истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ баланд мебардорад);

- ҷавобгӯ будан ба сатҳи муайяни сифат (ҳам стандартҳои миллӣ ва ҳам байналмилалӣ);
- дорои имконоти тавсеа, навсозӣ ва модификатсия будан.

Ҳамаи унсурҳои инфрасохторҳо ва сохторҳои ёрирасон бо ҳамдигар алоқаманд буда, имконияти фаъолияти самараноки индустрияи сайёҳии ягонаро фароҳам меоранд. Намудҳои робитаи байни унсурҳои алоҳидаи инфрасохторро шартан ба мустақим ва ғайримустақим ҷудо кардан мумкин аст. Ба намудҳои мустақими робитаҳои ин унсурҳо муносибатҳои пулию молиявӣ (ҳисоббаробаркунии мутақобила), муштарӣ (мубодилаи муштарӣ ва пешниҳоди муштариён ба якдигар), корпоративӣ (дар сурати ягонагии менеҷмент) ва меҳнатӣ (интиқоли кормандон аз як корхона ба корхонаи дигар) тааллуқ доранд. Муносибатҳои ғайримустақим дар байни унсурҳои инфрасохтори сайёҳӣ ва супрасохтор тавассути буҷа ба воситаи сиёсати фискалии мақомот (масалан, муносибати байни меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ, хизматрасонии роҳҳои давлатӣ ё маҳалӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ) ё тавассути даромади аҳолии маҳаллӣ (масалан, рушди унсурҳои алоҳидаи инфрасохтор ё супрасохтор ба сокинони маҳаллӣ даромади иловагӣ медиҳад ва онҳоро ба муштариёни фаъоли корхонаҳои дигари соҳаи сайёҳӣ табдил медиҳад) амалӣ карда мешавад.

Дар шароити сайёҳии муосир муносибати байни корхонаҳои ташкилкунандаи инфрасохтор ва супрасохтори соҳаи сайёҳӣ аз рӯи тамоюлҳои зерин тавсиф карда мешавад:

– вобастагии афзояндаи корхонаҳои супрасохторӣ аз вазъи соҳаи сайёҳии минтақа (аксари назариячиён меҳмонхонаҳо ё ширкатҳои ҳавопаймоиро имрӯз ба корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ мансуб медонанд, гарчанде дар ибтидо онҳо чунин шуморида намешуданд);

– «олуда кардани» соҳаи сайёҳӣ бо корхонаҳои навтарини супрасохтор (масалан, муассисаҳои бонкӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, ширкатҳои кирояи мошин,

истеҳсолкунандагони филм ва ғайра аллакай чунин шудаанд), ки он дар афзоиши самараи иқтисодии рушди сайёҳӣ ифода меёбад;

– ба унсурҳои супрасохтори сайёҳӣ соҳаҳои дигари истеҳсолот табдил ёфтани унсурҳои инфрасохтор (масалан, туроператорҳо ба мушовирони киштисозон ё тарроҳони ҳавопаймо, тарабхонаҳо ба муштариёни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра табдил меёбанд).

Майдони иттилоотӣ – ҳамчун воситаи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои ба дуриҳо интиқол додани маълумоти сайёҳӣ ё тиҷориро дарбар мегирад. Маълумот айни замон ҳам захираи истеҳсолие маҳсуб меёбад, ки ҳангоми бавуҷудоварии маҳсулоти сайёҳии диққатҷалбкунанда тасҳеҳоти муайянро имкон медиҳад ва ҳам роҳи ягонаи пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мебошад.

Шартан иттилооти сайёҳиро ба иттилооти воридотие, ки манфиатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳиро ифода мекунанд (маълумот дар бораи сайёҳони омадаистода, маълумот дар бораи таҳқиқоти маркетингии истеъмолкунандагони бозори сайёҳӣ, дар бораи вазъияти байналмилалӣ ва ғайра) ва содиротӣ, ки инъикоскунандаи манфиатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ (маълумот дар бораи захираҳои сайёҳӣ ва афзалиятҳои рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ, маълумоти махсус ва тиҷоратӣ, таблиғ ва ғайра) мебошад, ҷудо мекунанд.

Барои табдил ёфтан ба воситаи нисбатан самарабахши истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, майдони иттилоотӣ ба як қатор талаботи зерин бояд ҷавобгӯ бошад:

– ҳадди аксар будани мобилӣ ва чандирӣ ва ё зудаксуламали фаврӣ;
– эътимоднокӣ ва бартарафкунии монеаҳои эҳтимолӣ дар хати алоқа (комуникатсия);
– аз рӯйи миқёси фарогирӣ фарққунанда;
– дастрас будан ба шумораи ҳадди аксари мизоҷон.

Технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ – ин маҷмӯи дониш, таҷрибаю методикаи ба низом ва алгоритм даровардашуда ва аз рӯйи имконияти

мушаххас эҷодкориро ифода мекунад. Вобаста ба соҳаи татбиқ технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳиро ба нақшаи мустақими ҳамкории операторони сайёҳӣ (бо таъминкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ, хизматрасонии консулии давлатҳои хориҷӣ), ташкилӣ (ташкил ва тақсимоти меҳнат), маркетингӣ (реклама, стратегия, брендинг, методологияи таҳқиқоти маркетинг) тақсим кардан мумкин аст.

Вобаста ба хусусият, муаллифони технологияҳо метавонанд хусусӣ (ҳуқуқи муаллифӣ, фирмавӣ) ё ҳамгиро (дар натиҷаи мубодилаи таҷриба, омӯзиш ё такмили касб) бошанд.

Инчунин, технологияҳо метавонанд стандартӣ (маъмул ва паҳнгашта) ва креативӣ (аслӣ) бошанд. Технологияҳои самараноки истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар ҳаҷми аксар бояд инҳо бошанд:

– эътимоднокии хусусиятҳои тиҷорати сайёҳии маҳаллӣ аз рӯйи ниёзҳои шарикон ва талаботи иқтидори муштариён;
– тобовар ва қобилиятнок будан ба модификатсияи тағйирёбии шароити бозор;
– қонеъ кардани талаботи истеҳсолот ва омилҳои истеҳсолӣ.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ - раванди бунёди маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад, ки он дар заминаи омилҳои истеҳсолӣ (захираҳои сайёҳӣ, сармоя, захираҳои меҳнатӣ) воситаҳои истеҳсол (инфрасохтор, супрасохтор, сармоя ва захираҳои меҳнатӣ) тавассути технологияҳои аз ҷониби сайёҳон истеъмол гардидани маҷмӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ сурат мегирад.

## 1.3. Ташаккули ҷараёнҳои иттилоотии сатҳи таъминоти сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

Дар айни замон ҷаҳонишавии сайёҳии байналмилалӣ ба яке аз манбаҳои калидӣ мубаддал гардидааст, ки ин дар навбати худ марҳилаи сифатан нави рушди бозори сайёҳиро тақозо менамояд. Сайёҳии глобалии байналмилалиро метавон ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодие муайян намуд, ки он на аз омилҳои дохилидавлатӣ, балки аз омилҳои беруна вобаста буда, мазмун ва миқдори онро ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян менамояд, бояд иброз дошт, ки аъзои он дар тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, махсусан дар бахши иқтисод, сиёсат, идеология, фарҳанг, соҳаи иҷтимоӣ, экология, амният бо ҳам равобит ва алоқамандӣ доранд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ омилҳои муҳити берунаи бозори сайёҳӣ шартан ба глобалӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд. Нақши омили якум ҳамчун муайянкунандаи инкишофи сайёҳии воридшаванда нисбатан зиёд ва воқеӣ мебошад. Хусусиятҳои хоси омилҳои глобалии муҳити беруна аз беназоратии онҳо аз тарафи ҳукуматдорон, ки таъиноти сайёҳиро муқаррар менамоянд, иборат мебошанд, вале имкониятҳои таъсири онҳо ба ҷараёни сайёҳии воридшаванда, ки ба шарофати паҳншавии иттилоот бо суръати баландтарин дар тамоми сайёра, хеле зиёд мебошад.

Пайдоиши омилҳои глобалии бозори байналмилалии сайёҳӣ (сармоя, тамғаҳои савдо, технологияҳо, имкониятҳои таъсир ба тафаккури истеъмолкунандагон) ба он оварда расонид, ки ягон иқтисодиёти миллии сайёҳӣ новобаста аз андоза ва сатҳи инкишофи худ вобаста аз омилҳои истеҳсолӣ, ки афзалият ва меъёрҳои рафтори ширкаткунандаҳои асосии фаъолияти хоҷагии ҷаҳониро (аз он ҷумла, кумитаи миллии сайёҳӣ (КМС), ташкилотҳо ва ассотсиатсияҳои сайёҳии миллӣ ба назар намегиранд, қонеъкунанда намебошад.

Ҷузъҳои асосии ҷаҳонишавии сайёҳии байналмилалиро васеъшавии алоқаҳои иқтисодии байналмилалӣ дар истеҳсолоти сайёҳӣ, болоравии омилҳои истеҳсоли сайёҳии байналмилалигардида (тавассути зиёдшавии

сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, мубодилаи донишҳо ва технологияҳо, барканоркунии маҳдудиятҳои муҳоҷират, машҳургардии таҳсилоти фосилавӣ ва ғайра), паҳншавии КМС дар савдои сайёҳӣ (хусусиятҳои онҳо ивазшавандагии байниҳамӣ ва вобастагии сохтори ташкилӣ, диққати онҳо ба захираҳои иттилоотӣ, ба бозорҳое, ки сатҳи баланди истеъмол доранд) ҳисоб намудан мумкин аст.

Аз байни сабабҳои асосии пайдошавии тамоюли глобалӣ дар бозори сайёҳӣ кӯшиши корхонаҳои сайёҳӣ дар самти баландбардории даромаднокӣ ва ҳиссаи худ дар бозор (тавассути кам кардани хароҷот ва фурӯши нархи маҳсулоти сайёҳӣ ва ғайра) ҳисобида шуда, камкунии шумораи миёнаравҳо дар истеҳсоли занҷири маҳсулоти сайёҳӣ (бо мақсади баланд бардоштани кафолати сифати хизматрасонии сайёҳӣ), барои ноил гардидан ба даромади максималӣ дар фазои хоҳишҳо ва имкониятҳо боис мегардад.

Таҳлили шаклҳои таърихии тиҷорати сайёҳӣ имконияти шароити асосии фаромиллии онро нишон медиҳад. Гузариш ба сатҳи фаромиллии хоҷагидорӣ як роҳи ҳалли нокомилии муносибатҳои бозорӣ ба шумор меравад. Бозори сайёҳӣ чун бозорҳои дигар аз рӯйи як қатор сабабҳо наметавонад мукаммал бошад, ки мазмуни онҳо новобаста аз табдилёбии шакл, амалан дар тӯли панҷоҳсолаҳои охир бетағйир мондаанд.

Пеш аз ҳама, рушди фаъолияти сайёҳии байналмилалӣ вобаста ба тафовутҳо байни бозорҳои минтақавӣ, хусусан фарқиятҳои байни давлатҳои ба истеҳсолоти сайёҳӣ ҷалбгардида маҳдуд мегадад. Сайёҳӣ, ки кӯшиши одамонро дар назар дорад, яъне тағйир додани шароити муқаррарии зиндагии онҳоро аз саъйи ташкилотчиёни мубодилаи сайёҳӣ барои муттаҳид сохтани шароит, ки сайёҳон ҳангоми сафар дучор мешаванд (шароити хуб, хизматрасонӣ, муҳити забонӣ, стандартҳои сифат), талаб менамояд.

Мантиқан қобили зикр аст, ки муттаҳидсозии афзалиятҳои истеъмолкунандагон, инчунин паҳн шудани арзишҳои ягонаи фарҳангӣ, ки танҳо дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ба вуқӯъ меоянд, метавонанд ташкили тиҷорати байналмилалии сайёҳиро соддатар кунанд. Шарти дигари фаромиллӣ

гардонидани фаъолияти сайёҳӣ мавҷудияти монеаҳоро дар савдои байналмилалии хизматрасонии сайёҳӣ номидан мумкин аст. Амалиёти содиротӣ-воридотӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳатман бо ҳаракати одамон алоқамандaнд ва аз ин рӯ, ташкил кардани инфрасохтори сайёҳии хеле рушдёфтаро дар кишвари қабулкунанда тақозо мекунад. На ҳукуматҳои миллӣ ва на истеҳсолкунандагони кишвари мизбон чунин воситаро доро намебошанд. Имконнопазирии ташкили раванди истеҳсолоти сайёҳӣ дар доираи як давлат ва аз ҳисоби як истеҳсолкунандаи миллӣ ҷалби корпоратсияҳои хориҷиро дар раванди истеҳсолот талаб мекунад, ки онҳо қодиранд омилҳои барои ба эътидол овардани раванди истеҳсолотро (сармоя, қувваи кории баландихтисос, технология) фароҳам оваранд, инчунин дар оянда дастраскунии маҳсулоти сайёҳиро дар ватани худ таъмин намоянд.

Сайёҳии байналмилалӣ бо ҳаракати байналмилалии воситаҳои асъорӣ алоқаманд аст, аз ин рӯ, монеаҳои мавҷуда дар роҳи ҳаракати озоди воситаҳои асъорӣ байни давлатҳо низ метавонанд ҳамчун монеа дар мубодилаи сайёҳии байналмилалӣ ҳисобида шаванд.

Ҷаҳонишавӣ ба қуллаи эволютсияи бозори ҷаҳонии сайёҳӣ табдил ёфтааст, ки шарти асосии пайдошавии он оқибатҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалии зеринро дар бар мегирад:

- афзоиши самараи миқёс дар савдои сайёҳӣ, ташаккули хусусияти оммавии сафарҳои байналмилалӣ;
- паҳн намудани технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои алоқа, ташаккули майдони ягонаи иттилоотӣ, ки барои шумораи номаҳдуди истифодабарандагон дастрас мебошанд;
- пайдоиш ва паҳн шудани воситаҳои нақлиёти муосир, ки имкон медиҳанд то монеаҳои табиии ҷуғрофӣ дар рушди мубодилаи сайёҳии байналмилалӣ кам карда шаванд;
- яку якбора ба шарофати технологияҳои пешрафта коҳиш ёфтани хароҷоти нақлиёт ва телекоммуникатсионӣ, камшавии хароҷоти коркард, нигоҳдорӣ ва истифодаи иттилоот;

– пахншавӣ ва дастрасии дониш ва технологияҳо барои эҷод, таблиғ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ бо сабаби маъмул гардидани таҳсилот дар соҳаи сайёҳӣ ва хоҷагии меҳмонхонаҳо.

Густариши шаклҳои байналмилалии амалисозии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ (КМС):

- шаклҳои ташкилӣ, ки доираи фаъолияти онҳо аз марзҳои миллӣ берун мебароянд, хусусияти байналмилалӣ пайдо намуда, ба ташаккули фазои ягонаи бозор мусоидат мекунанд;
- либерализатсияи умумии савдои ҷаҳонӣ;
- афзоиши тамаркузи сармоя дар се маркази ҷаҳонӣ;
- муттаҳидсозии талабот ва қоидаҳои андозбандӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии оморӣ ва ғайра;
- тақвияти тамоюлҳо ба ташаккули системаи ягонаи стандартикунонии хизматҳо;
- афзоиши ҳаракатнокии аҳолии сайёра аз ҳисоби суст шудани нақши одатҳо, анъанаҳо, робитаҳои иҷтимоӣ ва урфу одатҳо, рафъи маҳдудиятҳои миллии одамон;
- тақвияти нақши созмонҳои миллӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар танзими сайёҳии ҷаҳонӣ ва гардишҳои байналмилалии сайёҳӣ иштирок мекунанд.

Пайдоиши сохторҳои фаромиллии иқтисодӣ, системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ оиди гузариш аз мавқеи саноатӣ ба мавқеи иттилоотӣ гузаштани рушди иқтисод ва ҷомеа шаҳодат медиҳанд. Системаҳои иттилоотии глобалӣ, ҷаҳонро ба як воҳиди ягона мепайвандад ва ҳамаи давлатҳоро аз ҷиҳати иттилоотӣ ба ҳам вобаст менамоянд ва маҷбур месозанд, ки ба сифати ҳамкории иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намоянд. Ҳамаи ин дар рушди тиҷорати сайёҳӣ осори худро мегузорад. Аз як тараф, технологияҳо барои ҳалли масъалаҳои мубрами операторҳо ва агентиҳои сайёҳӣ, ки дар натиҷаи афзоиши шумора ва шиддатнокии ҷараёни муштариён ба амал омадаанд, аз тарафи дигар, истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ афзалиятҳои рақобатии иловагиро фароҳам меоранд. Ғолибиятро

онҳое ба даст меоваранд, ки имрӯз иттилоотро дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ ба муштарӣ (агентӣ ё сайёҳӣ) зудтар ва беҳтар мерасонанд.

Соҳаи муосири хизматрасонии сайёҳӣ бояд сари вақт ва ба қадри кофӣ ба тасаввуроти афзояндаи истеъмолкунандагон дар бораи фаъолияти он посух дода тавонад. Захираҳои сайёҳии як замонҳои маъмул ва серталаббуда метавонанд бо сабаби аз даст додани маъруфият ё эътибори онҳо барои ин намуди сайёҳӣ талабот надошта бошанд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар шароити рақобатӣ, бахши хизматрасонии сайёҳӣ бояд фаъолияти худро инкишоф ва такмил дода, талаботи истеъмолкунандагонро қонеъ ва сифати хизматрасониро таъмин намояд.

Бо гуногунии мавҷудаи пешниҳодҳои сайёҳии хориҷӣ, барои марказҳои сайёҳии ватанӣ нигоҳ доштани мавқеъҳои рақобатии худ хеле мушкил аст. Сабабҳое, ки рақобатпазирии марказҳои сайёҳии ватаниро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд, аз тартиби мураккабии раводиди шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон, болоравии нархи хизматрасонии сайёҳӣ, истеҳлоҳи (амортизатсияи) маънавӣ ва ҷисмонии инфрасохтори сайёҳӣ, набудани логистикаи қабул ва хизматрасонии сайёҳон, бад шудани инфрасохтори роҳ ва нақлиёт, норасоии шадиди кадрҳои баландихтисос ва бисёр омилҳои дигар иборат мебошанд. Дар ин ҳолат, кор бо мавқеи сусти маҳсулоти сайёҳии миллӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ мураккабтар мешавад.

Ҳалли ҳамаи мушкилоти дар боло овардашуда, танҳо бо баррасии ҳамаҷонибаи онҳо имконпазир мебошад. Сатҳи пасти идоракунии марказҳои сайёҳии ватанӣ аксар вақт имкон намедиҳад, ки чунин усули комплексӣ татбиқ карда шавад. Тавре ки таҷрибаи пешбурди тиҷорати дохилии сайёҳӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, иштирокчиёни бозори сайёҳӣ маҷбуранд мушкилоти худро то ҳадди имкон мустақилона ҳал кунанд. Яке аз намунаҳои барҷастаи ин ҳолат метавонад ВМКБ ё дар мавзеи “Чилдухтарон”-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бошад, ки дар он сайёҳии кӯҳӣ ҷолиб аст. Мавзеи “Чилдухтарон”-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон як минтақаи бузургест, ки

аз ҷиҳати миқёс аз ҳама назаррас ва аз ҷиҳати хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ беназир аст.

Бояд қайд кард, ки дар таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо мавқеи муҳим доранд. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари системавӣ, консепсияи таъмини иттилоотии мақомоти давлатии соҳаи сайёҳӣ бояд ба фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ҳамчун як системаи мураккаби бисёрсатҳа, ки маҷмӯи объектҳои мухталифи сайёҳиро дар бар мегирад, асос ёбад. Ин объектҳо, чун қоида, аз рӯи сатҳҳои даврии идоракунӣ мувофиқи сохтори ташкилии давраи амалкунанда, табодули байни тавсифи алоқа ва ҷараёни идоракунӣ, тобеъият ва ҳамкорӣ тавсиф карда мешаванд [69, с.201-209].

Фаъолияти мақомоти идоракунӣ аз ин ҷиҳат маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки ба иҷрои вазифаҳои ташкилӣ ва идоракунии ба зиммаашон гузошташуда равона карда шудаанд. Яъне, сухан дар бораи системаҳои амалиётии хосе меравад, ки рушди вазифаву амалиётҳоро дар доираи салоҳияти мақомоти дахлдор муайян мекунад. Дар ин ҷо, амалиёт метавонад ҳам барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳаи сайёҳӣ ва ҳам барои ҳалли вазифаҳои сатҳҳои поёнӣ ( пайдарпаии иҷрои амалиётҳо аз ҷониби субъектҳои марбут ба соҳа) равона карда шавад. Маҳз барои татбиқи амалиёти идоракунӣ дар бахши сайёҳӣ маҷмӯи воситаҳои ташкилию методӣ, техникӣ, таъминоти технологияҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ зарур мебошанд.

Дар ин ҷода технологияҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ (ТИТ) нақши марказӣ доранд, он маҷмӯи усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот мебошанд, ки ба сифати объекти таъсиррасон аз объектҳои сайёҳӣ, усулҳои ташхис, таҳлил ва синтез, инчунин арзёбии оқибатҳои қабули қарорҳои гуногун иборат мебошад.

ТИТ ба таъмини фаъолияти шахсони қабулкунандаи қарор дар шароити камчинии вақт бо маълумоти нопурра дар бораи равандҳои таҳқиқшаванда, номуайянӣ, номувофиқӣ ё қисман беэътимодии иттилоот равона шудааст. Бо роҳи муназзам пешниҳод кардани ҷузъҳо(пораҳо)-и иттилоотӣ, ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки маълумоти пароканда дар як навъ ҷамъоварӣ

карда, тасвири ҳамаҷонибаи рӯйдодҳо ба вуҷуд оварда шавад ва пешомади амали омилҳо, сохторҳо ва гурӯҳҳои манфиатдори гуногун дар соҳаи сайёҳӣ пешгӯӣ шавад.

Ҷалби диққат ба хусусияти сифатии «таҳлилӣ» имкон медиҳад, ки ин навъи технология аз як қатор технологияҳои маъмулии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҷудо карда шавад, ки бешубҳа дар кори муқаррарии субъектҳои бахши сайёҳӣ кумаки ҷиддӣ мерасонад. Дарвоқеъ, илова кардани калимаи соддаи «таҳлилӣ» ба низоми иттилоотии эҷодшаванда дар вазифаҳое, ки низом амал мекунад тағйироти зиёд ворид менамояд ва дар баъзе ҳолатҳо аз вазифаҳои таҳрирӣ ё истинодӣ чандон фарқ намекунад. Масалан, истифодабарандаи системаи иттилоотию маълумотдиҳӣ дар компютери фардӣ, имкон медиҳад, ки дар муддати якчанд сония корти электронӣ бо маълумоти зарурӣ дастрасӣ ёбад ва онро таҳрир намуда, ба таври комил ба истифодабаранда пешниҳод намояд.

Аммо, дастгирии таҳлилӣ барои қабули қарорҳо аз технологияҳои иттилоотӣ абзорҳои бештареро талаб мекунад. Дар акси ҳол, аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ дар раванди омодасозӣ ва қабули қарорҳо, нақши ёвар ва дуюмдараҷаро иҷро хоҳад намуд.

Технологияҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ барои дастгирии раванди қабули қарорҳо оид ба истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ, дар таърифи классикҳо аз ҷумла, Аладдин Элямассӣ чунин арзёбӣ гардидааст: «Технологияҳои иттилоотӣ захираҳои зеҳнии инсонро бо имкониятҳои компютер бо мақсади баланд бардоштани сифати қарорҳои қабулшуда якҷоя менамояд. Онҳо дар худ низомҳои компютеризатсияшударо ифода намуда, дар қабули қарорҳо барои менеҷероне, ки бо мушкилоти мураккаби сохторикунонӣ сарукор доранд, метавонанд мусоидат намоянд» [86, с.48-57].

Аммо, таърифи дар боло овардашуда якчанд саволро ба миён мегузорад:

- шахси қабулкунандаи қарор кист?
- маълумотҳо дар чунин ҳолат чи гуна коркард карда мешаванд, қарор чи тавр қабул карда мешавад?

- худи раванди қабули қарор чӣ гуна аст?
- дар раванди қабули қарор кадом намуди хавфҳо ва маҳдудиятҳо мушоҳида мегарданд?
- натиҷаҳои ин раванд чӣ гуна арзёбӣ, татбиқ ва назорат карда мешаванд?

Ҳамин тариқ, дарки моҳияти дастгирии қарорҳои ТИТ таҳияи баъзе моделҳои соддаи қабули қарорҳоро пешбинӣ мекунад: маҷмӯи муайяни фаъолиятҳое, ки аз ҷониби ТИТ дастгирӣ карда мешаванд. Унсурҳои асосии чунин моделҳо дар расми 1.3.1. оварда шудаанд: »

- шахси қабулкунандаи қарор (ШҚҚ), фард ё гурӯҳи шахсони мутасаддии қабулкунандаи қарори мушаххас;
- маҷмӯи маълумотҳо барои раванди қабули қарор: маълумот, моделҳои рақамӣ ё сифатӣ барои тафсири маълумот, таҷрибаи таърихӣ бо маҷмӯи маълумотҳои шабеҳ ё ҳолатҳои шабеҳи қарор, инчунин меъёрҳои гуногуни фарҳангӣ ва равонӣ, маҳдудиятҳои марбут ба қарор - раванди таҳия;
- раванди қабули қарор: қадамҳои пайдарпайи даркшуда барои табдилдиҳии ҷузъҳои воридкунӣ ба ҷузъҳои хориҷкунӣ дар шакли қарор;
- маҷмӯи унсурҳои хулосаи раванди қабули қарорҳо: аз ҷумла худи қарорҳо, инчунин (ба таври беҳтарин) маҷмӯи меъёрҳои баҳодиҳии мувофиқати қарорҳо бо ҳадафҳо, нуқтаҳо ва мушкилоти муайян ё мушкилоти ибтидоии қабули қарор, чараёни таҳия.

Бо вуҷуди ин, чунин намунаи соддакардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки сухан дар бораи дастгирии қарорҳои ТИТ берун аз доираи мушаххаси қабули қарорҳо наметавонад пурмазмун ва судманд бошад. Ҳатто агар мо танҳо ду параметрро ҷудо кунем (яъне мӯҳлати қабули қарорҳо, инчунин хавфҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба раванди қабули қарорҳо), маълум хоҳад шуд, ки фарқияти миқдорӣ ва сифатии байни қарорҳо фарқ мекунанд, -қабули онҳо дар шуъбаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ширкатҳои тиҷоратӣ.




*Коркарди муаллиф*

**Расми 1.3.1. – Унсурҳои модели қабули қарор тибқи ТИТ**

Ниҳоят, худи раванди қабули қарорҳо тақсимоти муайянро дар шакли пайдарпаии марҳилаҳо талаб мекунад, то ҷойгоҳ ва нақши ТИТ дар ҳар яки ин марҳилаҳо муайян карда шавад. Раванди маъмули қабули қарор дар робита бо технологияи истеҳсолот ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ метавонад ба тариқи зайл содда карда шавад:

1. Ташаббуси қарорҳо ҳамчун натиҷаи бошуурона дар тағйир додани ҳолати ибтидоии соҳаи сайёҳӣ. Дар ин марҳила ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии унсурҳои муқаддимавӣ, ки барои ба сохтордорӣ, арзёбӣ ва қабули қарорҳо заруранд, амалӣ карда мешаванд.
2. Сохтори қарор, ки барои бардошти натиҷаҳои имконпазир, вазъият ва муносибатҳо бо қарорҳои дигар муқоиса, моделсозӣ ва омӯхта мешавад.

3. Қабули қарорҳои алтернативӣ аз нуқтаи назари ҳалли масъалаи аслӣ, ки оптималӣ эътироф карда мешавад.
4. Иҷрои қарор, мазмуни қарор ба иҷрокунандагони мушаххас расонида шуда, натиҷаи он дар амал татбиқ карда мешавад.
5. Арзёбии қарор, татбиқи қарор аз нуқтаи назари таъсири идоракунӣ ба вазъияти ибтидоӣ мувофиқи ҳадафҳои пешбинишуда ва меъёрҳои арзёбӣ назорат карда мешавад.

Системаҳои дастгирии қарорҳои қабулшуда (СДҚҚ) дастгирии раванди қабули қарорро дар ҳар як марҳилаи муайяншуда таъмин мекунанд:

- дар марҳилаи оғози қарор, СДҚҚ таъмини дастрасӣ ба маълумоти зарурӣ, ки дар таъмини раванд барои қабули қарорҳо заруранд (оморӣ, меъёрӣ, молиявӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникӣ ва ғайра);
- дар марҳилаи сохторсозӣ, қарорҳои СДҚҚ воситаҳо ва моделҳои пурмазмунро барои ташкили даромадҳо таъмин мекунанд ва он имкон медиҳад, ки ниёзи ҷонибҳои манфиатдор, оқибатҳои эҳтимолӣ ва арзишҳои эҳтимолии онҳо ва дигар унсурҳои контекстӣ арзёбӣ карда шаванд;
- дар марҳилаи қабули қарорҳо, СДҚҚ-ҳо метавонанд ин равандро пурра ё қисман автоматӣ кунанд, якчанд алтернативаро аз рӯи таносуби оптималии меъёрҳои муайяншуда бо истифода аз абзорҳо, ба монанди эксперт низомҳо, моделҳо ва инчунин бо истифода аз унсурҳои зеҳнии сунъӣ арзёбӣ ва муқоиса кунанд;
- дар марҳилаи татбиқи қарор, СДҚҚ ба мазмуни саривақтии қарори қабулшуда ба иҷрокунандагони мушаххас ирсол намуда, назорати иҷрои онро таъмин менамояд;
- дар марҳилаи баҳодиҳии ҳалли масъалаҳо СДҚҚ як абзор барои пайгирии натиҷаҳоро тибқи маҷмӯи меъёрҳои миқдорӣ ва сифатии қабулшудаи самаранокӣ ва самарабахшӣ пешниҳод менамоянд.

Системаҳои дастгирии қарорҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои мураккаби татбиқшавандаи марбут ба таъминоти иттилоотии раванди технологии

истеҳсолот ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ ҳал карда шаванд. Вазифаи аввалия, ин назорати вазъ, пайгирии тағйирёбии параметрҳои асосии он мебошад. Вазифаи сатҳи олӣ пешгӯии рушд, яъне таҳияи сенарияи он мебошад. Ниҳоят, вазифаи ниҳоӣ аз он иборат аст, ки тавлиди автоматикунонидашудаи стратегияҳои мураккаби идоракунии сайёҳӣ, ҳам дар бахшҳои алоҳидаи он ва ҳам дар маҷмӯъ, дар асоси мониторинги маълумот, татбиқ ва амалӣ карда шаванд. Гарчанде имрӯз қарорҳои татбиқшаванда дар ҳалли масъалаҳои муаммодор ҳанӯз натиҷаи қаноатбахш дода наметавонанд, интизор шудан мумкин аст, ки пешрафте, ки ҳамарӯза дар соҳаи технологияҳои компютерӣ, нейронӣ, зеҳни сунъӣ, моделсозии математикӣ суръат мегирад, имкон медиҳад, ки дар оянда наздик ҳалли ин вазифаи душвортарин муяссар гардад.

Шакли самарабахши системаҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва воситаҳои муттаҳидшудаи он, марказҳои вазъие мебошанд, ки ҳамчун воситаи дастгирии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ истифода мешаванд. Як қатор аломатҳои «вазъият»-иро аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ, ки марказҳои вазъӣ дастгирӣ мекунанд, метавон онро ҳал намуд:

- ғайрирасмӣ, номуайянии шарҳи масъала;
- таъсири мутақобилаи бисёр омилҳо;
- миқдори зиёди маълумоти ғайримуқаррарӣ;
- тағйироти бесарусомонӣ дар вазъият.

Марказҳои вазъӣ, ба фарқ аз системаҳои анъанавии автоматикунонии идоракунӣ, имкон медиҳанд, ки ҳангоми вохӯриҳо иттилоот дар бораи вазъ дар экранҳои истифодаи дастаҷамъӣ пурра ва саривақт пешниҳод карда шаванд, инчунин оқибатҳои қарорҳои идоракунӣ дар вақти воқеӣ ҳисоб ва таҳлил карда шаванд.

Сабади вазъиятӣ маҷмӯи ба ҳам алоқаманди воситаҳои методӣ, функсионалӣ, иттилоотӣ, барномавию техникӣ, ташкилию кадрӣ мебошад, ки барои арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи корҳо ва таҳияи фаврии ҳалли масъалаҳо, дар ҳолатҳои бӯҳронӣ пешбинӣ шудаанд. Ин маҷмаа ба таҳлили муқоисавии

имконоти ҳалли пешниҳодшуда, пешниҳоди иттилооти боэътимод, дақиқ ва саривақтӣ дар шакли қулай ва визуалӣ, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои намоиши иттилоот дар воситаҳои гуногуни намоишӣ, истифодаи дастаҷамъӣ, инфиродӣ ва пайвастшавӣ мусоидат мекунад.

Аз ҷиҳати назариявӣ, мо функсия ва сохтори чунин маҷмааро бо истифода аз мисоли як маркази вазъият, ки дар назди Кумитаи сайёҳии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад, баррасӣ хоҳем кард. Маркази вазъӣ як маҷмӯи махсуси нармафзор ва иттилоотӣ мебошад, ки технологияҳои муосирро барои пешниҳоди визуалии иттилоот, воситаҳои моделсозӣ ва таҳлили вазъият истифода бурда, ҳалли масъалаҳои васеи таҳлили вазъи равандҳои макроиқтисодӣ ва минтақавиро фароҳам меорад.

Дар доираи маркази вазъӣ (МВ) гурӯҳи масъалаҳои зерин ҳал мегарданд:

1. Мониторинги вазъи кунунӣ, аз ҷумла;
   - мониторинги фаврии динамикаи рушди нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявии бахши сайёҳӣ;
   - муайян кардани тағйироти ҷиддие, ки дар соҳаи иқтисодӣ ва молиявӣ ба амал меояд.
2. Таҳлил ва пешгӯии кӯтоҳмуддати равандҳо, аз ҷумла:
   - қобилияти татбиқи усулҳои гуногуни рейтинг, гурӯҳбандӣ, таҳлили бисёрҷабҳаи оморӣ;
   - ҷустуҷӯ ва ошкор сохтани қонуниятҳо ва тамоюлҳо;
   - таҳияи пешгӯиҳо дар асоси усулҳои экстраполятсия.
3. Моделсозии раванд барои таъмин:
   - дурнамои сенарияи ҳолатҳо. Он имкон медиҳад, ки амалҳои назоратиро тартиб диҳед ва оқибатҳои эҳтимолиро ҳисоб кунед;
   - интихоби роҳҳои ҳалли оптималӣ, тавсияҳо барои интихоби яке аз имконоти зиёд дар доираи маҳдудиятҳои захиравии муайян;
   - арзёбии хавфҳои иқтисодии марбут ба татбиқи имконоти интихобшуда.
4. МВ аз блокҳои васеъшудаи зерин иборат аст:

– хазинаи маълумот;

– зерсистемаи коркарди таҳлилӣ ва пешниҳоди маълумот;

– зерсистемаи моделсозӣ ва дурнамосозӣ;

– маъмурият ва зерсистемаи амнияти иттилоотӣ.

«Хазина ва ё бонки маълумот барои ҷамъоварӣ ва нигоҳ доштани маълумот дар шакли доимоафзояндаи захираҳои ҳамоҳангшудаи иттилоотӣ, ки ба хизматрасониҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ барои корбарон нигаронида шудаанд, пешбинӣ шудааст»[55, с.71]. Хазинаи маълумот маҷмӯи модулҳои барномавӣ-техникӣ, ки ҷамъоварӣ ва нигоҳдории захираҳои иттилоотиро, аз ҷумла, дастрасӣ ба иттилооте, ки дар системаҳои дигари коркарди маълумот тавлид мешаванд, тағийрот, муттаҳидсозӣ ва ҷамъоварии иттилоотро таъмин мекунад. Зеристемаи коркарди таҳлилӣ ва пешниҳоди иттилоот маҷмӯи технологияҳо, асбобҳо, воситаҳо ва хизматрасониҳои ҳамоҳангшудаи ба ҳам алоқаманд мебошад, ки дар он доираи васеи барномаҳои амалии таҳлилӣ нигоҳ дошта мешавад. Инчунин, зерсистемаи мазкур ҳалли вазифаҳои зеринро таъмин мекунад:

– ташаккули ҳисоботи меъёрӣ;

– васли онлайнии ҳисоботи ғайринақшавӣ; таҳлили бисёрҷанбаи маълумот;

– кори таҳлилӣ, аз ҷумла таҳлили оморӣ;

– намоиши картографии маълумот;

– пешниҳоди маълумотҳо дар Интернет.

Дар доираи системаи коркарди таҳлилӣ ва пешниҳоди иттилоот, метавон системаи индикативии таҳлилро ҷудо кард, ки барои нишон додани нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳӣ дар давраи ретроспективӣ ва дурнамо пешбинӣ шудааст. Маҷмӯи нишондиҳандаҳои системаи таҳлили индикативӣ дар асоси принсипи ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва вазъи молиявии соҳа, муҳити зист таҳия карда шудаанд. Зерсистемаи моделсозӣ маҷмӯи моделҳои мантиқӣ, иттилоотӣ ва алгоритмӣ мебошад, ки инъикоси равандҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва технологиро барои субъектҳои хоҷагидорӣ дар бахши сайёҳӣ ташкил

медиҳад. Воситаҳои татбиқ имкон медиҳанд, ки занҷирҳои ҳисобкунӣ аз моделҳои гуногун фарқ карда шаванд. Барои ин параметрҳои дохилкунии баъзе моделҳоро бо параметрҳои хориҷкунии моделҳои дигар пайваст кардан мумкин аст.

Дар маркази вазъият, имкони васл кардани маҷмӯи намунавӣ дар асоси моделҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- модели эконометрикӣ имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои бештар муттаҳидшудаи бахшҳои алоҳидаи соҳаи сайёҳӣ тавсиф карда шаванд;
- маҷмӯи моделҳои симулятсионии минтақаҳо - динамикаи фаъолияти бахши сайёҳии минтақавиро дар асоси системаи ягонаи маҷмӯи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба системаи ҳисобҳои миллӣ дохил карда шудаанд, инъикос меменамояд.

Ҳисобкунии маҷмӯи моделҳо дар ҳар як нуқтаи давраи пешбинишаванда пай дар пай сурат мегирад, дар ҳоле ки натиҷаҳои ҳисобкунии ҳар як модел ё ба нишондиҳандаҳои дохилии дигар моделҳо таъсири мустақим мерасонанд, ё ҳангоми сохтани арзишҳо ба назар гирифта мешаванд, нишондиҳандаҳо барои фосилаи вақти зерин (агар вобастагиҳо ба мушаххасоти модел дохил карда шаванд) ҳисоб карда мешаванд.

Зерсистемаи маъмуригардондашуда ва амнияти иттилоотӣ имкон медиҳад, ки таъсироти тасодуфӣ ё мақсадноки дохилӣ ва берунӣ ба маҷмӯи барномавӣ-техникии бо мақсади (оқибати) дастрасии ғайриманқул ба иттилоот ва захираҳо, нобудсозӣ, таҳрири иттилооти бардурӯғ, конфигуратсияи комплекси техникию барномавӣ тағйир додани фаъолияти онро таъмин намояд.

Маҷмӯи васоити муҳофизатӣ бо дарназардошти гуфтушуниди эҳтимолии махфӣ дар бино имконияти коркард, ҳифз ва интиқоли маълумоти махфӣ (дар ҷойҳои кории махсус - сирри комил)-ро фароҳам меорад.

Маркази вазъӣ (МВ) барои фаъолияти коллективӣ бояд бо панелҳои плазмавӣ муҷаҳҳаз бошад, кор бо базаи маълумотҳо бо истифода аз СИБМ Oracle иҷро карда шавад, сервери барномаҳо барои иҷрои барномаҳои амалӣ бахшида шуда, фаъолияти веб-сервер таъмин карда шавад. Таҷҳизоти МВ ба

шабакаи маҳаллии кумита, вазорат пайваст карда шуда, барои роҳбарон ва таҳлилгарон дар дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ имконият фароҳам меорад.

### Натиҷагирӣ аз боби якум

1. Дар замони муосир сайёҳӣ яке аз фаъолиятҳоиояндадор ва фоидаовар ба шумор меравад. Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) даромадҳое, ки аз содироти маҳсулоти сайёҳӣ ба даст оварда мешаванд, дар қиёс бо даромади фаъолият дар соҳаҳои дигар нисбатан баландтар мебошанд.

Нақши сайёҳӣ дар рушди минбаъдаи иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон меафзояд. Мавҷудияти захираҳои табиию фароғатии нотакрор ва мероси бойи таърихию фарҳангии мамлакат дар самти эҳё ва рушди минбаъдаи бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як омили муҳими амалӣ гардидани афзалиятҳои иқтисоди мамлакат ба шумор меравад. Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳии кишвар тадбирҳои назаррас, аз ҷумла, беҳсозии инфрасохтори мавҷудаи сайёҳӣ, мусоидат намудан ба шароити мусоиди омаду рафти сайёҳони хориҷӣ ва ҷалби сармоягузориҳо бояд андешида шаванд.

2. Истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ ба захираҳои сайёҳӣ асос ёфтааст, ки технологияҳои мувофиқи истеҳсолотро ба монанди омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои муосир талаб мекунад. Барои таъмини раванди босуръати сайёҳӣ ба ҳам мувофиқсозии ин ҷузъҳо зарурат дорад:

- ҳаҷми зарурии ҷузъҳои истеҳсолот, яъне ифодаи миқдории онҳо, ки на танҳо ташкили раванди истеҳсолот, балки афзоиши минбаъдаи ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти сайёҳиро фароҳам меорад;
- ягонагии муваққатӣ ва фазоӣ - ҳузури ҳамзамони тамоми ҷузъҳо дар фазои маҳдуд, ки ҳамчунин истифодаи онҳоро дар фазои сайёҳӣ имкон медиҳад;

- мавҷудияти шахсони масъул доир ба истифодаи омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои сайёҳӣ ва шахсон ё гурӯҳҳои ашхоси (соҳибон ё дигар ҳуқуқдорон) тобеи онҳо;
- мавҷудияти маркази ҳамоҳангсозӣ, ки он дорои қудрати комили зарурӣ барои қабули қарорҳо нисбат ба таъмини иштироки ҷузъҳо дар раванди сайёҳӣ бошад.

3. Майдони иттилоотӣ – ҳамчун воситаи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои ба дуриҳо интиқол додани маълумоти сайёҳӣ ё тиҷориро дарбар мегирад. Дар он, иттилоот ҳамчун захирае маҳсуб меёбад, ки роҳи муваффақи пешбурди маҳсулоти сайёҳиро дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мекушояд. Барои табдил ёфтан ба воситаи нисбатан самарабахши истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ, майдони иттилоотӣ ба як қатор талаботи зерин бояд ҷавобгӯ бошад: ҳадди аксар будани мобилинокӣ ва реагентиви фаврӣ; эътимоднокӣ ва бартарафкунии монеаҳои эҳтимолӣ дар хати алоқа; аз рӯи миқёси фарогирӣ фарққунанда; дастрас будан ба шумораи ҳадди аксари мизоҷон.

Технологияҳои истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар пояи индустриалӣ ба нақшаи мустақими ҳамкории операторони сайёҳӣ (бо таъминкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ, хизматрасонии консулии давлатҳои хориҷӣ), ташкилӣ (ташкил ва тақсимоти меҳнат), маркетингӣ (реклама, стратегия, брендинг, методологияи таҳқиқоти маркетинг) тақсим мешавад.

4. Дар айни замон ҷаҳонишавии сайёҳии байналмилалӣ марҳилаи сифатан нави рушди бозори сайёҳиро тақозо менамояд. Сайёҳии байналмилалиро метавон ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ муайян намуд, ки он на аз омилҳои дохилидавлатӣ, балки аз омилҳои беруна вобаста буда, мазмун ва миқдори онро ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян менамояд. Дар ин шароит итилоот ҳамчун омили муҳим дар истеҳсолу пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ маҳсуб мешавад.

Ғолибиятро онҳое ба даст меоваранд, ки имрӯз иттилоотро дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ ба муштарӣ (агентӣ ё сайёҳӣ) зудтар ва беҳтар мерасонанд. Соҳаи муосири хизматрасонии сайёҳӣ бояд сари вақт ва ба қадри кофӣ ба

тасавvуроти афзояндаи истеъмолкунандагон дар бораи фаъолияти он посух дода тавонад.

5. Бояд қайд кард, ки дар таъмини рушди соҳаи сайёҳӣ субъектҳои идоракунӣ, бахусус давлат, мавқеи муҳим доранд. Консепсияи таъмини иттилоотии мақомоти давлатии соҳаи сайёҳӣ бояд ба фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ҳамчун як системаи мураккаби бисёрсатҳа, ки маҷмӯи объектҳои мухталифи сайёҳиро дар бар мегирад, асос ёбад. Маҳз барои татбиқи амалиёти идоракунӣ дар бахши сайёҳӣ маҷмӯи воситаҳои ташкилию методӣ, техникӣ,технологияҳои таъминоти иттилоотӣ ва таҳлилӣ заруранд. Шакли самарабахши системаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ, ки воситаҳоро дар бар мегиранд, марказҳои вазъие мебошанд, ки ҳамчун воситаи дастгирии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ истифода мешаванд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ТАЪМИНИ ИТИЛООТИИ ОН

## 2.1. Иқтидори иқтисодиву иҷтимоии сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва нишондиҳандаҳои итилоотикунонии он

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари сайёҳӣ мамлакати диққатҷалбкунанда буда, тамаддуни қадим, ҳайвоноти нодири кӯҳӣ, водиҳо ва доманаҳои кӯҳии барфпӯшу яхбастаи кӯҳҳои Помирро дар бар мегирад. Кӯҳҳои Помир манбаи оби дарёҳои бузург мебошанд. Ҳудуди Тоҷикистон бо ҷойҳои таърихӣ, осорҳои қадимии худ бой мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки дар самти андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон ва густариши ҳамкориҳои байнидавлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июни соли 2005 нархҳои раводидро барои шаҳрвандони хориҷӣ 20% ва барои раводиди сайёҳӣ вобаста ба миқдори гурӯҳ то 50% коҳиш дод.

Дар расми зер тамоюли афзоиши шумораи ширкатҳои фаъоли сайёҳӣ барои давраи солҳои 2015-2021 оварда шудааст (ниг. ба расми 2.1.1).




Таҳлили муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [14, с.184].

**Расми 2.1.1. – Шумораи ширкатҳои фаъоли сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, адад**

Тавре ки аз маълумоти расми 2.1.1 ба назар мерасад, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли афзоиш қарор дорад, яъне шумораи онҳо нисбат ба 82 адади соли 2015 ба 235 адад дар соли 2021, ё ин ки 2,86 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.1.1. – Ташрифи сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000 то 2021**

| № | Сол | Шумораи сайёҳони ташрифоварда, нафар | Афзоиш нисбат ба соли гузашта, маротиба |
|---|---|---|---|
| **1.** | 2000 | 7673 | 1,7 |
| **2.** | 2001 | 5200 | 0,7 |
| **3.** | 2002 | 6314 | 1,2 |
| **4.** | 2003 | 18872 | 3,0 |
| **5.** | 2007 | 35000 | 1,9 |
| **6.** | 2010 | 160000 | 4,6 |
| **7.** | 2011 | 183000 | 1,1 |
| **8.** | 2012 | 245000 | 1,3 |
| **9.** | 2013 | 207000 | 0,8 |
| **10.** | 2014 | 213265 | 1,0 |
| **11.** | 2015 | 413834 | 1,9 |
| **12.** | 2016 | 344000 | 0,8 |
| **13.** | 2017 | 431000 | 1,3 |
| **14.** | 2018 | 1035000 | 2,4 |
| **15.** | 2019 | 1257000 | 1,2 |
| **16.** | 2020 | 350600 | 0,3 |
| **17.** | 2021 | 296300 | 0,8 |

Сарчашма. Таҳияи муаллиф дар асоси додаҳои Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ.-Душанбе, 2021. – С. 290; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 184.

Тавре аз ҷадвали 2.1.1. ба назар мерасад, дар қиёс ба солҳои қаблӣ шумораи сайёҳони ба ҷумҳурӣ ташрифоварда дар ҳоли рӯ ба афзоиш қарор дорад, яъне ин нишондиҳанда аз 7673 нафари дар соли 1996 ба 1257000 нафар дар соли 2019 ё худ 163,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Қобили зикр аст, ки омилҳои мусбии ба рушди соҳаи сайёҳӣ таъсиркунанда, аз ҷумлаи бадастоварии сулҳ ва ягонагии миллӣ, устувории сиёсӣ дар мамлакат, гузаронидани ислоҳоти бомуваффақи иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва ғайра боиси афзоиши нишондоди ташрифи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ гардидааст. Аммо бинобар сабаби таъсири омили берунаи пандемиявии Ковид 19, шуруъ аз соли 2020 дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

соҳаи сайёҳӣ таъсири манфӣ гузошт. Бинобар ин, соли 2021 вазъи ташрифоварии сайёҳон ба ҷумҳурӣ 296300 нафарро ташкил додааст, ки ин нишондод нисбат ба соли 2019 ба андозаи 4,2 маротиба коҳиш ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки қисми зиёди корхонаҳои дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда, бевосита ба ташкили сафарҳо ба хориҷи кишвар барои шаҳрвандоне, ки мақсадҳои тиҷоратӣ доранд, машғул мебошанд, ба монанди: «Тахмина», «Бунёд», «Тоҷикавиатур», «Спутник», «Хушнуд», «Кафолат». Як қатор ширкатҳо, аз ҷумлаи корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба сайёҳӣ «Сайёҳ», ҷамъияти саҳомии «Инсайёҳ Тоҷикистон», ҷамъияти саҳомии «Алп-Наврӯз» ва ғайра дар масъалаҳои ташкили сайёҳии байналмилалӣ, ки ташрифи сайёҳони хориҷиро ба Тоҷикистон таъмин менамоянд, машғул мебошанд (ниг. ба ҷадв. 2.1.2 ва 2.1.3).

Айни замон зиёда 53,28%-и шумораи умумии ташрифоварии сайёҳон дар мамлакат ба сайёҳии хориҷшаванда рост меояд ва 46,72%-и онро сайёҳии воридшаванда ташкил медиҳад.

Дар айни замон бештар аз 65% иншооти санаторию истироҳатӣ ва самти сайёҳидоштаи кишвар барқарор гардида, тақрибан 35 минтақаҳои хусусӣ бунёд гардидаанд, ки барои ташкили истироҳату табобати шаҳрвандони Тоҷикистон, шуғли аҳолӣ ва ҷалби сармоягузории ватанӣ дар инфраструктураи номбурда шароити воқеиро ба вуҷуд меорад. Имрӯз чун давраи қабл ташкили сафари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар, ҳам барои истироҳату табобат ва ҳам ба мақсади тиҷорат, ки дуюмӣ тамоюли камшавӣ дорад, ҳамчун яке аз намудҳои сайёҳӣ баррасӣ мешавад. Агар ҳаҷми иҷрокунии хизматрасонии сайёҳию экскурсионии ширкатҳои сайёҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ 3008557 сомониро ташкил дода бошад, нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Хатлон ба 699591 сомонӣ баробар мебошад. Дар давраи таҳлилӣ, барои тамоми ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон масъалаи раводиди сайёҳон ба хориҷи кишвар дар ҳолати ногувор қарор дошта, натиҷаи фаъолияти зиёда аз 50 %-и ширкатҳои сайёҳӣ ба сифр баробар мебошанд.

**Ҷадвали 2.1.2. - Фаъолияти ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Номгӯи ширкатҳои Сайёҳӣ | Шумораи сайёҳони аз ҷумҳурӣ хориҷшуда | Шумораи сайёҳони хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшуда | Ҳаҷми иҷрокунии хизматрасонии сайёҳию экскурсионӣ (сомонӣ) | Маблағгузорӣ ба буҷет (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Дар ҷумҳурӣ** | | | | |
| **1** | ҶДММ «Бунёд» | 685 | - | 304514 | **64702** |
| **2** | ҶДММ «Ҳоҷи Алӣ» | 430 | - | 397747 | **5856** |
| **3** | ҶДММ «Тахмина» | 244 | - | 21960 | **2084** |
| **4** | ОММТ «Спутник» | 526 | 66 | 13185 | **2700** |
| **5** | ҶСШК «Инсайёҳ Тоҷикистон» | 44 | 4449 | 828932 | **225375** |
| **6** | ҶДММ «Интер Сити Тур» | 3 | - | - | - |
| **7** | ҶДММ «Ҳоҷи Насриддин» | 138 | - | 6427 | **771** |
| **8** | КВД оид ба сайёҳӣ «Сайёҳ» | 1999 | 38 | 72422 | **24769** |
| **9** | ҶДММ «Тоҷикинтурсервис» | 1001 | 472 | 298425 | **78943** |
| **10** | «Шурои ҷумҳуриявӣ оид ба сайру сайёҳат» | 400 | 639 | 268231 | **59010** |
| **11** | «Ширкати Душанбегии сайёҳии Осиёи Миёна» | 2 | 25 | 76164 | **969** |
| **12** | ҶДММ «Бюрои миллии сайёҳӣ» | 55 | - | 4790 | **575** |
| **13** | ҶДММ «Кафолат» | 327 | - | 26160 | **4360** |
| **14** | ҶДММ «Восток Трейдинг Тур» | 1210 | 556 | 234381 | **31536** |
| **15** | ҶДММ «Тоҷикавиатур» | 2207 | 8 | 243854 | **85720** |
| **16** | «КВД Сайду сайёҳат» | 13 | 37 | 2158 | **165** |
| **17** | ҶДММ «Авиатранс» | - | 64 | 38113 | **500** |
| **18** | ҶДММ «Султониён» | 146 | 50 | 12214 | **3005** |
| **19** | ҶДММ «Согдиана Травел» | 47 | 20 | 4757 | **1111** |
| **20** | ҶДММ «Вахё» | - | - | 1281 | **216** |
| **21** | ҶДММ «Алп Машков» | - | 114 | 20960 | **2510** |
| **22** | ҶДММ «Сайёҳӣ Эдем» | 177 | - | 14160 | **2749** |
| **23** | ҶДММ «Ориент Адвентур» | - | 307 | 87700 | **7600** |
| **24** | ҶДММ «Кавсар Тур» | 150 | - | 12000 | **7421** |
| **25** | ҶДММ «Ганҷина» | 69 | - | 6517 | **1303** |
| **26** | ОО «Памир-Сайёҳӣ» | - | 16 | 11505 | **1277** |
| | **Ҳамагӣ** | **16464** | **14437** | **3008557** | **615227** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи додаҳои Ҳисоботи ширкатҳои сайёҳӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2020

Аз 532 ёдгориҳои таърихӣ ва мадании Тоҷикистон 276-тоаш бозёфтҳои археологӣ буда, 185-адад ёдгориҳои таърихӣ ва 71-адад ёдгориҳои архитектурӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрҳои қадимае мавҷуданд, ки бо

тамаддуни гузаштаи худ, тамаддуни навро сохтаанд. Ба ин шаҳрҳо Хуҷанд, Кӯлоб, Истаравшан, Ҳисор[41] мисол шуда метавонанд.

**Ҷадвали 2.1.2. - Фаъолияти ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон**

| № | Номгӯи ширкатҳои Сайёҳӣ | Шумораи сайёҳони аз ҷумҳурӣ хориҷшуда | Шумораи сайёҳони хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшуда | Ҳаҷми иҷрокунии хизматрасонии сайёҳию-экскурсионӣ (сомонӣ) | Маблағгузории буҷетӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| **Дар вилояти Хатлон** | | | | | |
| 1 | ҶДММ «Истироҳатгоҳи Пули Сангин» | | 81 | 322700 | **24642** |
| 2 | ҶДММ «Сайёҳ асри 21» | | | | |
| 3 | ҶДММ «Морхур» | | 14 | 63000 | **12600** |
| 4 | ҶДММ «Экспедитсияи Осиёи Марказӣ» | | 17 | 57962 | **9462** |
| 5 | ТҶ «Сайри ҷаҳон» | | | | |
| 6 | ҶДММ «Ховалинг Фрилэнд Эдвенчер» | | | | |
| 7 | ТҶ «Муҳофиз» | | 1 | 23071 | **10768** |
| 8 | ҶДММ «Сайри Мунк» | | | | |
| 9 | ҶДММ «М. Бухори» | | | | |
| 10 | ҶДММ «Сайди Тагноб» | | 17 | 129423 | **36636** |
| 11 | ҶДММ «Сафари Даштиҷум» | | 1 | 26210 | **7200** |
| 12 | ҶДММ «Хуталон» | | | | |
| 13 | ҶДММ «Хатлон Сайёҳат» | | | | |
| 14 | ҶДММ «Сайёҳи Дуоб» | | 4 | 13000 | |
| 15 | ҶДММ «Истироҳатгоҳи Чашма» | | | 47500 | **7011** |
| 16 | ҶДММ «Сайёҳи Чилдухтарон» | | | | |
| 17 | ҶДММ «Сари-Хосор тревел» | | | | |
| 18 | ҶДММ «Наврангн» | | 4 | 16000 | **4500** |
| 19 | ҶДММ «Алмос» | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | **139** | **699591** | **112819** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи додаҳои Ҳисоботи ширкатҳои сайёҳӣ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2020

Дар Тоҷикистон минтақаҳои гуногуни табиати диққатҷалбкунанда дошта мавҷуданд. Масалан, биёбонҳое мавҷуданд, ки ба биёбони Сахараи Африқо мувофиқ аст. Қаторҳои яхбастаи қуллаҳои баланди кӯҳи Помир, ки тамоми сол имкони варзиши лижарониро дорад, ба шароити Гималай монанд аст. Бинобар ин, Тоҷикистон бо имкониятҳои гуногуни худ таваҷҷуҳи сайёҳонро ҷалб менамояд. Шароити Тоҷикистон барои сайёҳон-лижаронон ва дигар варзишгароне, ки ба варзиши кӯҳӣ таваҷҷуҳ доранд, мувофиқ мебошад.

Бартарии аз ҳад зиёди ҷумҳурӣ дар он аст, ки дар ҷумҳурӣ тамоми сол сафарҳои сайёҳиро идома додан мумкин аст ва ҷумҳурии мо дар байни давлатҳои ИДМ яке аз давлатҳое мебошад, ки рӯзҳои офтобиаш дар як сол то 250 рӯз мебошад [41].

Пиряхҳои Помири Тоҷикистон дар таваҷҷуҳи сайёҳон нақшаи илмӣ ва сайёҳиро ба миён овардааст. Дар ҳудуди Тоҷикистон ягон кӯҳпораи баланд ёфт намешавад, ки он барф ё ях надошта бошад. Ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои намоён дар ҷаҳон буда, дар кӯҳсори он пиряхҳои гуногунҳаҷм мехобанд, ки манбаи об буда, барои инкишофи варзиши лижаронӣ мувофиқ мебошанд. Майдонҳои яхбастаи он дар баландкӯҳҳои Зарафшон, Помир, Ҳисор ва Дарвоз воқеъ аст. Дар ин минтақаҳо 70%-и майдонҳои яхбастаи Осиёи Марказӣ ҷой дорад, ки масоҳаташ 8,5 ҳазор км$^2$ ё ин ки ба 6%-ҳудуди ҷумҳурӣ баробар мебошад. Ин масоҳат аз масоҳати яхбастаи якҷояи Қавқоз ва кӯҳҳои Алп зиёд аст. Пиряхҳо на танҳо манбаи об мебошанд, балки онҳо таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ба маротиб зиёд намуда, ташрифи дӯстдорони табиати нотакрор ва варзишгарони соҳаи варзиши кӯҳиро ба миён меоранд.

Паркҳо ва мамнуъгоҳҳо низ яке аз омилҳои ташкили соҳаи сайёҳӣ шуда метавонанд. Дар Тоҷикистон ҳамаи намудҳои объектҳои ҳифзшавандаи табиӣ мавҷуданд, ки он 20%-ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад (ниг. ба ҷадв. 2.1.4 ва расми 2.1.2).

**Ҷадвали 2.1.4. – Объектҳои сайёҳии ҳифзшаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Категорияҳои ҳудудҳои назоратшаванда | Категорияи МСОП | Миқдор | Масоҳат бо гектар |
|---|---|---|---|
| 1. Мамнуъгоҳҳо | I | 4 | 173,418 |
| 2. Паркҳои миллӣ | II | 3 | 2603,600 |
| 3. Ёдгориҳои табиӣ | III | 26 | - |
| 4. Фармоишӣ (нигоҳдории намудҳо) | IV | 14 | 313,390 |
| 5. Минтақаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ | - | 3 | 15,300 |
| 6. Боғҳои ботаникӣ | - | 5 | 731,000 |
| 7. Истгоҳи ботаникӣ | - | 13 | 10,000 |
| **Ҳамагӣ** | | **68** | **3846,710** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи додаҳои Стратегияи миллӣ ва нақшаи амалиёт барои нигоҳдорӣ ва истифодаи ратсионалии гуногуншаклаи биологӣ.

Аз маълумоти ҷадвали 2.1.4 маълум мегардад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 68 адад объектҳои сайёҳии ҳифзшаванда мавҷуд буда, аз онҳо қисми бештарро ёдгориҳои табиӣ -26 адад, фармоишӣ – 14 адад ва истгоҳҳои ботаникӣ – 13 адад ташкил медиҳанд. Мамнуъгоҳҳо ва паркҳо барои нигоҳдории захираҳои табиӣ, минтақаҳои экологӣ ва ёдгориҳои маданию таърихӣ ташкил карда шудаанд. Дар ҷумҳурӣ барои нигоҳдории ёдгориҳои маданию таърихӣ ҳудуди 3 млн. гектар замин ба категорияҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Ҷудокунии категорияҳо имконият медиҳад, ки экосистемаҳои табиӣ бо инкишофи микродархостҳо дар чорчӯбаи барномаи «Экосет»-и Осиёи Марказӣ инкишоф ёбанд. Ҳамчун моликият ин мамнуъгоҳҳо дар ихтиёри давлат мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо зарурати аз нав барқароркунӣ ба миён меояд ва онро барои эмин доштани намудҳои мушаххас истифода мебарем.




**Расми 2.1.2 - Ҳудудҳои ҳифзшавандаи табиии махсус**

Шарҳи расми 2.1.2 дар зер оварда шудааст:

- Боғҳо: 1. Боғи миллии Тоҷикистон, 2. Боғи таърихию табиии Ширкент, 3.Боғи табиии Сари Хосор;

- Мамнуъгоҳҳои табиат: 4. Мамнуъгоҳҳои Бешаи палангон, 5. Мамнуъгоҳҳои Дараи Ромит, 6. Мамнуъгоҳҳои Даштиҷум, 7. Мамнуъгоҳҳои Зоркӯл;
- Мамнуъгоҳи: 8. Қаторкӯҳҳои Музкул, 9. Мамнуъгоҳи Даштиҷум, 10. Мамнуъгоҳи Қаратов, 11. Мамнуъгоҳи Чилдухтарон, 12. Мамнуъгоҳи Кусавлин, 13. Мамнуъгоҳи Искандар кул, 14.Дараи Алмосӣ, 15.НБО Норак, 16. Мамнуъгоҳи Сангвор, 17. Мамнуъгоҳи Сайвотин, 18. Водии Зарафшон, 19.Дараи Камаров, 20. Мамнуъгоҳи Актош.

Ҳамин тариқ, ба туфайли хусусиятҳои хоси физикӣ, геологӣ дар Тоҷикистон имконияти зиёди иқтидорӣ барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ ва қабули сайёҳон бо равияҳои гуногун ва манфиатҳо мавҷуд мебошад. Тамоми аҳолии ҷаҳон Тоҷикистонро бо қуллаҳои баланди осмонбӯсаш мешиносанд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ объектҳои зиёди инфрасохтори сайёҳӣ фаъолият менамоянд. Дар маҷмӯъ 125 объекти сайёҳӣ ва санаторию истироҳатӣ буда, аз базаҳои сайёҳӣ, хона ва минтақаҳои истироҳатӣ, лагерҳои беҳдошти саломатӣ иборат мебошанд. Бисёр меҳмонхонаҳо дар шаҳри Душанбе, Кӯлоб, Бохтар, Хуҷанд ва Хорӯғ ҷойгиранд. Тоҷикистон дорои 4 фурӯдгоҳи байналмилалӣ (дар шаҳри Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб) мебошад ва ҳудуди ҷумҳуриро аз ғарб ба шарқ се шохаи роҳи оҳан (аз минтақаҳои марказӣ, шимол ва ҷануби ҷумҳуриро бо ҷумҳуриҳои ба мо ҳамсоя ва дӯсти Туркманистон ва Ӯзбекистон) пайваст менамоянд.

Яке аз унусурҳои соҳаи сайёҳӣ ин минтақаҳои сайёҳии рекреатсионӣ мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳои он назаррас мебошанд (ниг. ба ҷадвали 2.1.5).

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2.1.5 бармеояд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 200 манбаи обҳои минералӣ ва шифобахш мавҷуд аст, ки дар базаи онҳо ҷойҳои истироҳатию дамгирӣ барои сайёҳон, сохта шудаанд. Ин минтақаҳои табобатию – дамгирӣ бо номҳои «Хоҷа Оби Гарм», «Шоҳамбарӣ», «Оби гарм», «Зумрад», «Хавотоғ» машҳур мебошанд. Онҳо барои истироҳату табобати касалиҳо ва хизматрасониҳои гуногун ба роҳ монда шудааст. Дар

нуқтаҳои оби гарми шӯршуда, ба монанди осоишгоҳҳои «Гармчашма», «Башор» ва «Шоҳдара» маҳлулҳои давоии солимӣ ба таври табиӣ ҷамъ шудаанд. Хусусан ин ҳолат дар «Гармчашма», ки аз шаҳри Хоруғ 35 км дуртар аст, мавҷуд мебошад.

**Ҷадвали 2.1.5 – Минтақаҳои сайёҳии рекреатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| №т/р | Минтақаҳо | Таснифи онҳо |
|---|---|---|
| 1. | **Минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии марказӣ** | Мавзеи кӯҳӣ буда, аз қаторкӯҳҳои Туркистон, Зарафшон, Ҳисор, Олой (қисмати ҷанубӣ) ва ғайра иборат аст. Объектҳои сайёҳӣ ва алпинистии минтақа кӯлҳои Искандаркӯл, Марғузор, Кӯликалон, Пайрон, қуллаҳои Чимтарға (5494м) дар қаторкӯҳи Зарафшон ва Қазнок (4491м) ба ҳисоб меравананд. Ин минтақа нисбат ба дигар минтақаҳо омилҳои мусоиди табиӣ доранд |
| 2. | **Минтақаи сайёҳии рекреатсионии Ҷанубу ғарбӣ (вилояти Хатлон)** | Қисмати нисбатан пасти ҷануби ғарбии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Аз ҷиҳати тақсимоти худудӣ ба ин минтақаҳои сайёҳӣ як қисми ноҳияҳои тобеи марказ ва пурра вилояти Хатлон дохил мешавад. Гарчанде, ки ин минтақа ҳудуди зиёдеро дар бар мегирад, лекин захираҳои рекреатсионии ин минтақа чандон хуб омӯхта нашудаанд. Мавзеҳои асосии рекреатсионии ин минтақа инҳоянд: Мамнуъгоҳҳои «Бешаи Палангон» ва Даштиҷум, чашмаҳои минералии Қизилтумшуқ, Хоҷамӯъмин, Чилучорчашма ва ғайраҳо |
| 3. | **Минтақаҳои сайёҳии рекреатсионии Шимолӣ** | Қисматҳои ҷанубии қаторкӯҳи Курама, кӯҳҳои Муғул, водии дарёи Сир ва Шимолии каторкӯҳии Туркистонро дар бар мегирад. Ин минтақа аз захираҳои рекреатсионӣ хеле бой аст. Асоситарини захираҳои ин минтақа шароитҳои хуби иқлимии соҳили Баҳри тоҷик, лоиқаи шифобахши Оксуқон, чашмаҳои шифобахш, ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории Хуҷанд, Исфара ва Истаравшан ба ҳисоб меравананд. |
| 4. | **Минтақаи Помир** | Қисматҳои ҷануби шарқии Тоҷикистонро дар бар гирифта, яке аз минтақаҳои баландтарини натанҳо Тоҷикистон, балки минтақаи ИДМ мебошад. Баландии мутлақи он аз 2100 м то 7495м аст.Аз ҷиҳати тақсимоти маъмурӣ пурра ҳудуди вилояти Бадахшонро дар бар мегирад, захираҳои асосии рекреатсионии ин минтақа маршрутҳои алпинистӣ, хоҷагиҳои шикорӣ, ландшафтҳои табиӣ, ғорҳо ва аз ҳама муҳимаш чашмаҳои бешумори минералӣ мебошанд. |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф ва Гадозода А. Тоҷикистон-кишвари таърихиву сайёҳӣ/ А.Гадозода. –Душанбе: Ирфон, 2020. -130с. –С. 39.

Ҷойҳои асосии шифобахши он манбаъҳои радонӣ, обҳои минералӣ, лойҳои шифобахш, ҳавои тозаи табиӣ ва рӯидани алафҳои табиии шифобахш мебошад. Ин захираҳо ва дигар имкониятҳои санаторию – истироҳатии онро осоишгоҳҳои маҳаллии Тоҷикистон истифода менамоянд (ниг. ба ҷадв. 2.1.6).

**Ҷадвали 2.1.6 – Ҷойгиршавии осоишгоҳҳои минтақаҳои Тоҷикистон**

| № | Номи осоишгоҳҳо | Минтақа | Равия |
|---|---|---|---|
| 1 | Баҳористон | ш. Гулистон | Шифобахшӣ |
| 2 | Хоҷа Оби Гарм | н. Варзоб | Шифобахшӣ |
| 3 | Гармчашма | н. Ишкошим | шифобахшӣ бо об |
| 4 | Эдем – Аква | н. Шаҳринав | Шифобахшӣ |
| 5 | Хавотоғ | ш. Истаравшан | Шифобахшӣ |
| 6 | Сароб | н. Варзоб | Шифобахшӣ |
| 7 | Зумрад | ш. Исфара | Шифобахшӣ |
| 8 | Сатурн | ш. Ҳисор | Шифобахшӣ |
| 9 | Биби Фотима | н. Ишкошим | Шифобахшӣ |
| 10 | Оби Гарм | ш. Оби Гарм | Шифобахшӣ |
| 11 | Сановбар | ш. Оби Гарм | Шифобахшӣ |
| 12 | Сангчашма | ш. Ҳисор | Шифобахшӣ |
| 13 | Явроз | ш. Ваҳдат | Истироҳатгоҳи муҳити махсус |
| 14 | Оксукон | н. Ашт | Дармонгоҳӣ бо лой |
| 15 | Алмосӣ | ш. Ҳисор | Дармонгоҳӣ бо лой |
| 16 | Шоҳамбарӣ | ш. Ҳисор | Шифобахшӣ |
| 17 | Ҷиланрӣ | н. Шуғнон | Шифобахшӣ бо лой |
| 18 | Нигора | Н. Темурмалик | Шифобахшӣ бо лой |
| 19 | Танобчӣ - қизилсӯ | н. Муъминобод | Дармонгоҳӣ бо лой |

*Таҳияи муаллиф.*

«Инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ҳамаи гӯшаҳои ҷаҳон барои баланд шудани маданияти одамон таъсири мусбат мерасонад. Соҳаи сайёҳӣ яке аз усулҳои беҳтарине мебошад, ки маданияти халқҳоро меомӯзонад» [72, с.215]. Аҳамияти гуманитарии сайёҳӣ дар ташаккулёбии шахс, баланд шудани иқтидори эҷодӣ, васеъ шудани дониши сайёҳон мусоидат менамояд. Саъю кӯшиш барои васеъ намудани дониш ҳама вақт миёни одамон дар ҷои аввал меистад. Якҷоякунии истироҳат бо донистани ҳаёт, таърих ва маданияти дигар халқҳо яке аз масъалаҳои ҳалкунандаи соҳаи сайёҳӣ мебошад. Шиносоии сайёҳон бо маданият ва урфу одатҳои мамлакати мо ҷаҳонбинии маънавии сайёҳро васеъ менамояд.

Маданият ва фарҳанг пойдевори асосии ҷараёни инкишоф буда, нигоҳ доштани он ба истиқлолият, мустақилӣ ва худшиносии миллӣ оварда мерасонад. Дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ҷараёни демократикунонии маданият ва соҳаи сайёҳӣ ба миён омадааст, ки ин ҳиссаи ҷудонашавандаи ҳаёти

ҷамъиятӣ мебошад. Худшиносӣ ва донистани муҳити атроф, инкишофи шахсият ва ба даст овардани ҳалли масъалаҳои гузошташуда бе омӯхтани донишҳо дар соҳаи фарҳанг имконнопазир мебошад. Бинобар он, сиёсати мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он равона шудааст, ки худшиносии миллӣ, барқарор намудани ёдгориҳои таърихӣ, ҳифзи муҳити зист ва табиат бояд пурзӯр карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки бештари аҳолии ҷумҳурии мо дар вақти таътили тобистона сафар менамоянд ва ин яке аз элементҳои асосии соҳаи сайёҳии дохилӣ мебошад. Бинобар ин, инкишофи омилҳои дохила барои пешравии маданият ва фарҳанг таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро зиёд намуда, ҷараёни соҳаи сайёҳӣ афзоиш меёбад. Дар баъзе мамлакатҳо соҳаи сайёҳӣ ба сиёсати муносибатҳои маданӣ дохил шудааст.

Барои соҳиб шудан ба дараҷаи инкишофи маданӣ дар бозори соҳаи сайёҳӣ элементҳо ва омилҳои маданию – фарҳангиро бо воситаи ахбороти паҳнкунанда истифода намудан мумкин аст.

Муваффақияти инкишофи соҳаи сайёҳӣ на танҳо аз базаи моддӣ – техникӣ, ки бо стандартҳои қабулшуда ва талабот мувофиқ аст, балки он аз маданият ва фарҳанги миллӣ низ вобастагӣ дорад. Мероси маданию – фарҳанги миллӣ бояд оқилона ва эҷодкорона муаррифӣ карда шавад. Прогресси илмию техникӣ ба он оварда расонд, ки маҳсулоти як мамлакат аз маҳсулоти мамлакати дигар қариб, ки фарқ намекунад. Онҳо бояд дар маданият ва фарҳанг якшакла набошанд. Мамлакате, ки дар соҳаи сайёҳӣ муваффақ шудан мехоҳад, бояд маҷмӯаи нодири маданию – фарҳангӣ дошта, онро бо бозори соҳаи сайёҳӣ муаррифӣ намояд. Аз ҳама муҳим, маҷмӯаи маданию фарҳангӣ ин расидан ба сулҳу субот, оромӣ ва устувории сиёсию иқтисодии мамлакат мебошад. Барои пешниҳоди объектҳои алоҳида ба бозори соҳаи сайёҳӣ, объектҳои таърихии гузашта бо ягон мазмуни асосӣ зарур аст. Бинобар ин, «Яке аз масъалаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ ин на танҳо ташкили маҷмааи фарҳангию – маданӣ барои сайёҳон аст, балки илова бар ин, омили нигоҳ доштани он дар давраҳои дарозӣ таърихӣ низ мебошад» [68, с.89].

Новобаста аз он, ки иттилооти дилхоҳро бо воситаи ахбори омма, адабиёти бадеӣ ва дигар воситаҳо дастрас намудан мумкин аст, вале ҳикмати зерин хеҷ вақт куҳна намешавад: «Хуб он аст, ки як бор онро бинӣ, нисбат ба он, ки дар бораaш сад бор шунавӣ», ё ба маънои дигар «Як бор дидан, беҳ аз сад бор шунидан».

Аз ин рӯ, барои ҷалби сайёҳон бояд нақшаи тарҳрезишудаи муайян тартиб дода, чорабиниҳои фарҳангӣ ва барномаҳои махсус таҳия намудан зарур аст, то ки таваҷҷуҳи сайёҳон афзояд. Тағийрёбандаи асосии инкишофи соҳаи сайёҳӣ барои баъзе гурӯҳҳои сайёҳон ин характеристикаи мадании ҳамон халқ мебошад. Сайёҳон асосан ба элементҳои мадании халқ, санъат, илм, дин ва таърихи ҳамон халқ таваҷҷуҳи бештар доранд.

Санъати тасвирии ҷумҳурӣ низ яке аз элементҳои маданият буда, барои ташаккул ва инкишофи соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд. Ин тасвирҳоро дар истироҳатгоҳҳо, меҳмонхонаҳои сайёҳон ва дигар объектҳои сайёҳӣ гузоштан лозим аст.

Бо воситаи санъати тасвирӣ сайёҳонро бо маданияти ҳамон минтақа шинос намудан мумкин аст. Ба ғайр аз намоишгоҳҳо, фестивалҳо, намоишҳои гуногуни пурмазмун элементҳои санъати тасвирии миллиро намоиш додан муҳим аст.

Санъати мусиқӣ низ аз элементҳое мебошад, ки таваҷҷуҳи сайёҳонро ба кишвар меафзояд. Дар ин самт санъати мусиқӣ омили ҳалкунанда буда, барои ҷалби сайёҳон нақши муҳим мебозад. Фестивалҳои машҳури мусиқӣ ҳар сол ҳазорон иштирокчиро ҷалб менамоянд. Дар бисёр меҳмонхонаҳои сайёҳӣ меҳмононро бо мусиқиҳои миллӣ шинос мекунанд ва барномаҳои бегоҳии ҷалбкунанда, шабонарӯзии фолклорӣ ва сурудхонӣ таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб менамояд. Фитаҳои мусиқиҳои миллӣ, ки дар марказҳои сайёҳӣ ба намоиш гузошта мешаванд, имконият медиҳанд, ки сайёҳон ба маданияти миллӣ шинос шаванд. Рақсҳои этникӣ низ яке аз элементҳои маданияти миллӣ ба ҳисоб мераванд. Амалан ҳар як минтақаи мамлакат шакли рақси миллии худро дорад.

Шиносоии сайёҳон бо рақсҳои гуногуни миллӣ дар шабнишиниҳои фолклорӣ, боиси иҷрои барномаҳои махсус мешаванд.

Комплекси сайёҳии мамлакат ба сайёҳон шаклҳои гуногуни ҳунарҳои мардумиро пешниҳод менамояд. Ҳунарҳои мардумӣ ин хотираи хубест, дар бораи ин ё он мамлакат. Бояд қайд кард, ки агар маҳсулоте, ки дар мамлакат сохта нашудааст, аз хориҷа оварда шуда бошад, барои сайёҳ таваҷҷуҳ ҳосил намекунад. Барои сайёҳ бояд маводҳои зарурӣ дар ҷойҳои мувофиқ ба фурӯш гузошта шавад. Хариди мол ҳангоми сафар хеле гарон буда, бинобар ин, молҳое, ки ба сайёҳон пешниҳод мешаванд, бояд бо тамғаю номаш ҳамчун ассортименти алоҳида ҷудо бошанд. Ин тарзи пешниҳод имконият медиҳад, ки талабот ба ин молҳо афзояд. Дар баъзе марказҳои сайёҳӣ дӯконҳои махсус бо услуби миллӣ таъсис дода шудаанд, ки дар онҳо ҳунармандони маҳаллӣ бевосита дар ҳузури харидорон маҳсулот омода менамоянд. Ин шакли савдои маҳсулоти сувенирӣ як навъи муаррифии дастовардҳои ватанӣ буда, таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ бештар ҷалб менамояд.

Объектҳои мероси фарҳангӣ ёдгориҳои гуногуни даврони гузашта мебошанд, ки барои наслҳои ҳозира ва оянда арзиши хоси фарҳангӣ доранд ва ин омили асосии ҷалби сайёҳон мебошад. Масалан дар ин ҷода ноҳияи Балҷувонро, ки дорои мавзеъҳои зиёди таърихӣ-динӣ мебошад, қайд намудан бамаврид аст. Мавзеъҳои сайёҳии ноҳия ин қалъаи Мир мутаалиқ ба асрҳои XVI-XIX, қалъаи Чорбоғ (асри миёна), қалъаи Тупхона (асрҳои I-и пеш аз мелод то 6-и мелодӣ), қалъаи Дектур (асрҳои XVIII-XIX), қалъаи Турк (асрҳои XII-XIII), қалъаи Чаноро, қалъаи Ҷавгонӣ, қалъаи Додӣ, бошишгоҳҳои даври асри сангин дар деҳаҳои Файзобод, Шаҳиди Бобохон, Ҷимбулоқ ва мақбараю оромгоҳи орифон мебошанд. Мақбараи Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ (Зillarobӣ) дар канори шарқии маркази ноҳияи Балҷувон, дар байни рӯдҳои Обимазор ва Тоир воқеъ гашта, барои яке аз намояндагони охирини мактаби тасаввуф Шоҳнеъматуллоҳи Заробиддин зиёда аз 600-сол қабл сохта шуда, диққати сайёҳони зиёдеро ҷалб намудааст.

Ёдгории дигари беҳамтои таърихӣ ва архитектурӣ ин мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки дар маркази шаҳри Кӯлоб ҷойгир буда, ба ин мақбара ҳазорҳо нафар барои зиёрати ин шахсияти бузург меоянд. Чунин объектҳо – захираҳои сайёҳӣ дар мамлакат хеле зиёданд.

Чунин объектҳои таърихӣ дар ҷумҳурӣ барои бо муваффақият пеш рафтани соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамоянд. Сайёҳон таваҷҷуҳи хосае ба омӯзиши пайдоиши ёдгориҳои таърихии ин мамлакат зоҳир мекунанд. Меросҳои таърихии минтақаҳо зарурияти дар оянда пешниҳод шудан ба бозори сайёҳиро доранд.

Ёдгориҳои адабии ҷумҳурӣ низ яке аз элементҳои пешниҳод оид ба ҷалби сайёҳон мебошад. Эҷодиёти адабӣ низ қувваест, ки ҳолати мадании ин ё он халқро таҷассум мекунад. Барномаҳои диққатҷалбкунанда, шабнишиниҳои бадеӣ, китобхонаҳои назди меҳмонхонаҳои сайёҳӣ дар ҷалби сайёҳон нақши муҳимро мебозанд. Дар чорчӯбаи шиносоии соҳаи сайёҳӣ чорабиниҳои адабӣ дар маҳалҳо вобаста ба муаллифон ва қаҳрамонҳои китобҳои бадеӣ ташкил карда мешаванд.

Дараҷаи инкишофи соҳаи саноат дар ҷумҳурӣ яке аз самтҳои асосӣ оиди ҷалби сайёҳони гурӯҳи алоҳида, ки мехоҳанд ба иқтисоди ин кишвар шинос шаванд, буда метавонад. Бинобар ин, оиди саноатикунонии ҷумҳурӣ ҳукумати кишвар як қатор қарорҳо қабул намуд. Тезонидани инкишофи соҳаи саноат аз захираҳои соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки НБО-и Роғун яке аз неругоҳҳои бузург буда, сохтмони он таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб мекунад ва захираи соҳаи сайёҳӣ шуда метавонад.

Дараҷаи инкишофи соҳаи кишоварзӣ низ диққати ширкатҳои хориҷиро ба худ ҷалб карда метавонад. Масалан, Дания яке аз пешқадамтарин истеҳсолкунандаи соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ҳар сол истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзии давлатҳои гуногун ба ин мамлакат ҳамчун сайёҳ сафар мекунанд, яъне инкишофи соҳаи кишоварзӣ захираи соҳаи сайёҳӣ буда метавонад. Хоҷагиҳои фермерие, ки ба марказҳои соҳаи сайёҳӣ наздик

мебошанд ва маҳсулоти тайёр намудаашонро пешниҳод мекунанд, метавонанд аз шохаҳои асосии хизматрасонии сайёҳӣ бошанд.

Бинобар ин, дарояндаи наздик бояд барномаҳое таҳия карда шаванд, ки молҳои кишоварзӣ ба ассортимент ҷудо карда шуда, ҳангоми ҷамъоварии ҳосил сайёҳон низ тавонанд ба он шинос ва дар ин мавсим иштирок намоянд. Ин гуна таҷриба дар Гавайя васеъ ба роҳ монда шудааст, ки сайёҳон ба истеҳсоли ананас дар плантатсияҳо таваҷҷуҳ менамоянд ва ҳангоми ҷамъоварӣ иштирок мекунанд.

Дараҷаи баланди омӯзиш ба инсон имконият медиҳад, ки донишҳои пешрафтаро омӯзад. Таъсири одамон ба якдигар аз ҷаҳонишавии ҳаёт ташаккул меёбад ва ин омил низ ба инкишофи соҳаи сайёҳӣ таъсири мусбат мерасонад. Сокини як мамлакат ҳамчун қоида ба системаи омӯзиши мамлакати дигар завқ пайдо мекунад. Бинобар он, мактабҳои таълимӣ, коллеҷҳо, донишгоҳҳо ва дигар шаклҳои мактаб ҳамчун элементи маданиятнокӣ дар бозори соҳаи сайёҳӣ муаррифӣ мешаванд. Донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳонӣ аллакай барои сайёҳон ҷойҳои тамошобоб ва шиносоӣ гардидаанд. Ба ғайр аз ин, системаи таълим иқтидори махсуси соҳаи сайёҳӣ буда, сайёҳонро ҷалб мекунад ва ин таълимгоҳҳо соҳаи сайёҳиро метавонанд омӯзонанд. Таълими дараҷаи баланд донишҷӯёнро аз минтақаҳо ва дигар мамлакатҳо барои гирифтани таълим ҷалб мекунад ва сегменти бозори истеъмолиро мустаҳкам менамояд. Тенденсияҳои инкишофи истифодабарии ташкилотҳои таълимӣ ба мақсади сайёҳӣ васеъ гардид. Ташкил ва гузаронидани конфронсҳо, вохӯриҳои корӣ, семинарҳо дар базаи коллеҷу донишгоҳҳо торафт васеъ мешаванд. Иқтидори илмӣ низ имконият медиҳад, ки ба он мамлакат рафтуомади сайёҳон зиёд гардад. Дар байни сайёҳон шахсони ба илм машғулбуда ё дар ягон соҳаи илм фаъолияткунанда низ зиёд мебошанд.

Дар асри инқилоби илмӣ-техникӣ, комплексҳои илмӣ захираҳои муҳими шинохташудаи соҳаи сайёҳӣ мебошанд. Ба маҷмӯаи объектҳои илмӣ музейҳои махсусгардонидашуда, намоишгоҳҳо, марказҳои астрономӣ, мамнуъгоҳҳо, аквариумҳо дохил мешаванд. Сайёҳат ба объектҳои илмӣ ҳам барои

мутахассисони соҳаи муайян ва ҳам ба таври оммавӣ барои сайёҳон ташкил карда мешаванд.

Дар системаи иқтидории соҳаи сайёҳӣ ошхонаи миллӣ элементи мадании мамлакат буда, диққати сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Барои ҳамин ҳам тарабхонаҳои ватанӣ, ки ба сайёҳони хориҷӣ хӯрокҳои миллиро пешниҳод мекунанд, мефаҳмонанд, ки ин хурок аз кадом маҳсулот тайёр шудаанд ва онро чӣ тавр тайёр намудаанд. Шавқу ҳаваси сайёҳон асосан ба кафе, тарабхонаҳо бештар аст, ки дар он ҷо намудҳои гуногуни хӯрокҳои лазиз мавҷуд мебошад. Аз ин рӯ, бояд тарабхонаҳо дар шакли миллӣ таҷҳизонидашуда, мазмуни бойи миллиро таҷассум намоянд.

Ғизо ё хӯроки сайёҳ элементи асосии сафару сайёҳат мебошад. Аз ин рӯ, ошхонаҳои миллӣ, намудҳои гуногуни хӯрок, сифати онҳо барои сайёҳон ҳамчун хотира аз истироҳат боқӣ мемонад ва таассуроти онҳоро оид ба ин мамлакат  зиёд мекунад.

Нақши асосиро барои ҷобаҷокунӣ ва стандартӣ намудани маданияти ҷаҳонӣ ва фаъолияти сайёҳӣ ЮНЕСКО ва СҶС мебозанд. Анҷуманҳои умумӣ, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои созмонҳои байналмилалӣ, ки дар онҳо намояндагони фарҳангу сайёҳии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон иштирок мекунанд, механизми амалкунандаи ҳамкориҳои байналмилалӣ буда, қарорҳои қабулнамудаи онҳо ҳамчун асос барои коркарди механизми ин соҳаҳо дар дараҷаи миллии ҳар як мамлакат мебошанд. Конвенсия ва тавсияҳои ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, таърихӣ ва табиӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус буда, аҳамияти ҳифзи он барои рушди минбаъдаи сайёҳӣ таъкид шудааст.

Дар чорчӯбаи конфронси умумиҷаҳонӣ сиёсати ҷаҳониро дар соҳаи маданият ва пешниҳодҳо оиди соҳаи сайёҳӣ дар асоси нигоҳубини табиат, экология, истифодаи мадании он, ёдгориҳои таърихӣ-маданӣ бояд инкишоф дод. Ҳайкалу ёдгориҳои таърихӣ, маданӣ ва табиӣ боигарии миллии ҳар як давлат мебошанд. Азхудкунии ҳудудии соҳаи сайёҳӣ аз рӯйи принсипи зерин ба миён меояд: «Нигоҳ дор, барқарор намо, зарар нарасон».

Бисёр минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ёдгориҳои таърихии дар ҳудуди муайян ҷойдошта бой ҳастанд, шаҳрҳои қадима, маҷмааҳои маданӣ, архитектурӣ, ёдгориҳои таърихӣ, бозёфтҳои археологӣ мавҷуданд. Ин ёдгориҳои таърихӣ бояд ҳифз карда шаванд, ки манбаи инкишофи соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравaнд. Фаъолияти нави намудҳои гуногуни хизматрасонӣ бояд илова карда шавад, ки ҷараёни хоҷагидорӣ ва маданию – иҷтимоиро пурмазмун намояд.

Ҳангоми инкишофи инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ аз ҳама муҳим он аст, ки шакли таърихии ҳудудӣ вайрон карда нашавад. Ҳар як маркази сайёҳии навташкилшаванда бояд хусусиятҳои миллӣ ва урфу одатҳои миллиро таҷассум намояд ва шакли якхелаи худро нигоҳ дорад. Сохтани паркҳои табиӣ – таърихӣ бо нигоҳдории ёдгориҳои таърихию – маданӣ мувофиқат намояд, архитектура ва маҷмааи маданӣ бояд нигоҳ дошта шавад. «Зарур аст, ки ёдгориҳои фарҳангу таърихи манзараҳои сунъӣ, табиӣ ва анъанавӣ, ки арзишҳои пойдори таърихӣ, сарватҳои миллӣ ба ҳисоб меравaнд, ҳифз ва барқарор карда шаванд»[57, с.451].

Ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ дорои мероси гузашта мебошад. Барои муайянсозии базаи соҳаи сайёҳӣ  дар ин ё он минтақа бояд ба саволи зерин ҷавоб гардонд. «Бо кадом захира мероси гузаштаи ин ё он ҳудудро ҷудо намуд ва чӣ тавр захираи мероси гузаштаро ба мақсади соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи мушаххас метавонем истифода намоем?».

Бо ин мақсад бояд принсипҳои зерини соҳаи сайёҳиро риоя намуд:

- кумаки фаъолона дар ҳифзи мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва табиӣ;
- нигоҳ доштани хусусиятҳои хоси мероси минтақа нисбат ба минтақаҳои дигари кишвар;
- ташаккули зеҳнии мардуми маҳал ва ифтихори онҳо нисбати мероси нодири гузаштаи маҳал;
- коркарди барномаи рушди сайёҳӣ дар асоси мероси ёдгории таърихии маҳал.

Соҳаи сайёҳӣ на танҳо ба минтақа даромад меорад, илова бар ин мардуми маҳалро ифтихорманд мекунад, ки дар маҳали онҳо чунин ёдгории таърихӣ

ҳаст. Имконият пайдо мешавад, ки онҳо бо сайёҳон ҳамҷоя шаванд [161]. Агар ҷомеа ин манфиатро хуб дарк намояд, он гоҳ ҷомеа системаи истифодабарии мероси таърихиро барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ васеъ менамояд.

Муваффақияти соҳаи сайёҳӣ ва зиёдшавии иқтидори он аз нигоҳубини захираҳои меросии маданӣ, таърихӣ ва табиӣ вобастагӣ дорад. Татбиқи барномаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва иқтидори табиии минтақа ба мақсади сайёҳӣ яке аз мушкилоти муҳими тағйирёбии мавсимии талаботро ба роҳи пешниҳоди шаклҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ ҳал наменамояд. Барои бо мақсад расидан аз элементҳои фарҳангӣ бояд истифода намоянд.

Соҳаи сайёҳӣ як қатор омилҳое дорад, ки барои инкишофи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он мусоидат мекунад.

**Ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ.** Нигоҳ доштан ва инкишофи мавзеъҳои таърихӣ бо ҷаҳонишавии ҷараёни мубаддалшавӣ, урбанизатсия дар доираи васеъ алоқаманд мебошад. Дар баробари инкишофи воситаҳои ахбори омма, истифодаи технологияи иттилоотиро ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Ҳамаи ин омилҳо ба ташаккули фарҳанги оммавии ҳозиразамон таъсир мерасонанд ва ин ба соҳаи сайёҳӣ бетаъсир намемонад. Ин имконият медиҳад, ки аз маданият ва урфу одатҳои халқҳои ин мамлакат сайёҳон огоҳӣ ёбанд. Ба ақидаи баъзе муаллифон, ки дар даҳсолаҳои охир пайдо шудааст, ҳаракати баргаштан ба маданияти аввала ба миён омадааст. Дар ин ҷода соҳаи сайёҳӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд. «Агар урфу одатҳои халқӣ аз байн рафта бошад, он гоҳ зарурияти барқарории он пеш меояд» [39].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани низоми ҳавасмандгардонии рушди сайёҳӣ ва табдил додани иқтидори сайёҳӣ ба маҳсулоти сайёҳӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018 таҳти №189) номгӯи объектҳоеро муайян намуд, ки воридоти таҷҳизот, техникаҳо ва маводҳои сохтмониро ба онҳо аз ААИ ва боҷи гумрукӣ озод намуд (ниг. ба ҷадв. 2.1.7).

**Ҷадвали 2.1.7. – Рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёди онҳо воридоти таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мебошанд**

| № | Номгӯи иншоот |
|---|---|
| 1. | Меҳмонхонаҳо, аз ҷумла меҳмонхонаҳои махсус (хурд, гестҳаус, ҳостел) |
| 2. | Осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо |
| 3. | Марказҳои хизматрасонии маҷмӯии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ) |
| 4. | Нуқтаҳои хизматрасонии маҷмӯии сарироҳӣ (мотел) |
| 5. | Боғҳои фарҳангию фароғатӣ |
| 6. | Мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ) |
| 7. | Инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ |
| 8. | Тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ |
| 9. | Марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ |
| 10. | Пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ барои сайёҳон |
| 11. | Маҷмааи сайёҳию лижаронӣ |
| 12. | Марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардӣ, лижаронӣ, роҳбаладӣ |

**Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 12 апрели соли 2018, №189 тасдиқ шудааст.

Тавре ки аз ҷадвали 2.1.7 мушоҳида мешавад, ин иқтидор барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ҳоло пурра ба талаботи бизнеси соҳаи сайёҳӣ мувофиқат намекунад.

Соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дар ҷумҳурӣ ҳолати душворро аз сар мегузаронад. То давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, дар ҷумҳурӣ сайёҳӣ низ ба монанди дигар соҳаҳои хоҷагии халқ аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда танзим карда мешуд. Ба минтақаҳои асосии соҳаи сайёҳӣ дар вақти Иттиҳоди Шуравӣ, минтақаҳои Кофқоз, Қрим, ҷумҳуриҳои соҳили баҳри Балтика, ҷойҳои таърихии Россия ва Осиёи Миёна дохил мешуданд. Дар баробари ин, аҳамияти таърихии як қатор ёдгориҳои меъморӣ, бостоншиносӣ, фарҳангӣ ва мавзеъҳои табиии Тоҷикистон воқеан таблиғ карда нашуда, аз мадди назар берун мемонд. Соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар замони Шуравӣ яке аз унсурҳои фарҳангӣ буда, аҳамияти иқтисодии он ба чашм намерасид. Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ин мавзеъҳо ҳамчун воситаи идеологӣ бурда мешуд, бинобар ин, манфиати иқтисодии кам дошт. Баъди мустақил шудани ҷумҳурӣ имконияти инкишофи саноати соҳаи сайёҳӣ пайдо шуд. Қадами бузурге, ки

ҷумҳурӣ дар ин ҷода гузошт, дар он аст, ки ҷумҳурӣ ба ташкилоти сайёҳии умумиҷаҳонӣ дохил шуд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ якбора шавқу ҳавас ба захираҳои соҳаи сайёҳӣ боло рафт ва имконияту роҳҳои ҷорӣ намудани соҳаи сайёҳӣ пайдо гардид. Агар соҳаи сайёҳӣ дар замони пеш ҳамчун соҳаи истироҳат дониста мешуд, имрӯз соҳаи сайёҳӣ мазмуни нав пайдо карда, яке аз соҳаҳои сердаромади хоҷагидорӣ гаштааст. Имрӯз соҳаи сайёҳӣ аз равияҳои пешқадам буда, соли 2019 дар ҷумҳурӣ консепсияи инкишофи соҳаи сайёҳӣ қабул карда шуд, ки дар асоси он инфрасохтори соҳаи мазкур мунтазам мавриди амал қарор дода мешавад.

## 2.2. Арзёбии нишондиҳандаҳои асосии тамоюлҳо ва механизмҳои иқтисодии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 (СМҶ-2030) қайд шудааст, ки асоси рушди превентивӣ, индустриалӣ ва инноватсионии мамлакатро сармояи табиӣ ташкил медиҳад. Мероси бойи таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон табиати нодир бо кӯлҳои нотакрор, ҳайвонот ва растаниҳои нодир, инчунин кӯҳҳои баланд буда, шарти муҳими рушди бахши сайёҳӣ ва афзоиши саҳми ин соҳа ба маҷмӯи маҳсулоти дохили кишвар мебошад [22].

Барои он ки саҳми соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар назаррас бошад, Стратегияи рушди сайёҳиро барои давраи дарозмуддат таҳия кардан зарур аст. Ҳамчунин барои он ки як барномаи мукаммали давлатии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон амалӣ карда шавад, саҳми сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 15-20% расонида шавад.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 вазифаҳо дар самти ба даст овардани афзалиятҳои асосӣ ҷиҳати беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таваҷҷуҳ ба секторҳои суғуртаи сайёҳӣ равона карда шуд [1].

Чи тавре ки дар боби якум қайд намудем, моҳияти сайёҳатро ҳамчун самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат эълон намудан аз он иборат аст, ки сайёҳӣ соҳае мебошад, ки маблағҳои дар ин соҳа сармоягузорӣ кардашуда, метавонанд дар муддати на чандон тӯлонӣ суд биоваранд. Ба ғайр аз ин, хизматрасонии сайёҳӣ ва молҳои он – маҳсулоти муҳиме мебошанд, ки метавонанд, рақобати хеле тезу тунд дар бозори ҷаҳониро пушти сар бикунанд ва ба яке аз сарчашмаҳои асосии содироти хизматрасонӣ ва андӯхтани будҷети давлатӣ гарданд.

Қабули сайёҳон дар қаламрави ҷумҳурӣ ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд оварда, сохтори хизматрасонӣ барои аҳолиро ташаккул медиҳад, ки натиҷаи он ба бахши хусусӣ ва давлат даромадҳои назаррас дар шакли фурӯш ва андозҳо аз хизматрасонии сайёҳӣ ба бор меоварад. Аз ин рӯ, дар ин самт нақши асосиро

субъектҳои хоҷагидорӣ мебозанд, ки ба ҳайси тарафи қабулкунанда фаъолият мекунанд. Баъзе аз навъҳои сайёҳӣ инфрасохтори рушдкарда ва теъдоди зиёди хизматрасониҳоро талаб менамоянд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ сайёҳӣ ҳамчун соҳаи сердаромад ва яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон хислати наве касб карда истодааст. Дар Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарин доир ба таъмини аҳолии қобили кор ба меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди дигар соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеҳсолот буда, инчунин соҳае мебошад, ки таърих, фарҳанг ва анъанаҳои миллиро инъикос мекунад. Ба мақсади инкишофи сайёҳӣ, ироаи асосноки имконоти сайёҳии мамлакат, инчунин ҷалби сармояҳо ба соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ  пешниҳод мекунам, ки соли 2018 дар мамлакат Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад» [21].

Дар натиҷаи татбиқи Барномаи миёнамуҳлати инкишофи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва диққати махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои сайёҳӣ хислати устувор касб кард, ки динамикаи нишондиҳандаҳои асосии он чунин мебошад (ниг. ба ҷадв. 2.2.1).

Тавре ки рақамҳои ҷадвали 2.2.1 дар давраи аз соли 2015 то соли 2021 гувоҳӣ медиҳанд, ҳамаи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқ ба маълумоти идораи асосии қушунҳои сарҳадӣ вориди мамлакат шуданд, аз 463 то 517,6 ҳазор нафар, яъне 1,12 маротиба афзоиш ёфтааст. Теъдоди шаҳрвандоне, ки ба ҳайси сайёҳ мутобиқ ба идораи асосии қушунҳои сарҳадӣ вориди мамлакат шуданд тафриқавӣ буда, солҳои 2015-2019 ба миқдори 844 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Соли 2021 нишондиҳандаи мазкур ба 296,3 ҳазор нафар баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015 ба андозаи 1,4 маротиба коҳиш ёфтааст.

Дар давраи таҳлилӣ, новобаста аз он, ки теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ 153 адад афзоиш ёфта бошад ҳам, аммо бо сабаби таъсири пандемия теъдоди сайёҳони дохилие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷи мамлакат сафар кардаанд, 14597 нафар, ё ин ки 89,2% коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон, теъдоди сайёҳони хориҷие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон

ворид гардидаанд 69,1% коҳиш ёфтааст. Бо таваҷҷуҳ ба инкишофи соҳибкорӣ дар соҳаҳои сайёҳӣ ҳаҷми даромад аз хизматрасонии ироашудаи сайёҳӣ ба андозаи 3207,1 ҳазор сомонӣ ё худ 33,5 % афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.2.1- Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди сайёҳӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба 2015, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки мутобиқ ба маълумоти идораи асосии қушунҳои сарҳадӣ вориди мамлакат шудаанд, ҳазор нафар | 463 | 420 | 490 | 1154 | 1319 | 410,1 | 517,6 | +12 |
| Теъдоди шаҳрвандоне, ки мутобиқ ба маълумоти идораи асосии қушунҳои сарҳадӣ вориди мамлакат шудаанд(мутобиқ ба тавсияҳои байналмилалӣ доир ба омори сайёҳи Ташкилоти байналмилалии сайёҳӣ), ҳазор нафар | 413 | 344 | 431 | 1035 | 1257 | 350,6 | 296,3 | -28 |
| Теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ, теъдод (фаъол) | 82 | 118 | 91 | 146 | 161 | 224 | 235 | 287 |
| Теъдоди сайёҳони дохилӣ, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷи мамлакат сафар кардаанд | 16363 | 19549 | 14420 | 9167 | 8531 | 1939 | 1766 | -89 |
| Теъдоди сайёҳони хориҷие, ки ба мамлакат тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ворид шудаанд, нафар | 3080 | 3630 | 4413 | 6699 | 7791 | 416 | 953 | -69 |
| Даромадҳо аз хизматрасонии ироагашта (бидуни ААИ), ҳазор сомонӣ | 9582,8 | 8422,1 | 9076,3 | 16928,1 | 24497,9 | 7677,0 | 12789,9 | 33 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи додаҳои Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.184-186.

Қайд кардан ба маврид аст, ки самти муҳим дар соҳаи афзоиши даромади мамлакат аз сайёҳӣ содироти хизматрасонии сайёҳӣ мебошад, ки тавассути афзоиш додани теъдоди сайёҳони хориҷӣ, яъне сайёҳии вурудӣ амалӣ карда мешавад (расми 2.2.1).




Таҳлили муаллиф

**Расми 2.2.1. – Теъдоди сайёҳони хориҷие, ки ба ҳайси сайёҳ мутобиқ ба маълумоти Идораи асосии қушунҳои сарҳадӣ вориди мамлакат гаштаанд (ҳазор нафар)**

Чи тавре аз маълумоти расми 2.2.1 бармеояд, дар натиҷаи амалӣ гардидани нақшаву чорабиниҳои давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ, солҳои 2015-2019 суръати рушди теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки ба мамлакат ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд, дар муқоиса ба дигар нишондиҳандаҳо назаррас буда, 3 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар робита ба пандемияи КОВИД-19 солҳои 2019 – 2021 нишондиҳандаи мазкур коҳиш ёфта, паст рафтани яку якбораи иқтисодиёти ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон ба амал омад.

Бухрони пандемиявиии мазкур ба соҳаи сайёҳии ҷаҳонӣ, аз он ҷумла соҳаи сайёҳии Тоҷикистон зиёни хеле калон расонид. Аммо, солҳои 2021 – 2022 соҳаи мазкур рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, теъдоди сайёҳони хориҷӣ аз мамлакатҳои хориҷии дур ва ИДМ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфтаанд (ниг. ба расми 2.2.2).

Тавре аз маълумоти расми 2.2.2 бармеояд, соли 2022 теъдоди сайёҳони хориҷӣ аз мамлакатҳои хориҷии дур 57,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 ба андозаи 8% зиёд мебошад. Теъдоди сайёҳон аз кишварҳои ИДМ дар соли 2022 ба 1094,1 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки соли 2021 нишондиҳандаи мазкур 467,8 ҳазор нафарро ташкил дода, афзоиши он ба 623,3 ҳазор нафар баробар мебошад.




**Расми 2.2.2. – Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи дур ва ИДМ ворид шудаанд.**

Умуман, дар моҳҳои январ-декабри соли 2022 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1151,9 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 434,3 ҳазор нафар маротиба зиёд мебошад. Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд 999,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд. Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд 1094,1 ҳазор нафар, аз он 950,1 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 57,8 ҳазор нафар, аз он 49,2 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ мебошанд.

Шумораи зиёди шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурии мо воридшуда, асосан аз кишварҳои ИДМ, аз давлатҳои ҳамсояи Ӯзбекистон-777,6 ҳазор нафар (71%), Русия-279,9 ҳазор нафар (25,6%), Қирғизистон-3,8 ҳазор нафар (0,3%), Қазоқистон-25,0 ҳазор нафар (2,3%) мебошанд. Шумораи шаҳрвандоне, ки соли 2022 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи дур ворид шудаанд чунин мебошанд: Афғонистон-3,3 ҳазор нафар (0,3%), Чин-5,4 ҳазор нафар (0,5%), Туркия-7,3 ҳазор нафар (0,6%), Ҳиндустон-3,4 ҳазор нафар (0,3%),

Эрон-4,3 ҳазор нафар (0,4%), ИМА-6,9 ҳазор нафар (0,6%), Покистон-1,6 ҳазор нафар (0,1%), Олмон-3,0 ҳазор нафар (0,3%) мебошанд.[3]

Дар солҳои 2021 - 2022 вуруди сайёҳон ба ҷумҳурӣ ва хуруҷи шаҳрвандони мамлакат низ назаррас мебошанд (ниг. ба расми 2.2.3).




Таҳлили муаллиф

**Расми 2.2.3. – Динамикаи вуруд ва хуруҷи шаҳрвандон**

Тавре аз маълумоти расми 2.2.3 бармеояд, агар соли 2021 шумораи шаҳрвандони ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вуридшуда 517,6 ҳазор нафарро ташкил диҳанд, пас нишондиҳандаи мазкур соли 2022 ба 1235,3 ҳазор нафар ё худ 2,4 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, маълум мегардад, ки дар давраи таҳлилӣ шумораи шаҳрвандони хуруҷшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,3 маротиба зиёд гардидааст. Бо таваҷҷуҳ ба хориҷ шудан аз эпидемияи «Ковид-19» ва барқарор гаштани иқтисодиёти ҷаҳон, боз соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ тамоюли рушди устуворро касб мекунад. Эълон шудани сайёҳӣ ҳамчун самти афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат мубрамият касб намуда, дар ҷумҳурӣ айни замон 242 адад корхонаҳои сайёҳӣ фаъолият мекунанд.

Қисми зиёди корхонаҳои дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда, бевосита ба ташкили сафарҳо ба хориҷа барои шаҳрвандоне, ки мақсадҳои тиҷоратӣ доранд машғул мебошанд. Дар қатори онҳо чунин корхонаҳо ба монанди: «Тахмина»,

[3] Нишондиҳандаҳои асосии омори сайёҳии дар соли 2016-2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022.-472с. –С.189-192.

«Бунёд», «Тоҷикавиатур», «Спутник», «Хушнуд», «Кафолат» мебошанд. Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба сайёҳӣ «Сайёҳ», ҶС «Инсайёҳ Тоҷикистон» ва ҶС «Алп-Наврӯз», низ ба масъалаҳои ташкили сайёҳии байналхалқӣ, ки вориди сайёҳони хориҷиро ба Тоҷикистон таъмин менамояд, машғул мебошанд.

Бо мақсади татбиқи самараноки «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2019-2022 оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 31 майи соли 2019) тасдиқ гардид.

Тавре ки дар боло қайд намудем, аз ҷониби Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №80 тасдиқ гардида буд, мавриди мониторинг қарор гирифта, иҷрои комили он арзёбӣ гардид. Воқеан ҳам татбиқи самараноки Барнома ба баланд бардоштани ҷолибияти маҳсулоти сайёҳии миллӣ таъсири мусбӣ расонида, барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ мусоидат намуд.

Айни замон, дар заминаи Стратегия лоиҳаи Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳия гардида дар корбарӣ қарор дорад. Бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018, №189 ҷиҳати бунёди инфрасохтори сайёҳӣ бо истифода аз имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар ин давра муроҷиати беш аз 20 субъекти соҳибкорӣ баррасӣ гардида, аз имтиёзҳо бархурдор гардиданд.

Солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардид. Созмонҳои байналмилалӣ ва коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва пешбинӣ намудани имтиёзҳоро барои соҳа иқдоми саривақтӣ арзёбӣ намуданд.

Бо иқдоми Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, ба онҳо аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи мамлакат раводиди бисёркаратаи панҷсола дода мешавад.

Ҳамчунин, бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, муҳлати он то 60 рӯз дароз карда шуд. Илова бар ин, бо мақсади соддагардонии рафтуомади ҳамватанони бурунмарзие, ки зодагони Тоҷикистон мебошанд, раводиди бисёркаратаи сесола дода мешавад.

Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, пазируфтани шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021 пойтахти ватанамонро ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ табдил дода, симои сайёҳии Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ ва устувор гардонид.

Кумитаи рушди сайёҳӣ дар заминаи узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ методологияи ягонаи баҳисобгирии омории сайёҳиро, ки мавриди истифодаи кишварҳои узви комилҳуқуқи ин созмон қарор гирифтааст, мавриди омӯзиш қарор додааст. Методологияи мазкур (TSA-2008) дастури тавсиявии СУС барои кишварҳои аъзо буда, дар баҳисобгирии оморӣ, ҷиҳати мушаххас намудани саҳми сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, аз ҷумла дар нақлиёт ва хизматрасониҳо истифода мешавад. Дар натиҷаи такмили раводид хароҷоти транзаксиони сайёҳон паст мегардад ва низоми ҳавасмандии сайёҳон боло меравад.

Тибқи методологияи зикргардида шахсони истифодабарандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ, ки аз ҷойи истиқомати доимӣ ба муҳлати аз як шабонарӯз (24 соат) то як сол ба макони дигари муваққатӣ бо мақсади

солимгардонӣ, шиносоӣ, истироҳат, зиёрат, тиҷорат, табобат, варзиш ва дигар мақсадҳои вобаста ба сайёҳат (ба истисноӣ мақсадҳои корҳои музднок) сафар мекунанд, сайёҳ ҳисобида мешаванд.

Бо истинод ба санадҳои зикршуда, рафту омади шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: бо раводид ва бидуни раводид.

Мақсади сафари шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи банди 6 «Қоидаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводид ва раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №31 тасдиқ шудааст, чунин муайян карда шудааст (ниг. ба ҷадв. 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2. – Навъи раводид вобаста ба мақсади будубош**

| № | Навъи раводид | Навъи раводид | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. | Раводиди дипломатӣ | Д | - |
| 2. | Раводиди хизматӣ | Х | - |
| 3. | Раводиди сармоягузорӣ | С | - |
| 4. | Раводиди корӣ | К | - |
| 5. | Раводиди меҳнатӣ | М | - |
| 6. | Раводиди сайёҳӣ | Т | - |
| 7. | Раводиди таҳсилотӣ | О1 ва О2 | - |
| 8. | Раводиди хусусӣ | ХС1, ХС2 ва ХС3 | қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №89 |
| 9. | Раводиди минтақаи озоди иқтисодӣ | МОИ | - |
| 10. | Раводиди нақлиётӣ | Н | - |
| 11. | Раводиди истиқомати доимӣ | ИД | - |
| 12. | Раводиди воситаи ахбори омма | Ж | - |
| 13. | Раводиди табширӣ | ТБ | - |
| 14. | Раводиди башардӯстона | Б | - |
| 15. | Раводиди транзитӣ | ТР | - |
| 16. | Раводиди хуруҷӣ | Хуруҷӣ | - |

***Эзоҳ:** Тибқи методологияи мазкур (TSA-2008) танҳо бандҳои 5, 11 ва 16 мақсадҳои сафари ҷадвали мазкур ҳамчун сайёҳ арзёбӣ намегарданд.

Бо мақсади пайдо намудани бозорҳои нав намояндагони соҳаи сайёҳии мамлакат дар калонтарин намоишгоҳҳои сайёҳию тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ, ки

дар кишварҳои Олмон, Британияи Кабир, Малайзия, Амрико, Франсия, Кореяи Ҷанубӣ, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Кувайт, Қатар, Юнон, Испания, Белгия, Туркия, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик баргузор мегарданд, ширкат варзида, захира ва имкониятҳои сайёҳии мамлакатро ба дӯстдорони сайру сайёҳати Тоҷикистон таблиғу ташвиқ менамоянд.

Боиси фараҳмандист, ки соҳаи сайёҳии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври мусбӣ ва ҷолиб арзёбӣ гардида, мавқеи худро тадриҷан беҳтару мустаҳкам намуда истодааст. Дар қатори 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон шудани ҷумҳурӣ, дар сархати даҳгонаи кишварҳои ҷолиб барои сайёҳии сайргузаштӣ ҷой додани Тоҷикистон, ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил намудани шоҳроҳи Помир, ба ҳайси даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона, инчунин ба қатори 10 шаҳри дар айёми баҳор барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эътироф шудани пойтахти ватанамон шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯйи сайёҳии пиёдагардӣ ва саргузаштӣ шомил шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми соддаи пешниҳоди раводид ворид шудани ҷумҳурӣ шаҳодати аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудани соҳаи сайёҳии мамлакат боиси ифтихори ҳар як тоҷикистонӣ мебошад.

Ҳамкориҳо дар сатҳи байналмилалӣ бо кишварҳои аз лиҳози сайёҳӣ пешрафта низ тақвият ёфта истодааст. Шурӯъ аз соли 2016 то инҷониб ҷиҳати рушди соҳа 9 созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо кишварҳои Аморати Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Шоҳигарии Урдун, Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Швейтсария, Франсия ва Қувайт ба имзо расид.

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ 30 миллион доллари амрикоӣ барои татбиқи Лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» аз Бонки умумиҷаҳонӣ ва 10 миллион доллари амрикоӣ барои татбиқи Лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» аз Бонки Осиёии рушд роҳандозӣ гардид.

Кумитаи рушди сайёҳӣ дар ҳамкории зич бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусиву соҳибкорӣ ки заминагузори соҳаи сайёҳӣ ва муаррифгари Тоҷикистони муосир дар арсаи байналмилалӣ мебошанд, бобати баланд бардоштани саҳми соҳа дар рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум аз тамоми имкониятҳо васеъ истифода менамояд.

Чи тавре ки дар фасли гузашта қайд кардем, Тоҷикистон дорои захираҳои бойи сайёҳӣ мебошад. Иқтидори табиӣ ва рекреатсионии ҷумҳурӣ, анъанаҳои миллӣ, хусусиятҳо, менталитет, расму одат барои сайёҳони хориҷӣ хеле ҷолиб мебошанд. Аммо дар ҷумҳурӣ ҳанӯз сатҳи рушди сайёҳӣ ба сатҳи байналмилалӣ мувофиқат намекунад: соҳаи сайёҳӣ ба рушди сайёҳии гардишӣ нигаронида шудааст ва ба сайёҳии хуруҷӣ ва вурудӣ диққати лозима дода намешавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки барои ҷумҳурӣ сайёҳии вурудӣ муҳим мебошад, чунки ин навъи сайёҳӣ дорои як қатор афзалиятҳо аз нуқтаи назари иқтисодӣ мебошанд. Чунончи:

- ворид шудани воситаҳои молиявӣ ба мамлакат дар шакли асъори хориҷӣ аз ҳисоби фурӯши хатсайрҳо ва аз ҳисоби харидории хизматрасонӣ ва молҳо дар кишвари будубош;
- рушди бахши меҳмондорӣ дар мамлакат;
- ташаккули рушди инфрасохтори сайёҳӣ;
- рушди соҳаҳои ҳамсафари соҳаи сайёҳӣ;
- бунёд кардани ҷойҳои иловагии корӣ;
- гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи сотсиологӣ ва маркетингӣ барои эҷоди маҳсулоти сайёҳии зарурӣ.

Сатҳи сусти рушди корхонаҳои сайёҳии соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳии воридотӣ бо набудани манбаъҳои молиявии зарурӣ ва инфрасохтори мувофиқ алоқаманд аст. Инфрасохтори сайёҳӣ маҷмӯи сохторҳо ва шабакаҳои мавҷудае барои мақсадҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фароғатӣ мебошанд, ки барои фаъолияти бахши сайёҳӣ пешбинӣ шудааст. Инфрасохтори сайёҳӣ бахши ҷудонашавандаи саноати сайёҳӣ мебошад, ки дар таркиби он ду унсур ҷудо карда шудааст.

Унсури аввал ин соҳаи меҳмоннавозист, ки бояд корхонаҳоеро дар бар гирад, ки хизматҳои манзилӣ ва хӯроки умумӣ мерасонанд.

Унсури дуюми соҳаи сайёҳӣ ҷузъи инфрасохтор мебошад, ки системаи сесатҳа мебошад. Сатҳи якуми инфрасохтори сайёҳиро инфрасохтори саноатӣ – маҷмӯи иншоот, биноҳо, шабакаҳои нақлиётӣ, системаҳои мавҷуда, ки мустақиман бо истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ (бар хилофи сохторҳои ду сатҳи оянда) вомехӯранд, инъикос мекунанд, аммо барои хизматрасонии сайёҳӣ – нақлиёт, коммуникатсия, энергетика, коммуналӣ, иқтисодиёт, молия, суғурта, амният заруранд. Сатҳи дуюм ва сеюми инфрасохтори сайёҳиро корхонаҳо ва ташкилотҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита дар фаъолияти сайёҳӣ ва ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ иштирок мекунанд. Сатҳи дуввум он сохторҳоеро дар бар мегирад, ки бидуни сайёҳон метавонанд вуҷуд дошта бошанд, аммо фаъолияташон дар ҷойҳои истиқомати сайёҳон васеъ мешавад. Инҳо ширкатҳои кирояи мошинҳо, ширкатҳои таксӣ, қаҳвахонаҳо ва тарабхонаҳо, клубҳои варзишӣ, музейҳо, театрҳо ва кинотеатрҳо, толорҳои намоишӣ, сиркҳо, боғҳои ҳайвонот, казино ва ғайраҳо мебошанд [85].

Дар доираи маҷмӯи инфрасохтори кишвар, инфрасохтори сайёҳӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад. Ба он функсияҳои таъмин, ҳамгирой ва танзим дохил мешаванд. Функсияи дастгирии инфрасохтори сайёҳӣ фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташкили хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Функсияи ҳамгирой – ташкил ва таъмини робитаҳои байни корхонаҳои соҳа, ташаккули комплексҳои ҳудудии сайёҳӣ ва фароғатиро дар бар мегирад. Муҳимтарин вазифаи танзими инфрасохтори сайёҳӣ дар иқтисодиёт инҳо мебошад: таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъсир ба талаботи истеъмолкунандагон, рушди соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум, мусоидат ба афзоиши даромади андоз ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун.

Дар айни замон дар ҷумҳурӣ, яке аз мушкилоте, ки ба рушди сайёҳӣ халал мерасонад, набудани доираи васеи чорабиниҳои аниматсионӣ мебошад. Барои эҷоди онҳо зарур аст, ки мутахассисон дар донишгоҳҳои хориҷӣ аз сабаби надоштани таҷрибаи кор дар ин соҳаи фаъолият омода карда шаванд. Саноати

сайёҳӣ ва меҳмонхона ҳамчун яке аз танзимгарони шуғл амал мекунад. Дар ин соҳа ҳар сол тақрибан 3 миллион ҷойҳои корӣ муҳайё карда мешаванд. Масалан, сайёҳӣ дар Иттиҳоди Аврупо 13% бозори шуғлро ташкил медиҳад. Дар системаи ҷаҳонии сайёҳӣ, бино ба маълумоти Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ), беш аз 130 миллион нафар бо кор таъмин мебошанд ва ташкили як ҷои кор дар ин ҷо нисбат ба бахши саноатии иқтисод тақрибан 20 маротиба арзонтар аст. «Намунаҳои кишварҳои тараққикардаи сайёҳӣ (Испания, Тунис, Италия, Юнон, Фаронса, Австрия), ки дар онҳо аз 20 то 50% аҳолии шуғлдор дар соҳаи хизматрасонӣ кор мекунанд, нишон медиҳанд, ки аз се касби нав, одатан (махсусан барои ҷавонон) дутои он метавонад дар соҳаи сайёҳӣ пайдо шавад» [116, с. 5-8].

Дар тамоми ҷаҳон ба тайёр кардани кадрҳо барои бизнеси сайёҳӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Барои бизнеси сайёҳӣ таъмини кадрҳои баландихтисос хеле муҳим аст, зеро дар сайёҳӣ маҳсулоте, ки ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешавад, маҳсулот нест, балки хизмат аст. Таъмини сифати хизматрасонии сайёҳӣ ба касби мутахассисоне, ки ин хизматҳоро мерасонанд, дониши захираҳои сайёҳӣ ва сифати онҳо мустақиман вобастагӣ дорад. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи талабот ва ба даст овардани истеъмолкунандаи он аз ҷониби дониш ва малакаи мудирияте, ки ин хизматро пешниҳод мекунад, муайян карда мешавад.

Идоракунии сайёҳӣ нақши барҷастаи интегратсионӣ дорад. Аз ин рӯ, тасодуфӣ нест, ки заминаи таълими касбии сайёҳӣ технология, муҳандисӣ, иқтисодиёт, экология ва ҳатто маркетинг нест, балки менеҷмент ҳамчун самте буд, ки то ҳадди имкон қодири амалӣ намудани вазифаҳои системасоз ва интегратсионӣ мебошад. Аз ин рӯ, менеҷер дар фаъолияти сайёҳӣ бояд на танҳо дар бораи макони муайяни сайёҳӣ маълумот дошта бошад, балки психологе низ бошад, ки муштарии худро эҳсос кунад, асосҳои ҳуқуқи байналмилалиро донад ва ба посухгӯии ҳама саволи харидор омода бошад.

«Ниёзҳои бахши сайёҳӣ дар шароити нав бештар ба зарурати кадрҳои мувофиқ барои тамоми соҳаҳои рушд, намудҳо ва шаклҳои сайёҳӣ равона карда

шудаанд. Зиддияти асосӣ дар ин ҷо дар хусусияти бисёрсоҳавии фаъолияти сайёҳӣ аст, ки аз як тараф ба кадрҳои касбӣ, ихтисосҳо, тахассусҳои мухталиф ниёз дорад ва аз тарафи дигар, дар технологияҳои принсипан нави хизматрасонӣ ба сайёҳон ва роҳбаладон, ки ниёзҳои онҳо ба миён омадааст, бо рушди соҳаҳои марбут дар маҷмӯи хоҷагии халқ ва ташаккули мутахассисон дар фаъолияти марбут ба касбӣ муҳтоҷ мебошад» [116, с. 7-9].

Ҳамин тариқ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи такмили системаи тайёр кардани кадрҳо барои бахши сайёҳӣ аз он ҷиҳат аҳамияти хоса дорад, ки рушди сайёҳии дохилӣ мутахассисони дохилии баландихтисосро талаб мекунад. Саноати сайёҳии рушдёбанда дар ҷумҳурӣ дарояндаи наздик норасоии кадрҳои тайёрро эҳсос хоҳад кард. Ба сифати мисол, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистонро оид ба тайёр намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ овардан мумкин аст (ниг. ба ҷад. 2.2.3).

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон нахуст мувофиқи Қарори Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 22 июли соли 1991 таҳти №212 (банди 1) ба сифати Коллеҷи технологӣ-маишӣ дар асоси ҳисоби хоҷагӣ чун таълимгоҳи олии бисёрсоҳа, дар асоси фармони собиқ консерни «Хидмат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 1991, зери №15 таъсис дода шуда, сипас, мутобиқи Қарори Девони Вазирони ИҶШС аз 29 июли соли 1991, зери №530 ва бо Қарори Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 1991, таҳти №266 дар заминаи он Донишкадаи хидмати маишии консерни «Хидмат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи олии таълимии дараҷаи якум, ки аз ҳисоби васоити шартномавӣ маблағгузорӣ карда мешавад, таъсис дода шудааст. Муассисаи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 1995, зери рақами №192 ба Донишкадаи соҳибкорӣ ва хидмати Ширкати давлатии молҳои истеъмоли халқ ва хидматрасонии Тоҷикистон табдил дода шудааст Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 2020 номи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хидмат ба Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хидмат иваз карда шуд[28].

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022, таҳти рақами 17 ба Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хидмат» мақоми муассисаи таълимии байналмилалӣ дода шуда, Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд.

**Ҷадвали 2.2.3- Рӯйхати ихтисосҳое, ки ба соҳаи сайёҳӣ тааллуқ доранд.**

| № | Рӯйхати ихтисосҳое, ки ба соҳаи сайёҳӣ тааллуқ доранд |
|---|---|
| 1. | Географияи иқтисодӣ |
| 2. | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳӣ |
| 3. | Географияи ҳифзи табиат |
| 4. | Иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ |
| 5. | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи хоҷагиҳои меҳмондорӣ ва тарабхона |
| 6. | Кишваршиносӣ ва сайёҳӣ |
| 7. | Менеҷмент дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ |
| 8. | Менеҷменти байналмилалӣ |
| 9. | Менеҷменти экологӣ ва аудит дар саноат |
| 10. | Кори осорхона ва ҳифзи ёдгории таърихию фарҳангӣ (мероси фарҳангӣ ва сайёҳӣ) |
| 11. | Сайёҳат ва меҳмондорӣ |
| 12. | Сайёҳии осоишгоҳи табобатӣ (5 сола) |
| 13. | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (хизматрасонии иттилоотӣ) |
| 14. | Ташкили робитаҳои байналмилалӣ |
| 15. | Тибби сайёҳӣ |
| 16. | Туризм |
| 17. | Фаъолияти меҳмонхонавӣ |
| 18. | Сервис |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Довталаб [Захираҳои электронӣ]. - URL: https://iutet.tj/?page_id=74 (санаи муроҷиат 02.01.2023).

## 2.3. Арзёбии вазъи муосири инфрасохторҳои муҳити иттилоотии соҳаҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ

Тарғиби хизматҳои сайёҳӣ барои истеъмолкунанда аз рӯи маъруфият ва дастрасии онҳо муайян карда мешавад. Захираҳои сайёҳӣ он вақт маъруфият пайдо мекунанд, ки аҳли ҷомеа дар бораи онҳо иттилои ҳар чи бештар ба даст оварад. Пас сатҳи рушди соҳаи сайёҳӣ ба ташаккул ва инкишофи фазои иттилоотӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ вобаста мебошад. Тавре ки дар боби якуми диссертатсия қайд карда шуд, фазои иттилоотӣ маҷмӯи воситаҳо, усулҳо ва роҳҳои интиқоли маълумоти сайёҳӣ ё тиҷорӣ ба масофаҳои дуру наздик мебошад.

Дарвоқеъ, номукаммалӣ ва номуайянӣ ба иқтисодиёти бозор хос буда, аз ҷумла бозори хизматрасонии сайёҳӣ, пеш аз ҳама ба раванди ташкил ва пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ ва идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонад. Аз ин ҷиҳат, равандҳои омодасозӣ ва қабули қарорҳои муассири субъектҳои бахши сайёҳӣ ба сатҳи амнияти иттилоотии фаъолияти онҳо вобастаанд.

Дар робита ба ин, ҷараёни омода намудан ва қабули қарорҳои муассири субъектҳои соҳаи сайёҳӣ маҳз ба сатҳи таъминоти иттилоотӣ ва фаъолияти онҳо вобаста мебошад, зеро технологияи истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар шароити ноустувории муҳити беруна ба таври зич ба тасаввури амиқ ва имкони муносибатҳои алтернативӣ нисбат ба ҳаллу фасли мушкилиҳо алоқаманд аст. Таҳлил ва дурнамои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, ки низоми боҳамалоқаманди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва соҳаи иҷтимоию сиёсии ҳаёту фаъолият мебошад, дар асоси тасаввуроти интуитивии ҳокимияти давлатӣ ғайри имкон мебошад.

Ба вежа дар муҳити иттилоотӣ захираҳои иттилоотӣ дар бораи соҳаи сайёҳӣ паҳн мегарданд. Захираҳои иттилоотӣ аз рӯйи сохтор маҷмӯи ҳуҷҷати алоҳида ё объекти визуалие мебошад, ки иттилоотро мутобиқ ба сифат ё меъёри муайяншуда ҷамъоварӣ менамояд.

Ҳамин тариқ, муҳити иттилоотӣ – ин майдони фаъолиятест, ки ба тавзеҳ, табдил ва истифодаи захираҳои иттилоотии соҳаи сайёҳӣ алоқаманд мебошад.

Асосҳои институтсионалии ташаккули муҳити иттилоотии соҳаи сайёҳӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» муайян карда шудааст.

Дар моддаи 2-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» муносибатҳое, ки ҳангоми аз тарафи мақомоти давлатии идоракунӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият дар соҳаи иттилоотикунонӣ муайян карда шудаанд, инҳо мебошанд:

- ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар асоси таҳия, ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол, тақсим ва пешниҳоди иттилооти ҳуҷҷатгузорӣ;
- таҳия, татбиқ ва истифодаи системаи коркард ва интиқоли иттилоот, захира ва бонки маълумот, воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ;
- ҳифзи иттилоот ва ҳуқуқҳои субъектҳое, ки дар ҷараёни иттилоотӣ ба воситаи технологияи иттилоотӣ иштирок мекунанд;
- идоракунӣ ва танзими ҷараёнҳои иттилоотӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотикунонӣ»[10].

Захираҳои иттилоотӣ ҳамчун омили махсуси истеҳсолот дар соҳаи сайёҳӣ омили афзоиши ҳаҷми истеҳсоли хизматрасонии сайёҳӣ ва баланд бардоштани самаранокии он шуда истодаанд. Мо гуфта метавонем, ки манбаъҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ донишҳое мебошанд, ки аз ҷониби кормандони соҳаи сайёҳӣ барои истифода омода карда шудаанд ва ба ҷалби ҳама намудҳои захираҳои сайёҳӣ дар иқтисодиёти сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Яке аз хусусиятҳои муҳими захираҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ таъсир ба самаранокии истеҳсоли хизматрасонии сайёҳӣ ва рушди иқтисодии соҳа бидуни афзоиши ҷисмонии манбаъҳои анъанавӣ мебошад. Хусусияти дигар ин таъсири мустақим ба омили субъективӣ - ба инсон ва сатҳи зеҳнии ӯ ба шумор меравад.

Нақши махсуси манбаи иттилоотӣ, албатта, вобаста ба хусусияти он, аз ҷумла муносибати он бо дигар манбаъҳо мушоҳида мешавад.

Дарвоқеъ, манбаи иттилоотӣ - дониш қодир нест, ки ҷузъҳои моддӣ-воқеӣ ва энергетикии қувваҳои истеҳсолкунандаро иваз кунад. Аз нуқтаи назари

дастрасӣ, яке аз хусусиятҳои асосии захираҳои иттилоотӣ тарзи тақсимоти маҳсулот ва хизматҳои онҳост. Дар айни замон, роҳҳои зерини паҳн кардани захираҳои иттилоотӣ дар бахши сайёҳӣ мавҷуданд:

– шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ (ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ);
– пахш (шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ);
– чоп (маҳсулоти полиграфӣ);
– воситаҳои ахбори сайёр тавассути компютер (компютер, аудио, видео ва ғ.).

Дар ин замина, муҳити иттилоотии бахши сайёҳӣ маҷмӯи субъектҳо ва объектҳое мебошад, ки чунин фаъолиятро пиёда мекунад. Истеҳсол ин тақсимот, табдилдиҳӣ ва истифодаи иттилоот оид ба бахши сайёҳӣ ба равандҳои иттилоотӣ (эҷод, ҷамъоварӣ, коркард, андӯхтан, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, қабул, тақсим ва истифодаи иттилоот) мебошад, ки равандҳои таҳия ва истифодаи системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои дастгирӣ, воситаҳо ва механизмҳои амнияти иттилоотиро дар бар мегирад.

Барои ошкор намудани намудҳои бисёри иттилооти ҳуҷҷатгузоришуда ба ҳайси навъҳои гуногун ва маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ (муносибатҳои иттилоотӣ), ки дар соҳаи сайёҳӣ ташаккул меёбанд, зарур аст, ки ҳаракати захираҳои иттилоотӣ дар муҳити иттилоотии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он, тартиби тағйирёбии он дар татбиқи равандҳои сохтан, тағйир додан ва истеъмоли иттилоот дар бораи захираҳои сайёҳии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар шароити муосир, технологияҳои иттилоотӣ корбариро бо ҳама намудҳои маъхазҳои иттилоотӣ, ки дар раванди татбиқи вазифаҳои гуногуни субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ва рушди муҳити иттилоотии фаъолияти онҳо истифода мешаванд, сабук мекунад. Тавре ки дар боло қайд кардем, муҳити иттилоотӣ ин системаи захираҳои иттилоотӣ, инфрасохтори иттилоотӣ, субъектҳои мухталифе мебошад, ки иттилоотро истеҳсол, коркард, паҳн ва истифода мебаранд, инчунин маҷмӯи воситаҳои танзимие, ки аз ин бармеоянд,

муносибатҳои иттилоотии байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон мебошанд[122].

Соҳаи иттилоотӣ, ҳамчун омили низомофар ба ҳолат ва динамикаи бахши сайёҳӣ таъсири фаъол мерасонад. Таркиби муҳити иттилоотӣ дар расми 2.3.1 нишон дода шудааст.




**Расми 2.3.1. – Таркиби муҳити иттилоотӣ**

Муҳити иттилоотии соҳаи сайёҳии иқтисодиётро метавон ба се соҳаи самти асосӣ ҷудо намуд, ки бо ду бахш ва нимдоираҳои дохилии росткунҷа ва ду соҳаи таъминкунанда – росткунаҷаҳо пешниҳод гардидааст. Бахши болоии самти мазкур тақсимоти иттилооти ибтидоӣ ва ҳосилшуда буда, бахши поёнии он бошад ташаккули захираҳои иттилоотӣ, тайёр кардани маҳсулоти иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасонии иттилоотӣ мебошанд. Ин бахшҳо, ҳамчун ду паҳнкунандаи тавонои иттилоот, ба мавзуи истеъмоли иттилоот, ки дар расм ҳамчун росткунҷаи базавии дохилӣ нишон дода шудааст, таъсир мерасонанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ташаккул ва инкишофи муҳити иттилоотӣ омили муҳиме мебошад, ки ба ҷараёни истеҳсол ва таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ таъсир мерасонад. Муҳити иттилоотии сайёҳӣ ба вазъ ва сатҳи бахши иттилоотӣ ё соҳаи иқтисодиёти кишвар вобаста мебошад. Дар робита ба ин,

унсурҳои асосии инфрасохтори иқтисодиёти ҷумҳуриро дида мебароем, ки барои рушди муҳити иттилоотӣ ва соҳаи сайёҳӣ шароит ва замина муҳайё мекунад.

Пеш аз ҳама, имрӯз хизматрасонии почтаи истифодаи умум, ки дар дохили ҷумҳурӣ боз аст, фаъолона кор мекунад. Муассисаҳои онҳо барои истифодаи ҳама шаҳрвандон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин хизматрасонии почтаи байналмилалӣ, ки дар доираи он табодули фиристодани почта байни ташкилотҳои почта анҷом дода мешавад, хизмат мерасонанд.

Онҳо воситаи таблиғи иттилоот ба омма мебошанд. Корхонаҳои алоқаи истифодаи умум ба субъектҳои бахши давлатӣ ва муҳити иттилоотии иқтисодиёт, ки манфиатҳои иттилоотӣ медиҳанд, санадҳо ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта»-ро қабул кард, ки барои ташаккули фазои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст.

Қонуни мазкур «заминаи ҳуқуқии танзими фаъолиятро дар соҳаи таъсис, истифода ва рушди алоқаи почта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, ваколатҳои мақомоти ҳукуматӣ ва танзимкунандаи ин фаъолият, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар ин фаъолиятҳо иштирок мекунанд ё хизматрасонии алоқаи почта истифода мебаранд, муқаррар мекунанд[9].

Дар давраи ҷаҳонишавӣ яке аз омилҳое, ки ба рушди алоқаи почта таъсири назаррас дорад, ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт мебошад. Дар шароити муосир, шабакаи байналмилалии почта иртиботи иттилоотиро байни мардуме, ки бо 6800 забон гап мезананд ва 190 маъмурияти почтаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Умумиҷаҳонии Почта мебошанд, таъмин менамояд[26], фазои ягонаи почта ва бузургтарин шабакаи расонидани почтаро дар ҷаҳон ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи дигари муҳити иттилоотӣ оператори давлатии телекоммуникатсионии «Тоҷиктелеком» -таъминкунандаи асосии алоқаи телефонӣ мебошад. Дар солҳои 2000-ум, шабакаҳои инфрасохтори ширкат хароб буданд ва хатҳои магистралии он таъмирро талаб мекарданд. Ва

баъдан, бо дастгирии молиявии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд инфрасохтори ширкат навсозӣ шуд. Имрӯз 95 фоизи инфрасохтори Тоҷиктелеком рақамӣ карда шудааст ва аксари хатҳои магистралӣ бо кабелҳои нахи оптикӣ иваз карда шудаанд.

Унсури дигари таъмини рушди фазои иттилоотӣ ва соҳаи иттилоотии кишвар ва минтақаҳои он рушди алоқаи мобилӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз пешсафони татбиқи технологияҳои нав дар соҳаи алоқаи мобилӣ дар ИДМ буд. Операторони ватании мобилӣ ба зудӣ моҳият ва аҳамияти технологияҳои муосири иттилоотии иттилоотиро аз худ карданд ва аз сабаби он, ки барои ин бизнес дар кишвар шароити нисбатан мусоид мавҷуд аст, бахши алоқаи мобилӣ рушд кард. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти Com News Research (бо номи «Бозори алоқаи мобилӣ дар кишварҳои ИДМ»), маълум шуд, ки афзоиши назарраси заминаи муштариёни алоқаи мобилӣ дар ИДМ дар се соли охир аз ҷониби Ӯзбекистон, Арманистон ва Тоҷикистон - мутаносибан 69,3%, 65,4% ва 61,7%-ро [26] ташкил медиҳад.

Тавре ки дар гузориши CNR қайд карда шудааст, тақсимоти бештари истифодабарандагон байни операторони мобилӣ дар Русия ва Тоҷикистон мушоҳида мешавад. Илова бар ин, қайд карда шуд, ки бозори алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон ва Русия рақобатпазиртарин эътироф шудааст.

Тавре ки маълумотҳои ҷадвали 2.3.1 шаҳодат медиҳанд, теъдоди истифодабарандагони алоқаи мобилӣ дар соли 2021 6387539 нафар ва истифодабарандагони Интернет бошад 3 471890 нафарро ташкил медиҳанд. Дар соҳаи алоқаи мобилӣ ҷойи намоёнро ҶДММ «Tcell» ишғол мекунад, ки бештар аз 42% истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва 34,4% теъдоди истифодабарандагони Интернетро фаро мегирад, инчунин ҶДММ «Вавилон-Мобайл» бошад 20,7 фоизи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва 25,7% истифодабарандагони Интернетро фаро мегирад.

**Ҷадвали 2.3.1 - Шумораи корбарони хизматрасонии нави алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021**

| Ширкатҳо | Шумораи корбарони мобилӣ | Шумораи корбарони Интернет |
|---|---|---|
| ҶСП «ТТ-Мобайл» | 1319690 | 893006 |
| ҶДММ «Tcell» | 2706995 | 1193612 |
| ҶДММ «Интерком» | - | 622 |
| ҶДММ «Вавилон-Т» | - | 21703 |
| ҶДММ «Вавилон-Мобайл» | 1152452 | 840381 |
| ҶДММ «Истэра» | - | 237 |
| ҶДММ «Таком» | 1045986 | 430968 |
| ҶСП «Телеком технолоджи» | 2807 | 4292 |
| ҶДММ «СайрТур» | - | 50 |
| ҶДММ «Тоджиктелеком» | - | 25365 |
| Ассоциация «Тарена» | - | 62 |
| ҶСП «О Мобайл» | 159609 | 60209 |
| ҶДММ “Ошногрупп” | - | 20 |
| ҶДММ “СА-Итернет” | - | 1092 |
| ҶДММ “Исател” | - | 45 |
| ҶДММ “Шабакаи Осмонӣ” | - | 4 |
| ҶДММ “Технологияҳои Транс-Телематикӣ” | - | 235 |
| **Ҳамагӣ** | **6387539** | **3471890** |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи додаҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.307.

Дар байни ширкатҳои алоқаи мобилӣ «Beeline» («ВымпелКом») ва MLT («МегаФон») бо сармоягузории русҳо роҳандозӣ шудаанд. Дар ҷумҳурӣ ва манотиқи он муҳити иттилоотӣ дар асоси низомҳои автоматигардонидашудаи иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ки бар пояи истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва алоқа асос ёфтаанд, инкишоф ёфта истодааст. Дар ҷумҳурӣ ва манотиқи он ба таври возеҳ табдил ёфтани иттилоот ба омили инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳаҷми татбиқи воситаҳои техникаи ҳисоббарор дар ҷумҳурӣ пай дар пай инкишоф ёфта, ҳамзамон хаҷми хизматрасонӣ ба онҳо низ меафзояд.

**Ҷадвали 2.3.2 – Воридоти хизматрасонии иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор доллар)**

| Хизматрасонии иттилоотӣ | 2005 | 2010 | 2015 | 2021 | Афзоиши соли 2021 бо соли 2010 (%, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|
| Воридоти умумии хизматрасониҳои байналмилалӣ | 63965,9 | 56079,1 | 116290 | 180427 | 3,22 маротиба |
| Хизматрасониии почтавӣ | 7,3 | 45 | 163,1 | 132,3 | 2,94 маротиба |
| Хизматрасонии телефонӣ | 579,8 | 1062,7 | 3263,5 | 9304 | 8,76 маротиба |
| Бочҳо барои хизматҳо барои интиқоли маълумот ва паёмҳо | - | 210,5 | - | 68,7 | -67,36 |
| Хизматрасонии машваратӣ | - | 3062,1 | 3250,7 | 3312 | 8,16 |
| Машварати муҳандисӣ | - | 600,2 | 3250,7 | 332,3 | -44,64 |
| Хизматрасонии таълимӣ | - | 32,4 | 1296,7 | 935 | 28,86 маротиба |
| Хизматрасонии  идоракунии лоиҳа | - | 26,7 | - | - | - |

**Сарчашма.** Таҳияи муаллиф аз рӯйи: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - С.315-417.

Дар давраи аз соли 2010 то соли 2021 воридоти умумии хизматрасонии байналмилалӣ 3,22 маротиба, хизматрасонии почтавӣ 2,94 маротиба, хизматрасонии телефонӣ 8,76 маротиба, хизматрасонии машваратӣ 8,16% ва хизматрасонии таълимӣ 28,86 маротиба афзудааст, вале баъзе нишондодҳо натиҷаи манфӣ доранд: Бочҳо барои хизматҳо барои интиқоли маълумот ва паёмҳо 67,36% ва машварати муҳандисӣ 44,64% (ниг. ба расми 2.3.2).




Таҳлили муаллиф

**Расми 2.3.2- Динамикаи афзоиши хизматрасонии иттилоотии соли 2021 дар муқоиса бо соли 2010 (маротиба)**

Бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, имкониятҳои нав барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои иттилоотӣ ва сифати хизматрасонии иттилоотӣ барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои сайёҳӣ ба миён омаданд. Интиқолкунандагон навъи моддии иттилоотро ҳамчун субъектҳои соҳаи хизматрасонӣ, ки ҳоло аз анъанавӣ фарқ мекунанд, эҷодкорона истифода мебаранд. Таҳияи ҳарчи бештари механизмҳои нави такрор ва паҳн кардани иттилоот дар бораи иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ боиси пайдоиши муносибатҳои нав бо хусусиятҳои коркарди автоматикунонидашудаи иттилоот гардиданд. Ин муносибатҳо инҳоянд:

- муносибатҳо оид ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба натиҷаҳои эҷод;
- ҳуқуқи моликият ба маълумоти ҳуҷҷатгузоришуда оид ба интиқолдиҳанда ва технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои дастгирии онҳо;
- ҳуқуқи сохтан ва истифодаи системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотӣ ва бонкҳои маълумот барои коркарди иттилоот;
- ҳифзи иттилоот дар системаҳои иттилоотии автоматиконидашуда, бонкҳои маълумот, шабакаҳои онҳо ва ғайра.

Моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» кафолатҳои ҳуқуқиро ба иттилоот тавассути эҷоди механизми татбиқи ҳуқуқи иттилоот, назорати давлатӣ аз болои риояи қонунгузории иттилоот, инчунин масъулиятро барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи маълумот муайян мекунад.

Тавре, ки дар боло зикр гардид, воситаҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама, субъектҳои сайёҳӣ ва ҷамъиятӣ, аҳолӣ, сайёҳон, коркарди сиёсати иқтисодӣ ва механизми татбиқи он бояд таваҷҷуҳи сайёҳон ва аҳолии кишварро инъикос намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бисёр субъектҳои бахши сайёҳӣ, ки дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгиранд ва ба сайёҳон хизмат мерасонанд, бо технологияҳои муосири иттилоотӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Айни замон 188 адад меҳмонхона дар кишвар, аз ҷумла дар ВМКБ-34 адад, 56 адад дар вилояти Суғд, 40 адад дар вилояти Хатлон, 42 адад дар шаҳри Душанбе, 16 адад дар НТМ

фаъолият мекунанд. Хобгоххо ва мотелҳои ҷумҳурӣ 19-адад, осоишгоҳ – 40 адад, пойгоҳи сайёҳӣ 3 ададро ташкил медиҳанд (ниг. ба ҷадв. 2.3.3).

**Ҷадвали 2.3.3 - Фаъолияти субъектҳои хизматрасони сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020**

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | ВМКБ | Суғд | Хатлон | ш. Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи меҳмонхонаҳо (воҳид) | 188 | 34 | 56 | 40 | 42 | 16 |
| Хостелҳо, мотелҳо ва дигар меҳмонхонаҳо (воҳид) | 19 | 6 | 2 | 2 | 7 | 2 |
| Осоишгоҳҳо (воҳид) | 40 | 6 | 14 | 6 | - | 14 |
| Осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ | 4 | - | 4 | - | - | - |
| Марказҳои мулоиҷавӣ, дармонгоҳи(воҳид) | 8 | - | 5 | 1 | - | 2 |
| Хонаҳои истироҳатӣ (воҳид) | 9 | - | - | 1 | - | 8 |
| Пансионат (воҳид) ва кемпинг | 2 | - | - | - | - | 2 |
| Базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ (воҳид) | 3 | - | 1 | - | - | 2 |

**Сарчашма:** Таҳқиқот ва таҳияи муаллиф аз рӯйи маълумоти омории Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар моҳҳои январ - сентябри соли 2020 дар ҷумҳурӣ 188 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 6 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 17 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 19 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 5 меҳмонхонаи 2 ситорадор, 4 меҳмонхонаи 1 ситорадор ва 137 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд. Дар ин давра 26 адад хостелҳо ва мотелҳо, 46 адад осоишгоҳҳо, 8 адад марказҳои муоличавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 10 адад хонаҳои истироҳатӣ, 1 адад пансионат, 1 адад кемпинг ва 4 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд. Масоҳати умумии субъектҳои хизматрасонӣ (меҳмонхонаҳо ва осоишгоҳҳо) дар давраи ҳисобот 205,6 ҳазор метри мураббаъ, шумораи ҳуҷраҳо 7941 адад ва шумораи катҳо 17382 ҷойро ташкил додааст.

Аммо ин муассисаҳо ҳанӯз хурданд ва ҳанӯз ба талаботи стандарти байналмилалии хизматрасонии сайёҳӣ ҷавобгӯ нестанд. Дар оянда навсозӣ на танҳо дар соҳаи ободонӣ, балки зимни муҷаҳҳаз гардонидан бо технологияҳои муосири иттилоотӣ низ талаб карда мешавад.

Гузариш ба стандарти ҷаҳонии хизматрасонии сайёҳӣ ва таъмини рушди устувори бахши сайёҳӣ, бояд технологияҳои дастгирии иттилоотию таҳлилии

истеҳсол ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳиро эҷод кунад. Таъмини иттилоотию таҳлилии истеҳсолот ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ бояд вазифаҳои зеринро ҳаллу фасл намояд:

– гузаронидани мониторинг ба хотири ошкор намудани дархостҳои аҳолӣ ва сайёҳон дар бораи зарурати ҳаллу фасл кардани масъалаҳои аз ҳама муҳим;
– коркард ва таҳлили маълумоти бадастомада ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он;
– таъмин намудани ҳамаи субъектҳои сайёҳӣ бо маълумоти мустақиман шаффоф дар бораи ниёзҳо ва афзалиятҳои сайёҳон, то онҳо самти дурустро интихоб намуда, қарор қабул кунанд;
– ба мақомоти давлатӣ оид ба таҳияи сиёсати муносиб дар соҳаи сайёҳӣ маълумот пешниҳод кунад ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки рушди сайёҳӣ бо рушди минтақавии кишвар зич алоқаманд аст, зеро бисёр иншооти сайёҳии кишвар дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгиранд. Дар ин самт, солҳои охир дар вилояти Хатлон тағйироти назаррас ба чашм мерасанд.

Барои таъмини рушди муҳити иттилоотии соҳаи сайёҳӣ дар минтақа, муассисаҳои сершумор ва воҳидҳои сохторӣ ҷалб гардида, шабакаи васеъи ширкатҳои мобилӣ ва Интернет фаъолият доранд. Дар Шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бахшҳои махсус барои робита бо субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ташкил карда шудаанд. Ҳамаи корхонаҳои соҳаи сайёҳии вилояти Хатлон дорои почтаи электронӣ, сомона мебошанд ва бо шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар реҷаи online (реҷаи вақти воқеӣ) тамос мегиранд. Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 2.3.4 дида мешавад, дар вилояти Хатлон дар соли 2020, 10 ширкати сайёҳӣ (ниг. ба ҷадвали 2.3.4) мавҷуд буданд, ки бо сайёҳии дохилию хориҷӣ сарукор доранд.

Аммо онҳо дар Интернет, яъне дунёи маҷозӣ сомонаи лозимаро надоранд, ки дар бораи сатҳи пасти иттилоотӣ доштани хизматрасониҳо гувоҳӣ диҳанд. Дар

чунин ҳолат низоми кори шабонарӯзии сомонаҳои интернетӣ, дастрасӣ барои аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба ин низом ғайриимкон аст.

**Ҷадвали 2.3.4. – Рӯйхати ширкатҳои сайёҳии вилояти Хатлон, ки дорои литсензия (иҷозатнома) мебошанд**

| № | Номгӯй | Иҷозатнома дода шуд | Нишонӣ, телефони хизматӣ ва почтаи электронӣ | Самтҳои фаъолият |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **ҶДММ «Ориёӣ»** | ФТ.№0000206 26.10.2015 26.10.2020 | Вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сангов хонаи 7. тел: 903630880, 985432560, 988089752, 915415744 info@orienttour.tj | Содиротӣ, воридотӣ |
| 2. | **ҶДММ «Сари ХосорТревел»** | ФТ.№0000208 25.11.2015 25.11.2020 | Вилояти Хатлон, ноҳияи Балҷувон, ҷамоати деҳоти Сари Хосор, деҳаи Шаҳидон. тел:938227677, 938023131, rustam73.73@list.ru, | Воридотӣ |
| 3. | **ҶДММ «Истироҳатгоҳ и Пули Сангин»** | ФС.№0000007 18.12.2017 18.12.2022 | Вилояти Хатлон, шаҳри Норак, кӯчаи Ализода 23. тел: 918534444, 918944444, (44) 6012002 info@pulisangin.tj | Воридотӣ дохилӣ |
| 4. | **ҶДММ «Сайёҳ асри 21»** | ФС.№0000010 24.01.2018 24.01.2023 | Вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар , хиёбони Ваҳдат 29 А. тел: 918875010, 933119200, 934585050 sayohasry21@gmail.com | Воридотӣ дохилӣ |
| 5. | **ҶДММ «Морхур»** | ФС.№0000031 22.05.2018 22.05.2023 | Вилояти Хатлон, ноҳияи Ш. Шоҳин, ҷамоати Саричашма, деҳаи Гулистон Тел: 988461530, 988461540, 918189245, morkhur@mail.ru | Воридотӣ |
| 6. | **ҶДММ «Экспедитсияи Осиёи Марказӣ»** | ФС.№0000038 20.06.2018 20.06.2023 | Вилояти Хатлон, ноҳияи Балҷувон, ҷамоати деҳоти Балҷувон,даҳаи Балҷувон. тел:937011001, 987471001, Asiansafaris@hotmail.com, | Воридотӣ Содиротӣ |
| 7. | **ТҶ «Сайри ҷаҳон»** | ФС.№0000045 05.07.2018 05.07.2023 | Вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, маҳаллаи Ваҳдат, хиёбони Ваҳдат 29А Тел:907959502, 22733, 918755515 Gkhamidova68@mail.ru, inturist.khatlon@bk.ru | Воридотӣ Дохилӣ |
| 8. | **ҶДММ «Ховалинг Фрилэнд Эдвенчер»** | ФС.№0000047 13.07.2018 13.07.2023 | Вилояти Хатлон, ноҳияи Ховалинг, ҷамоати деҳоти Ҷонбахт, деҳаи Боғча Тел: 918664872, 985180048 | Воридотӣ |
| 9. | **ҶДММ «Нодир Тур»** | ФС.№0000061 26.09.2018 26.09.2023 | Вилояти Хатлон, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, Ҷамоати деҳоти Ёл, деҳаи Кишт. Тел: 937111113, 908112727, 501551995, Info@nodirtour.tj, | Воридотӣ |
| 10. | **ТҶ «Муҳофиз»** | ФС.№0000065 26.09.2018 26.09.2023 | Вилояти Хатлон, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ҷамоати деҳоти Нуриддин М. Тел:938004001, 988120323, 900436262 | Воридотӣ |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи ҳисоботи шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои соли 2020.

Дар ҷараёни таҳқиқот як қатор масъалаҳои муҳими муҳити иттилоотии рушди сайёҳӣ дар вилояти Хатлон муайян карда шуд. Таҳлили сохторӣ имкон дод, ки сатҳи такмилнашудаи сохтори ташкилӣ ва воҳидҳои махсусе ошкор шаванд, ки ваколат доранд шакл ва методҳои таъмини иттилоотию таҳлилии соҳаи сайёҳиро доир ба равобит бо аҳли ҷамоатчигӣ таъмин намуда, шароити мусоидеро барои сохторҳои гуногуни вилоятӣ ва ВАО фароҳам оранд. Барои дар амал татбиқ намудани он зарур аст, ки кори якчанд воҳидҳои сохторӣ, аз ҷумла шуъбаи минтақавии Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Хатлон, ширкатҳои мобилии фаъолияткунанда дар вилоят, шуъбаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, департаменти реклама ва иттилооти вилоят фаъол гардонида шаванд.

Дар муҳити иттилоотӣ таҳлили функсияҳои сохторҳои махсус дар соҳаи таъминоти иттилоотӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти онҳоро метавон ҳамчун низоми идоракунӣ тавсиф намуд. Чунки ниҳодҳои минтақавии ҳокимияти давлатӣ ҳақ надоранд ба таври административӣ ба фаъолияти хоҷагии ташкилотҳои тиҷоратӣ (ки қариб ҳамаи ВАО ба чунин сохторҳои тиҷоратӣ табдил ёфтаанд) дахолат намоянд. Аз ин рӯ, зарур аст, шаклҳои нав ва методҳои танзими фаъолияти иттилоотӣ ҷустуҷӯ карда шаванд. Бояд қайд намуд, ки имрӯзҳо татбиқи шартҳои ташкили самараноки истеҳсолот ва хизматрасонии сайёҳӣ дар заминаи ташаккули пойгоҳи иттилоотии мукаммал, ки ба истифодаи технологияҳои иттилооти муосир ва воситаҳои алоқа асос ёфтааст, на танҳо ба хотири мушкилоти инфрасохтори таҷҳизоти техникӣ ё норасоии кадрҳо дучор мешавад, балки монеаи асосӣ - ин масъалаҳои ҳалнашудаи таҳия ва татбиқи стратегияҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Масъалаҳои маъмултарин ва бунёдии фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ якҷояиба будани фаъолияти шуъбаи алоқаи вилоятӣ, набудани маркази маркетингӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамин тариқ, барои қабули қарорҳои асоснок ва муассири идоракунӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмини иттилоотию аналитикии фаъолияти идоракунии субъектҳои хоҷагидории соҳаи сайёҳӣ

масъалаи омӯхтан ва ба инобат гирифтани андешаҳои сайёҳон дар бораи самтҳои муҳими рушди сайёҳиро ҳаллу фасл кардан лозим аст, ки кори оянда хоҳад буд.

**Натиҷагирӣ аз боби дуюм**

1. Бартарии аз ҳад зиёди ҷумҳурӣ дар он аст, ки дар ҷумҳурӣ тамоми сол сафарҳои сайёҳиро идома додан мумкин аст, зеро ки ҷумҳурӣ дар байни давлатҳои ИДМ яке аз давлатҳое мебошад, ки рӯзҳои офтобиаш дар як сол то 250 рӯз мерасад. Айни замон  дар ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 125 объекти сайёҳӣ, санаторию истироҳатӣ ва объектҳои инфрасохтори сайёҳӣ тамоюли рушд доранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки чунин принсипҳои соҳаи сайёҳӣ ба монанди кумаки фаъолона дар ҳифзи мавзеъҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва табиӣ, нигоҳ доштани хусусиятҳои хоси мероси минтақа нисбат ба минтақаҳои дигари кишвар, ташаккули аҳлонии мардуми маҳал ва ифтихори онҳо нисбати мероси нодири гузаштаи маҳал ва коркарди барномаи рушди сайёҳӣ дар асоси мероси ёдгории таърихии маҳал ва ғайраҳо бояд риоя ва амалӣ гарданд. Бо ин мақсад як қатор объектҳои соҳаи сайёҳӣ- таҷҳизотҳо, техникаҳо ва маводҳои сохтмониро аз ААИ ва боҷи гумрукӣ озод карда шудаанд.

2. Механизмҳои дастгирии давлатии рушди соҳа ва  беҳтар шудани  фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон такмил ёфта истодааст. Соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, раводиди бисёркаратаи панҷсола мегиранд. Ҳамчунин, бо мақсади ҷалби бештари сайёҳон ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, мӯҳлати он то 60 рӯз дароз карда шуд.

Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, пазируфтани шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021 кишварамонро ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ табдил додааст.,

3. Захираҳои сайёҳӣ он вақт маъруфият пайдо мекунанд, ки аҳли ҷомеа дар бораи онҳо иттилои ҳар чи бештар ба даст биоварад. Сатҳи рушди соҳаи сайёҳӣ ба ташаккул ва инкишофи фазои иттилоотӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими истеҳсолоти маҳсулоти сайёҳӣ вобаста мебошад. Истеҳсол, тақсим, тағйирот ва истеъмоли иттилоот дар бораи бахши сайёҳӣ ба равандҳои иттилоотӣ (эҷод, ҷамъоварӣ, коркард, андӯхтан, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, қабул, тақсим ва истеъмоли иттилоот) бояд асос ёбанд. Бояд дар назар дошт, ки равандҳои сохтан ва истифода намудани системаҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои дастгирӣ, механизмҳои амнияти иттилоотӣ барои рушди соҳаи мазкур муҳим аст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки бисёр субъектҳои бахши сайёҳӣ, ки дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойгиранд ва ба сайёҳон хизмат мерасонанд, бо технологияҳои муосири иттилоотӣ муҷаҳҳаз нестанд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ТАЪМИНИ ИТТИЛООТИИ СОҲАИ САЙЁҲИИ МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Роҳҳои воридсозии марказҳои сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ба фазои байналмилалии иттилоотӣ-сайёҳӣ

Дар даҳсолаҳои охир афзоиши бемайлони шумораи марказҳои сайёҳӣ дар кишварҳои Фаронса, Испания, Италия, ИМА, Чин, АМА (Аморати Муттаҳидаи Араб) ва бисёр дигар кишварҳо ба назар мерасад. Ташаккули марказҳои муосири сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ ё тавассути барқарор кардани марказҳои таърихию фарҳангӣ, ободонии ҷойҳои зиёрати динӣ ва ғайра, ё ташкили истироҳатгоҳҳои комилан нав тавассути рушди минтақаҳои мувофиқ (минтақаҳои соҳилӣ, кӯҳӣ ва минтақаҳои доманакӯҳ, ҷойгиршавии чашмаҳои минералӣ ва лойи терапевтӣ ва ғ.) сурат мегирад. Имрӯзҳо ҳангоми ташкили марказҳои сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ технологияҳои навтарин дар соҳаи шаҳрсозӣ, коммуникатсия, нақлиёт, молия, иттилоот ва ғайра истифода мешаванд. Дар бисёр кишварҳои пешрафтаи сайёҳӣ ҳавасмандкунии давлатӣ дар рушди тиҷорати сайёҳӣ нақши муҳим дорад.

Марказҳои муосири сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ бо хусусиятҳои истисноии худ, аз ҷумла бо минтақаҳои фаъолият (осоишгоҳҳои баҳрӣ, курортӣ, лижаронии кӯҳӣ, марказҳои таърихӣ, марказҳои фароғатӣ ва ғ.), анъанаҳои маҳаллӣ (осоишгоҳҳои машҳуртарин, чун қоида, кӯшиш мекунанд, ки махсусияти қаламрави маҳалро дастгирӣ намоянд ва қайд кунанд), ансамблҳои меъморӣ (ҳангоми ташкили истироҳатгоҳ услуби ягона ташвиқ карда мешавад, ки корти даъватии он мегардад) ва ғайраҳо фарқ мекунанд. Бо мақсади нигоҳ доштани мавқеи рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ марказҳои машҳури сайёҳӣ барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои худ ва эҷоди маҳсулоти махсуси беназири сайёҳӣ маблағҳои зиёд сарф мекунанд. (Масалан, нишебиҳои лижаронии сунъӣ дар кишварҳои гарми араб, меҳмонхонаҳои бо яхбандӣ таъмин, тарабхонаҳои зериобӣ ва ғ.).

Ба фарқиятҳои сершумор нигоҳ накарда, баъзе хусусиятҳои умумиеро, ки ба марказҳои ҷаҳонии сайёҳии муосир хосанд, ҷудо кардан мумкин аст:

- азхудкунии ҳудуд бо мероси табиӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ ва дигар захираҳои ҷаззоби сайёҳӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ маълуманд;
- рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи автомобилгард;
- ташкили қабул ва будубоши сайёҳон мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ (хизматрасонии ҷойгиркунонӣ, таъмин бо хӯрок, истироҳат, амният ва ғ.);
- рушди инфрасохтори умумишаҳрӣ ва коммуналии макони таъинот;
- риояи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалии экологӣ (аз ҷумла технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, мониторинги экологӣ ва ғ.);
- рақобатпазирии нархию ғайринархӣ ва ғ.

Тибқи ақидаи олимони соҳа ба Маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ таърифи зеринро додан мумкин аст: «Маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ - ин қаламрави тараққикардаест, ки дорои мероси фарҳангӣ, табиӣ ё фароғатӣ мебошад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ маълуманд ва бо сатҳи баланди ҷолибият, рақобатпазирии нархӣ ва ғайринархӣ, системаи хизматрасоние, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, баҳо дода мешавад»[139,с.15].

Бо мақсади таъмини фаъолияти бомуваффақияти ҳама гуна маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ системаи хизматрасонии маркази сайёҳӣ ба таври зарурӣ сохта шудааст (ниг. ба расми 3.1.1).

Дар асоси нақшаи пешниҳодшудаи маҳсулоти маҷмӯавии сайёҳии маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ, дар бораи мураккабии сохтори он, робитаҳои дохилӣ ва беруние, ки фаъолияти онро дар бар мегирад, хулоса баровардан мумкин аст. Ҳақиқат он аст, ки марказҳои муосири сайёҳӣ наметавонанд дар алоҳидагӣ арзи вуҷуд намоянд. Мавҷудияти муваффақонаи онҳо тавассути ҷойгиршавӣ дар инфрасохтори ҷаҳонии сайёҳӣ таъмин карда мешавад. Сухан дар бораи меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, системаҳои ҳимояшаванда, нақлиёт, суғурта, бонкдорӣ ва дигар системаҳо ва иттифоққое меравад, ки кори марказҳои сайёҳиро ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз ҷузъҳои асосии ҳаёти муваффақонаи марказҳои сайёҳии байналмилалӣ ҳамгироии онҳо ба фазои иттилоотии байналмилалӣ мебошад.




*Коркарди муаллиф.*

**Расми 3.1.1– Системаи хизматрасонӣ ё маҳсулоти сайёҳии маҷмӯавии маркази сайёҳӣ**

Чуноне ки дар боби аввали диссертатсия қайд карда шуд, фазои иттилоотӣ системаи иртиботӣ мебошад, ки дар соҳаи сайёҳӣ амал менамояд. Фазои иттилоотӣ (ФИ) аз маҷмӯи пойгоҳ ва бонкҳои маълумот, технологияҳои воридкунӣ ва истифодабарии онҳо, шабакаҳо ва системаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ иборат мебошад, ки дар асоси принсипҳои умумӣ ва мутобиқи қоидаҳое амал мекунанд, ки ҳамкории иттилоотии байни ташкилотҳо ва шаҳрвандонро таъмин намуда, талаботҳои иттилоотии онҳоро қонеъ мегардонанд. ФИ аз ҷузъҳои асосии зерин иборат аст: захираҳои иттилоотӣ, ки маълумот, иттилоот ва донишҳоро нигоҳ медоранд; сохторҳои ташкилотӣ, ки фаъолияти ФИ-ро таъмин мекунанд, алалхусус ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, паҳнкунии иттилоот, воситаҳои ҳамкории иттилоотии миёни шаҳрвандон ва ташкилотҳо, аз ҷумла воситаҳои барномавӣ-аппаратӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки дастрасиро ба захираҳои иттилоотӣ бо истифодаи технологияҳои дахлдори иттилоотӣ таъмин мекунанд.

Шаклҳои бозории фаъолияти иқтисодӣ барои баромад ба сатҳи мураккабтари ташкил ва рушди системаҳои иқтисодӣ сабаб шуданд. Яке аз шаклҳои намоёни зуҳури ин раванд мураккабшавии сохтори фазои иттилоотӣ, ҳамчун инъикоси фазои иқтисодӣ гардид. Иттилоот ҳамчун омили эндогении фаъолияти инсонӣ ҳам фазои иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодиро ташкил медиҳад. Афзоиши шиддат ва густариши миқёси ҳамкориҳои иттилоотӣ боиси тағирёбии ҳамкориҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ дар ҷомеа гардиданд.

Имрӯз самаранокии идоракунии ҳам корхонаи инфиродӣ ва ҳам ташкилоти бузург (курорт, шаҳр, минтақа ва ғ.) бевосита аз механизми ҷустуҷӯ, коркард, нигоҳдорӣ ва истифодаи иттилоот вобаста аст. Робитаҳои оқилонаи дохилӣ ва хориҷӣ, муносибатҳои фазои иттилоотии системаҳои гуногун устувории ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро таъмин мекунанд.

Дар асоси мафҳумҳои дар боло овардашуда, инчунин дарки аҳамияти ФИ дар сайёҳӣ фазои иттилоотии сайёҳӣ (ФИС) бояд ҳамчун системаи иртиботие бо мақсади ҳамкории иттилоотии байни иштирокчиёни дохилӣ ва хориҷии бозори сайёҳӣ баррасӣ карда шавад, ки ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин ҳаракати баъдинаи он ва расонидан то истеъмолкунанда бунёд, интиқол ва истифода карда мешавад. Ҳарчанд курорт беназир бошад ҳам, мавҷуд набудани маълумот оиди он ва ё мавқеи нодурусти он дар бозор метавонад кӯшишҳои маҳалро барои эҷоди он аз миён барад, яъне агар он машҳур набошад, аз ҷониби муштариёни эҳтимолӣ қобили қабул намегардад.

Тибқи маълумоти Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2006 кишварҳои на он қадар пешрафта дар соҳаи сайёҳӣ барои пешрафти маҳсулоти сайёҳии миллии худ ба бозори ҷаҳонӣ маблағҳои муайяни зиёд ҷудо карданд: Руминия - 5,7 миллион евро, Словакия - 6,3 миллион евро, Лаҳистон - 7,7 миллион евро, Словения - 8,5 миллион евро. Кишварҳои пешрафтаи соҳаи сайёҳӣ ба истисноӣ буҷетҳои минтақавӣ ҳамасола барои нигоҳ доштани симои сайёҳии худ маблағҳои зиёд ҷудо мекунанд: Тайланд 25,8 миллион евро, Финляндия 26,5 миллион евро, Швейтсария 43,2 миллион евро, Австрия 46,2 миллион евро, Фаронса 60 миллион евро. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар соли 2021 ҷалби

сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар расми 3.1.2 оварда шудааст. Сармояи мустақим асосан ба соҳаи сайёҳӣ – 28,5 млн. доллари амрикоӣ (ё 8,3 фоиз)-ро ташкил медиҳад.




**Расми 3.1.2- Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2021**

Сармояи мустақим асосан ба саноати истихроҷ – 194,6 млн. доллари амрикоӣ (ё 56,9 фоиз), фаъолияти молиявӣ – 43,4 млн. доллари амрикоӣ (ё 12,7 фоиз), саноати коркард – 34,0 млн. доллари амрикоӣ (ё 9,9 фоиз), ***соҳаи сайёҳӣ – 28,5 млн. доллари амрикоӣ (ё 8,3 фоиз)***, соҳаи сохтмон – 8,1 млн. доллари амрикоӣ (ё 2,4 фоиз), соҳаи нақлиёт ва алоқа – 7,1 млн. доллари амрикоӣ (ё 2,1 фоиз) ва ғайра 26,5 млн. доллари амрикоӣ (ё 7,8 фоиз) равона карда шудаанд [34].

Дар расми 3.1.3 ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба минтақаҳо дар солҳои 2020 ва 2021 оварда шудааст.

Дар соли 2021 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 39,1% (133,9 млн. доллари амрикоӣ), вилояти Суғд – 53,2% (182,0 млн. доллари амрикоӣ), вилояти Хатлон – 5,1% (17,6 млн. доллари амрикоӣ), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 1,1% (3,7 млн. доллари амрикоӣ) ва ба ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад – 1,5% (5,0 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.




**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Расми 3.1.3- Динамикаи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба минтақаҳо дар солҳои 2020 ва 2021**

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки буҷаи солонаи кишвари мо барои таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ аз буҷаи бисёр кишварҳои ҷаҳон даҳҳо маротиба камтар аст. Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ бо кишварҳои дигар барои ҳуқуқи ҷойгир кардани хизматрасонии сайёҳии худ маблағҳои калон сарфкунанда, суст муаррифӣ мешавад. Дар кишварҳои аврупоӣ раванди таблиғи захираҳои сайёҳии онҳо дар тӯли даҳсолаҳо сохта ва танзим карда шудааст. Дар ҳоле, ки механизмҳо, шаклҳо ва усулҳои таблиғи маҳсулоти сайёҳии миллӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар ҷаҳон ҳанӯз дар мамлакати мо рушд накардаанд.

Нишондиҳандаҳои миёнаи имкониятҳои сайёҳӣ хеле баланд аст. Зиёда аз нисфи манбаъҳои ландшафтию ҷуғрофӣ ва иқлими кишварро барои рушди самтҳои гуногуни сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ корҳо барои дар як вақт сохтани якчанд марказҳои сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ идома доранд. Дар доираи кор оид ба ташкили марказҳои сайёҳӣ маҷмӯи чорабиниҳо оид ба қабули сайёҳон дар ин самтҳо, минбаъд таблиғ кардани маҳсулоти сайёҳии ин марказҳо ба бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ, мутобиқат кардани онҳо ба фазои иттилоотии сайёҳии дохилӣ ва берунӣ пешбинӣ карда мешавад.

Бо ин мақсад аз воситаҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Яке аз ин воситаҳо ба истилоҳ Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ (МИС) ё офисҳои сайёҳӣ (ОС) мебошанд. Дар бисёр кишварҳо шабакаҳои ташаккулёбандаи чунин офисҳо мавҷуданд. Фаъолияти онҳо дар ҳама сатҳҳои ҳукумат дастгирӣ карда мешавад ва вазифа ва шакли онҳо вобаста аз сатҳи рушди сайёҳӣ дар ин ё он кишвар фарқ мекунанд.

Дар таҷрибаи кунунии ташкили таблиғи маҳсулоти сайёҳии миллӣ ва минтақавӣ ва ташкили ташвиқоти амалии хизматрасонӣ ба сайёҳон дар макони қабул, чӣ дар хориҷа ва чӣ дар ҳоли ҳозир ва дар минтақаҳои ҷумҳурӣ қабули консепсияи ташкили марказҳои иттилоотии сайёҳӣ зарур аст.

Дар асоси таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти МИС метавон ба он чунин таъриф дод: Маркази иттилоотии сайёҳӣ – ин чун қоида, сохтори ғайритиҷоратӣ буда, дар аксари ҳолатҳо дар асоси фондҳои буҷетӣ фаъолият мекунад ва дар худ иттилоотро дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои марбута дар қаламрави муайян бо мақсади таъмини қабул ва иттилоотонии сайёҳон, кӯмак ба мақомоти маҳаллӣ дар соҳаи рушд, ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ ва таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ ҷамъоварӣ менамояд. Маркази иттилоотии сайёҳӣ одатан ин сохторест, ки бештар аз тарафи маъмурияти шаҳр, минтақа, вилоят дар ҳар як маркази сайёҳӣ (шаҳр, истироҳатгоҳ, минтақаи истироҳатӣ ва фароғатии марбут ба ҷойҳои калони сайёҳӣ) барои расонидани хизматрасонии иттилоотӣ ва моҳвораӣ ба ҳама гурӯҳҳои меҳмонон-сайёҳон, экскурсантҳо сохта мешавад. Маъмулан маъмурият ба ҷалби сайёҳон ва меҳмонон манфиатдор аст, ки ин барои аҳолии маҳаллӣ ҷойҳои корӣ фароҳам меорад, ба фурӯши хизматрасониҳо, корҳо ва молҳо мусоидат мекунад ва дар ниҳоят заминаи андозсупориро фароҳам меорад. Он тавассути марказҳои иттилоотии сайёҳӣ дар бораи захираҳои мавҷудаи сайёҳӣ ва усулҳои истифодаи оқилонаи онҳо иттилоот мегирад ва қарорҳои маъмуриро таҳия менамояд, ки чунин фаъолиятҳоро дар маҷмӯъ ба танзим медароранд.

Барои ҷалби бахши сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ бояд маркази сайёҳӣ таъсис дода шавад. Ин сохтор бештар инкишофёфта аст, дар баъзе вариантҳо ба парки хурди мавзӯӣ монанд аст, ки дар худ маркази иттилоотии сайёҳӣ ё якчанд чунин марказҳоро дар минтақаи назоратшаванда дар бар мегирад, инчунин ба намудҳои васеи хизматрасониҳо ва ҷозибаҳо, ки ба ҷараёнҳои пуриқтидори сайёҳӣ (150-200 ҳазор нафар меҳмонон ба қаламравҳо ва бештар) ва пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳои маъмулӣ ва хоси сайёҳӣ асос ёфтаанд, такя мекунад. Ба сохтори марказ метавонад маркази конгрессӣ-намоишӣ ё бюро дохил гардад.

Вазифаи асосии ин сохторҳо-таъмин намудани ҳам сайёҳони эҳтимолӣ ва ҳам воқеӣ бо иттилооти фаврӣ дар бораи маркази сайёҳӣ ё минтақа, имкониятҳои соҳаи сайёҳӣ ва ҷозибаҳои он мебошад. Ин иттилооти махсусест, ки нишонаҳои умумияти  маҳсулоти сайёҳиро барои минтақаи маркази сайёҳӣ дар умум дар бар дорад, ки тавлид ва пешравии он барои ташкилотҳои алоҳидаи сайёҳие, ки хизматрасониҳои алоҳидаи бастаии сайёҳии худро муаррифӣ мекунанд, хос намебошад.

Чунин марказҳо ва филиалҳо дар ҳама ҷо таъсис дода шудаанд ва дар марказҳои ташриф ва сайёҳии ҷараёнҳои сайёҳӣ фаъолият мекунанд. Тақсимоти марказҳои иттилоотии сайёҳи (МИС)-ро аз рӯи хусусиятҳои хоси фаъолият дар макони таъинот ва иншоот амалӣ намудан мумкин аст:

- МИС-ҳои миллӣ ё минтақавӣ дар пойтахт ё марказҳои маъмурии минтақавӣ;
- намояндагиҳои хориҷӣ (офисҳо) оид ба сайёҳӣ;
- МИС дар марказҳои бузурги таърихии сайёҳӣ;
- дар минтақаҳои истироҳатӣ (курортӣ);
- дар нуқтаҳои занҷири нақлиётӣ, терминалҳои истгоҳи роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, стансияҳои автобусӣ;
- дар гузаргоҳҳо ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ;
- дар боғҳои миллӣ;
- дар боғҳои мавзӯӣ;

- дар мавзеъҳои сайёҳӣ, осорхонаҳо, супермаркетҳо;
- дар намоишгоҳҳо ва ҳангоми ташкили дигар чорабиниҳои оммавӣ.

Вобаста аз мансубият марказҳои иттилоотии сайёҳӣ бо мавҷудияти ҷомеаи назаррас вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд ва бо усулҳои гуногун маҳсулоти сайёҳии хоси макони муайян ва сатҳи муайянро (миллӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ) пешниҳод мекунанд. Ҳангоми кам кардани вазифаҳо МИС метавонад ба сатҳи бюрои иттилоотии муқаррарии шуъба ё муассиса баромад намояд.

Дар МИС сайёҳон ва меҳмонон метавонанд ба таври ройгон ё ғайриройгон нашрияҳои иттилоотӣ, машваратҳо ва тавсияҳо гиранд. Одатан, ин марказҳо дорои веб-сомонаҳое мебошанд, ки ба маҳсулоти сайёҳии як шаҳр ё минтақаи калон бахшида шудааст. Коркарди фаъоли дархостҳои воридотӣ аз ҳар намуд ва интиқоли иттилоот аз рӯи онҳо анҷом дода мешавад. Қисми муҳими кори МИС ба фаъолияти маркетингӣ, омӯзиш ва таҳлили бозори сайёҳӣ ё таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ, пешниҳод ва ташаккули талабот ба хизматрасониҳо бахшида шудааст.

Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ чун қоида ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд ва аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ  ё воситаҳои буҷетии ҷумҳуриявии давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, гарчанде қисман онҳо вазифаҳои тиҷоратиро иҷро мекунанд, ба монанди: таъмин ва пешбурди хизматрасониҳои сохторҳои инфиродии тиҷоратӣ ва иншооти сайёҳӣ, расонидани хизматҳои молиявии шахсӣ ба меҳмонон ва аҳолӣ, фурӯши маводҳои иттилоотӣ, китобҳо, харитаҳо, тухфаҳо ва ғайраҳо.

Дар сохтори ташкилии маркази иттилоотии сайёҳӣ мо тақсим кардани се шуъбаи функсионалиро тавсия медиҳем: а) шуъбаи иттилоотии сайёҳӣ - воҳиде, ки бевосита бо сайёҳон, экскурсантҳо ва сокинони минтақа кор мекунад; б) шуъбаи рушд - воҳиде, ки барои таблиғи тамғаи сайёҳӣ, ҳамкории байниидоравӣ ва байниминтақавӣ ва ғ. масъул аст; в) шуъбаи маъмурӣ – хоҷагидорӣ - шуъбае, ки ба фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ ёрии маъмурӣ мерасонад. Дар расми 3.1.4 сохтори намунавии маркази иттилоотии сайёҳӣ ва вазифаҳои асосии шуъбаҳо оварда шудаанд.




*Коркарди муаллиф.*

**Расми 3.1.4 – Сохтори намунавии маркази иттилоотии сайёҳӣ.**

Барои субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, ки бо тағйирёбии муайяни мавсимӣ дар ҷараёнҳои сайёҳӣ тавсиф мешаванд (бо ном «мавсими баланд», вақте ки миқдори зиёди сайёҳон ворид мешаванд, дар баъзе аз ноҳияҳо он танҳо 1-2 моҳро ташкил медиҳад) нигоҳ доштани кормандони доимии маркази иттилоотии сайёҳӣ бо нигоҳ доштани вазифаи тағйирнаёбандаи онҳо тавсия дода намешавад. Барои нигоҳ доштани хизматрасониҳои босифат ва кормандони баландихтисоси дорои дониш ва таҷриба, тағйироти мавсимии вазифаҳои кормандон тавсия дода мешавад. Дар мавсими «пасти» сайёҳӣ, вақте ки миқдори меҳмонони марказҳои сайёҳӣ-иттилоотӣ кам мешавад, тавсия дода мешавад, ки кӯшишҳои кормандон ба иҷрои вазифаҳои шуъбаи рушд равона шавад. Кормандоне, ки ба меҳмонони маркази иттилоотии сайёҳӣ дар мавсими «баланд» хизмат мерасонанд, метавонанд дар чорабиниҳо оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақа, аз ҷумла таҳлили талаботҳои сайёҳон, омода намудани маводҳои иттилоотӣ барои мавсими оянда, омода кардани нашрияҳо дар ВАО ва ғайраҳо ҷалб карда шаванд.

Дар мавсими «баланди» сайёҳӣ, вақте ки шумораи меҳмононе, ки аз ҷониби маркази иттилоотии сайёҳӣ хизматрасонӣ карда мешаванд, ба қадри

ниҳоии худ мерасад, фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ бояд бевосита ба тарафи хизматрасониҳои иттилоотии сайёҳӣ оварда шавад. Барои минтақаҳо бо чараёнҳои муайяни сайёҳон ҷалби кормандони муваққатӣ ва ихтиёриён тавсия дода мешавад.

Дар расми 3.1.5 ҷойивазкунии вазифаҳои сохтори ташкилии маркази иттилоотии сайёҳӣ дар мавсими «баланди» сайёҳӣ пешниҳод шудааст. Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ бояд бо чунин кадрҳои сатҳи касбӣ таъмин бошанд, то фаъолиятеро пеш бурда тавонанд, ки ба талаботи кормандони маркази иттилоотии сайёҳӣ мувофиқ бошад. Талаботи асосӣ ба кормандони маркази иттилоотии сайёҳӣ, ки ба меҳмонон хизматрасонӣ менамоянд, ба мисли кушодадилӣ, малакаи муошират, сухани босаводона, маълумоти олӣ, донистани забони хориҷӣ, донистани макони таъинот мебошад.




*Коркарди муаллиф.*

**Расми 3.1.5 – Ҷойивазкунии вазифаҳои сохтори ташкилии маркази иттилоотии сайёҳӣ дар мавсими «баланд»**

Ҳангоми ташкили талабот ба ҳамкорони муваққатӣ ва ихтиёриён талаб кардани маълумоти олӣ зарур нест. Ҳангоми ҷалби ҳамкорони муваққатӣ ва ихтиёриён гузаронидани таълими ибтидоӣ ва таълими озмоишӣ талаботи ҳатмӣ мебошад. Ҷалби кормандони муваққатӣ ва ихтиёриёнро метавон дар асоси афзалиятҳои зерини кор дар маркази иттилоотии сайёҳӣ ба роҳ монд:

- имкони амалии истифодаи забони хориҷӣ;
- имконияти иштирок дар чорабиниҳои сайёҳии шаҳру вилоят;

– имкониятҳои иҷтимоӣ;
– гирифтани дониши нав.

Дар Тоҷикистон амалияи ташкил ва истифодаи МИС барои пешбурди самтҳои сайёҳӣ ҳанӯз дар марҳалаи ташаккул ва рушд қарор дорад. Вақте ки дар заминаи ташаккули муосири сайёҳии дохилӣ зарурати баланд бардоштани сифати қабул, хизматрасонии сайёҳон ва ташкили стратегияи мушаххаси маркетинг ба миён омад, дар минтақаҳо ва шаҳрҳои гуногуни кишвар марказҳои иттилоотии сайёҳӣ (МИС) пайдо шудан гирифтанд. Кори бисёре аз МИС аксар вақт бо офисҳои сайёҳии Аврупо монанд карда, сохта мешуд. Яъне, онҳо асосан ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо ташаббус ва аз ҳисоби мақомоти маҳаллӣ ва тиҷорати хусусӣ таъсис дода мешуданд. Дар ҷумҳурӣ заминаҳо барои сохтани марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ташкил меёбанд. Марказҳои асосие, ки метавонанд ба марказҳои иттилоотии сайёҳии дараҷаи ҷаҳонӣ табдил ёбанд, инҳоянд:

**1. Маркази сайёҳии шаҳри Душанбе.** Пойтахти кишвар шаҳри Душанбе дар водии Ҳисор дар соҳили дарёи Вахш ҷойгир аст. Ин яке аз пойтахтҳои баландтарини кӯҳӣ дар ҷаҳон ва яке аз калонтарин марказҳои фарҳангии Осиё мебошад. Дар пойтахт театрҳои опера ва балет, театри академии драма ва панҷ музей фаъолият мекунанд. Дар Тоҷикистон сайёҳон аз чунин ёдгориҳо, ба монанди қалъаи Ҳисор, мақбараи Хоҷа Машҳад, боқимондаҳои дайрҳои буддоиҳои асрҳои VII-VIII дидан мекунанд.

Бо мақсади рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии таърих, фарҳанг ва имкониятҳои самараноки шаҳри Душанбе, санаи 27 феврали соли 2018 нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ба ифтихори «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», инчунин қарорҳои раиси шаҳри Душанбе №555 аз 22 августи соли 2018, «Барномаи рушди сайёҳӣ дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2018-2020» тасдиқ карда шуд ва таҳти №471 аз 8 августи соли 2019 - нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030» дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2019-2022 коркард шуданд, ки дар рушди

ҷанбаҳои гуногуни бахши сайёҳӣ, бунёд ва оптимизатсияи инфрасохтори муосири соҳа, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, ҷалби ҷавонон ба касб, муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ ва ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар пойтахт фурӯдгоҳи байналмилалӣ, истгоҳи роҳи оҳан, автовокзал, 42 меҳмонхона ва 57 тарабхона, 4 чойхонаи миллӣ, 32 маркази фароғатӣ, 25 бозор ва 91 маркази савдо, 26 дукони ёдгорӣ, 17 боғи фарҳанг ва истироҳат, 1 боғи ҳайвонот, 14 майдон, 5 кӯл барои истироҳат, 204 салони зебоӣ ва 201 сартарошхона, 4 қасри фарҳанг ва 7 театри касбӣ, 10 музей, 16 китобхона, 6 амфитеатр, 23 ёдгории таърихӣ, ёдгорӣ ва меъморӣ, 109 ширкати сайёҳӣ, фаввораҳо дар 37 гӯшаи пойтахт, 1 қасри теннис ва маҷмааи варзишӣ, маҷмааи варзишии обӣ, қасрҳои «Наврӯз», «Борбад», «Ваҳдат», «Суруш», 306 муассисаи тиббӣ, ки ҳамарӯза ба садҳо меҳмонони ватаниву хориҷӣ дар мувофиқа бо эҳтиёҷоти онҳо хизмат мерасонанд, дар ҳоли ҳозир амал мекунанд. Баландтарин сутуни парчам дар ҷаҳон бо баландии 165 метр дар шаҳри Душанбе барқарор карда шуда, ба китоби рекордҳои Гиннес ворид гардидааст, ки майдони назди он ба яке аз ҷойҳои дӯстдоштаи истироҳат ва сайёҳии сокинон ва меҳмонони пойтахт табдил ёфтааст . Инчунин дар пойтахт Қасри Наврӯз ҷойгир аст, ки намунаи олии шаҳрсозии муосир аст ва таҷассуми услуби хоси меъмории миллӣ мебошад. Намунаҳо ва унсурҳои фарҳанги ороишии он таърихи беш аз 6000-солаи фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷикро инъикос мекунанд ва қаср ҳамчун муъҷизаи муосири сайёҳӣ шинохта шудааст.

**2. Маркази сайёҳии Хуҷанд.** Хуҷанд – пойтахти Тоҷикистони шимолӣ ва дуввумин шаҳри калонтарини кишвар, инчунин яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиё мебошад. Ҷойгиршавӣ дар даромадгоҳи водии Фарғона боис гардид, ки шаҳр дар тамоми таърихи чандинасраи худ ҳамчун яке аз марказҳои асосии роҳи Бузурги Абрешим аз шукуфоӣ ва сарват баҳра барад. Ин давра қасрҳои сершумор, масҷидҳои бузург ва қалъаи шаҳрро боқӣ гузошт, аммо бо сабаби забтшавӣ ва харобшавии шаҳр аз тарафи муғулҳо дар асри XIII рӯ ба фаромӯшӣ ниҳод. Хуҷанд бо воситаи қаторкӯҳҳои марказии кишвар тавонист, ки аз таъсири харобкунандаи ҷанги шаҳрвандӣ дар замони мо муҳофизат карда

шавад ва ҳамеша барои сафар бехатар буд. Он то ҳол қисми бойтарини кишвар боқӣ монда, аз се ду ҳиссаи маҳсулоти саноатии Тоҷикистонро истеҳсол мекунад. Ин як шаҳри бароҳат ва истироҳатӣ аст, ки дарёҳо он иқлими гарми маҳаллиро форам сохта, боғҳои сершумори он бошанд, шаҳрро хеле сарсабз мекунанд. Бозори асосии Хуҷанд - “Панчанбе”, бозори маъмулии Осиёи Марказӣ мебошад. Масҷиди оддӣ ва нисбатан муосир, мадраса ва мақбараи Шайх Массал (Муслоҳиддин) низ барои ташриф омодаанд.

**3. Маркази сайёҳии Бохтар**. Дар минтақаи Вахш ва шаҳри Бохтар ҷойгир аст, ки дар асри XVII таъсис ёфта, ба он таваҷҷуҳ бештар аст. Дар наздикии шаҳр Аҷинатеппа - ёдгории меъморӣ ва санъати Тохаристон ҷойгир аст. Дар ин ҷо боқимондаҳои дайрҳои буддоии асрҳои VII-VIII, муҷассамаи гилин (аз ҷумла тасвири 12-метраи Будои такяшуда), расмҳои деворӣ нигоҳ дошта шудаанд. Имкониятҳои сайёҳии шаҳри Бохтар чунин аст-(давраи таҳлили соли 2021): меҳмонхона 12 адад, мавзеъҳои сайёҳӣ- 7 адад, истироҳатгоҳу осоишгоҳ- 1 адад, тарабхона- 20 адад, осорхона- 2 адад, ширкатҳои сайёҳӣ – 3 адад, ёдгориҳои таърихӣ- 17, чойхона- 2 адад, китобхона- 7 адад, хизматҳои бонкӣ, банкомат- 44, боғҳои фароғатӣ- 2 адад, мағозаи армуғонҳо – 10 адад ва ҳоҷатхонаҳои сарироҳӣ- 30 адад, харитаи сайёҳӣ- 2 адад, сайёҳони дохилӣ – 83916 нафар, сайёҳони хориҷӣ – 566 нафар.

**4. Маркази сайёҳии Хоруғ.** Хоруғ – шаҳрест бо боғи ботаникии баландкӯҳ, ки дар он корҳои мутобиқсозии растаниҳо дар шароити баландкӯҳ идома дорад. Дарахтон ва буттаҳое, ки аз Аврупо, Африка, Австралия ва Амрико содир карда мешаванд, дар майдончаҳои нишеби кӯҳӣ реша давондаанд. Помир дар дохили кишвар бо номи Бом-И-Дания (Боми Ҷаҳон) маъруф аст. Помир – ин ҳамон гиреҳест, ки аз он ба тарафҳои гуногун системаҳои баландкуҳи ҷаҳон, аз ҷумла Қароқорум ва Ҳимолой дар ҷануб, Ҳиндукуш дар ғарб ва Тян-Шан дар шимолу шарқ ҷудо мешаванд. Шабакаи водиҳои амиқ ва васеъ дар байни қуллаҳои кӯҳии баландии то 7000 метр ва баландтар ҷойгир аст, ҳамвориҳои сершуморро дараҳои дарёҳои тези кӯҳӣ убур мекунанд ва кӯҳҳоро неруҳои титаникии замин бо тамоми рангҳои

рангинкамон аз берун аз рагҳои маъданӣ печидаанд, аммо худи Помир, мутаассифона, барои як нуқтаи аҳолинишин хеле баланд аст-ин шоҳигарии кӯҳнавардон ва паланги барфӣ аст. Дар нишебиҳо ва водиҳо ҳайвоноти нодири кӯҳӣ, аз қабили қучқори кӯҳӣ (уриал ва архар) ё бузи кӯҳӣ (киик), паланги барфии дастгирнашаванда (ирбис) ва ҳатто «одами барфии азим»-и дастгирнашаванда, ки дар бораи онҳо ривоятҳо мавҷуданд, аммо онро касе (ҳанӯз) надидааст, зиндагӣ мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, майли табиии сокинони маҳаллӣ ба меҳмоннавозӣ дар чунин шароити бади зиндагӣ бисёр сайёҳонро ба ҳайрат меорад.

Азбаски сайёҳон дар минтақаи Помир бо як қатор монеаҳо (масалан, норасоии мутлақи нақлиёт ва ғизо) дучор мешаванд, барои онҳое, ки ҳангоми дар Помир будан меҳмоннавозиро эҳсос кардаанд, яке аз таассуротҳои хотирмон аст. Дар кӯҳҳо бисёр ба истилоҳ «паноҳгоҳҳо» ва хоҷагиҳои фермерӣ дар хатсайрҳои кӯҳӣ мавҷуданд, ки аз ҷаҳони атроф ҷудо шудаанд ва ҳамчун меҳмонхонаҳои ибтидоӣ фаъолият мекунанд. Ба шумо дар зери бом ҷой ҷудо мекунанд, бо кӯрпаи пашми гӯсфанд таъмин менамоянд ва «ширчой»-и гарм бо шири буз, намак ва равған пешниҳод мекунанд.

**5. Маркази сайёҳии Панҷакент.** Панҷакент яке аз шаҳрҳои пешрафтаи Осиёи Марказии қадим мебошад. Ёдгориҳои архитектурии Суғд (асрҳои V-VII) шоҳкориҳое мебошанд, ки нақш ва ҷойгоҳи санъати тоҷикро дар системаи дастовардҳои умумии фарҳангии халқҳои Шарқ муайян мекунанд. Композитсияҳои архитектурии қасру ибодатхонаҳои Панҷакент, ба гуфтаи муҳаққиқон, беназир аст ва ҳам дар Осиёи Марказӣ ва ҳам дар кишварҳои дигари Шарқ шабеҳи он нест. Дар ин ҷо Саразми Қадим (Бостонӣ) нахустин маҷмааи дорои аҳамияти таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ҷойгир мебошад. Саразм яке аз аввалин ёдгориҳои давраи ориёӣ ва намунаи беназири ин тамаддун дар Суғд мебошад.

Рушди минбаъдаи кори МИС метавонад такони ҷиддӣ барои рушди тиҷорати сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ гардад. Аммо, донистан зарур аст, ки ин сохтор худ аз худ наметавонад кумак барои ҳалли ҳамаи мушкилоти мавҷудаи саноати

сайёҳӣ гардад. Барои он, ки ин механизм барои кӯмак ба ташкили қабул, нигоҳдорӣ ва таблиғи марказҳои сайёҳӣ бо тамоми қувва кор кунад ва натиҷаи дилхоҳ ба даст оварад,  онро дар қатори инкишофи роҳ, нақлиёт, муҳандисӣ, коммуналӣ, сайёҳӣ ва дигар инфрасохтори истироҳатгоҳҳои ватанӣ бо назардошти технологияҳои муосир ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ дар ин соҳаи мушаххаси тиҷорат ба таври комплексӣ дар ҳаёт бояд тадбиқ намуд.

Ҳамин тариқ, таҳлили вазъи рушди сайёҳии ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ ва хусусан тиҷорати сайёҳии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулоса барорем:

1. Бо назардошти вазъи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, яке аз ҷузъҳои асосии тиҷорати ҷаҳонии сайёҳӣ – ин ташаккулдиҳии фазои иттилоотии сайёҳӣ мебошад.
2. Муваффақияти фаъолияти марказҳои ҷаҳонии сайёҳии муосир бештар бо ҳамгироии онҳо ба фазои ҷаҳонии сайёҳӣ таъмин карда мешавад.
3. Яке аз воситаҳои самарабахши марказҳои сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ (МСМҶ) дар ташкили дохилӣ ва хориҷӣ ба фазои иттилоотии сайёҳии хориҷӣ марказҳои иттилоотии сайёҳӣ вобаста мебошанд.
4. Фаъолияти МИС бояд пеш аз ҳама ба беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои ҷараёни қабули сайёҳон дар ҷои таъиншуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии маҳаллӣ, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани даромаднокии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва соҳаҳои алоқаманд, фароҳам овардани заминаи андозбандишаванда барои корхонаҳое, ки ба хизматрасонии сайёҳон ва меҳмонон машғуланд, баланд бардоштани даромаднокии буҷетҳои тамоми сатҳҳо, ташаккули симои мусбати макон барои сайёҳӣ равона карда шавад ва мусоидат намояд.
5. Фаъолияти МИС бояд ба дастгирии иттилоотӣ ба субъектҳои соҳибкории таъинот - истеҳсолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ, тавлиди ҷараёнҳои дохилӣ ва равуои сайёҳон, ташкили фаъолияти даромаднок дар соҳаи хизматрасонӣ ва ҷузъҳои молии маҳсулоти сайёҳӣ равона карда шавад. МИС иттилоотро дар воситаҳои қоғазӣ, электронӣ ва дар шабакаи Интернет ба монанди - буклетҳо, харитаҳо, роҳнамоҳо, феҳристҳои

корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ; маълумот дар барандаҳои нурӣ ва видеороликҳо фаъолона тавлид ва паҳн мекунад.

Лоиҳаҳои сохтан ва паҳн кардани иттилоот дар барандаҳои нурӣ бошиддат таҳия ва татбиқ карда мешаванд. Намоишномаҳои мундариҷаи иттилоотидошта низ маъруфият ёфтаанд. Ҳамаи ин васоитҳои иттилоотӣ дар намоишгоҳҳо фаъолона паҳн карда мешаванд, аз тарафи меҳмонон тавассути шабакаи савдо, дар ҷойҳои сайёҳӣ, осорхонаҳо ва дигар ҷойҳои гиреҳӣ барои ҷараёнҳои сайёҳӣ амалӣ мегарданд. Қисми мавод ба истеъмолкунанда, шарикони эҳтимолӣ дар чорабиниҳои муаррифӣ, ҳайатҳо ва меҳмонон ройгон дода мешавад, қисми дигари он дар шабакаи чакана- иттилоот дар шабакаи Интернет амалӣ мешавад. Шумораи зиёди ташаббускорону ҳукумат Веб-сомонаҳо таъсис додаанд, ки аксар вақт иттилооти тиҷоратии ширкатҳои сайёҳиро дар заминаи майдонҳои иттилоотии тасвири захираҳои сайёҳӣ, хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар бар мегиранд.

## 3.2. Асосноккунии пешниҳоди таъсиси маркази иттилоотии сайёҳии “Бохтар”

Дар ҷаҳони муосир пайдоиши сохторҳои фаромилии иқтисодӣ, системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ аз самти саноатӣ ба самти иттилоотии рушди иқтисодиёт ва ҷомеа гузаштанро шаҳодат медиҳанд. Системаҳои иттилоотии глобалӣ ҷаҳонро ба як воҳиди ягона пайваст намуда, ҳамаи давлатҳоро аз ҷиҳати иттилоотӣ ба ҳам вобаста карда, онҳоро маҷбур мекунанд, ки ба сифати ҳамкории иттилоотӣ ба соҳаҳои гуногуни ҷомеа таваҷҷуҳи бештар зоҳир кунанд. Ин ҳама дар рушди бахши сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар ин соҳа осори худро мегузорад. Аз як тараф, технологияҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои мубрами операторҳо ва агентиҳои сайёҳӣ, ки бо ададӣ афзуншавӣ ва шиддати ҷараёни муштариён алоқаманд аст, истифода мешаванд, аз тарафи дигар истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ афзалиятҳои рақобати иловагиро таъмин менамояд. Ғолиб он касе ҳисобида мешавад, ки имрӯз иттилоотро дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ ба муштарӣ (агентӣ ё сайёҳӣ) зудтар ва бо сифат мерасонад, касе, ки зудтар, қулайтар ва босифат ба муштарӣ хизматрасонӣ зоҳир менамояд.

Соҳаи муосири хизматрасонии сайёҳӣ бояд сари вақт ва ба таври адекватӣ ба тасаввуроти афзуншавандаи истеъмолкунандагон оиди фаъолияти худ вокуниш нишон диҳад. Захираҳои сайёҳие, ки як замон маъмул ва машҳур буданд, метавонанд, бо сабаби аз даст додани машҳур будани худ ё истиснои худ ба намуди ҷории сайёҳӣ фаъол набошанд. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар ҳолати мавҷудияти рақибон, бахши хизматрасонии сайёҳӣ бояд рушд ёбад ва доимо такмил ёфта, талабот ба истеъмолкунандагон нигоҳ дошта шавад ва сифати хизматрасонӣ таъмин карда шавад.

Дар шароити мавҷуд будани пешниҳодҳои гуногуни сайёҳии хориҷӣ ба марказҳои сайёҳии ватанӣ нигоҳ доштани мавқеъҳои рақобатии худ хеле мушкил аст. Сабабҳое, ки рақобатпазирии марказҳои сайёҳии ватаниро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд, номукаммалии тартиби додани раводид дар қаламрави ҷумҳурӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ, болоравии нархи

хизматрасонии сайёҳӣ, сатҳи пасти рушди инфрасохтори сайёҳӣ, набудани логистикаи қабул ва хизматрасонӣ ба сайёҳон, инфрасохтори нопурраи роҳ ва нақлиёт дар минтақаҳои кишвар, норасоии шадиди кадрҳои баландихтисос ва бисёр сабабҳои дигар ба ҳисоб меравaнд. Масъала бо мавқеи сусти маҳсулоти сайёҳии миллӣ ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори хориҷӣ мураккабтар мешавад.

Ҳалли ҳамаи мушкилоти дар боло овардашуда танҳо бо баррасии ҳамаҷонибаи онҳо имконпазир аст. Идоракунии сусти марказҳои сайёҳии кишвар аксар вақт имкон намедиҳад, ки чунин усули маҷмӯӣ амалӣ карда шавад. Тавре ки амалияи роҳандозии субъектҳои тиҷорати сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ дар солҳои охир нишон медиҳад, ки иштирокчиёни бозори сайёҳӣ маҷбуранд мушкилоти худро то ҳадди имконоти худ мустақилона ҳал намоянд.

Яке аз намунаҳои барҷастаи чунин ҳолат шаҳри Бохтар - маркази вилояти Хатлон шуда метавонад. Бохтар (то соли 2018 Қӯрғонтеппа) шаҳрест дар ҷанубу ғарби Тоҷикистон, маркази маъмурии вилояти Хатлон, дар 100 км ҷануб аз шаҳри Душанбе, дар водии Вахш ҷойгир аст. Тибқи маъхазҳои қадимӣ, Қӯрғонтеппа дар давраи салтанати Кӯшон пайдо шудааст. Ин шаҳри калоне буд, ки пули худро дошт ва соли 2014 сеюмин шаҳр дар ҷумҳурӣ гардид, ки беш аз 100 000 нафар аҳолӣ дошт. То 1 январи соли 2022 шумораи аҳолии он ба 126,7 ҳазор нафар[14] расид. Шаҳри вилоятӣ дорои ду мактаби олӣ мебошад: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (аз соли 1978) ва Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (аз соли 2006), ки дар онҳо мутахассисон тайёр карда мешаванд.

Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ ҷои ҷолибтаринест, ки дар ин ҷо ҷойгир аст. Он зиёда аз 700 экспонати арзишмандро дар бар мегирад. Аз ҷумла, дар осорхона «Растаи косибон» ва инчунин «Теппаи Қӯрғон» мавҷуданд. Сайёҳон ҳатман ба ҷойҳои аҷибе, ки дар он харобаҳои дайрҳои буддоии асрҳои VII-VIII - Аҷина-Тепа дар шарқи шаҳр дар масофаи 12 километр ҷойгиранд, ташриф меоранд. Дар ин ҷо муқаддасот, тасвирҳо дар деворҳо, муҷассамаҳо

ёфт шудаанд. Бозёфти ҷолибтарин – ин пайкараи Буддои дарозрӯя аст, ки дарозии он 12 метр мебошад.

Дигар объекти ҷолиби сайёҳӣ - Чилучор чашма (чилу чор чашма) аст. Ҳар як сокини Тоҷикистон ва Ӯзбакистони ҳамсоя дар бораи он медонад. Бохтар дар ҷануби ҷумҳурӣ ҷойгир аст ва аз ҳама минтақаи муҳим аз рӯи микёс буда, иқлими нодир дорад. Ба соҳаҳои асосии иқтисодиёти шаҳри Бохтар савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ, сохтмон, саноат дохил мешаванд. Бохтар бо бисёр шаҳрҳои ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ тавассути шабакаи нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ пайваст аст.

Дар Бохтар метавон як маҷмааи сайёҳиро ташкил намуд, ки объектҳои сайёҳии дар наздикии ноҳияҳо ва шаҳр ҷойгиршударо фаро гирад. Аз ноҳияҳои наздиктарин ба шаҳри Бохтар шаҳраки Левакант, ноҳияҳои Кӯшониён ва Вахш мебошанд, ки имкониятҳои сайёҳии онҳо дар ҷадвали 3.2.1 оварда шудаанд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон, ки 25 шаҳру ноҳияҳоро дар бар мегирад, дида мешавад, ки аз руйи 18 нишондод маълумотҳо оварда шудааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки ҳама нишондодҳо дар ҳоли рушд мебошанд ва барои исботи гуфтаҳо мо маълумотҳои шаҳри Бохтарро бо соли 2020 муқоиса менамоем: сайёҳони дохилӣ – афзоиш 6,25 маротиба; сайёҳони хориҷӣ – афзоиш 3,43 маротиба; меҳмонхона - афзоиш 9,09 фоиз; ҳоҷатхонаҳои сарироҳӣ – афзоиш 3,33 маротиба; харитаи сайёҳӣ – афзоиш 2 маротиба.

Маҷмааи сайёҳӣ маҷмӯи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки таҷдиди (истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмол) тамоми спектри хизматрасонии курортӣ ва сайёҳиро бо тамоми гуногунии муосири онҳо таъмин менамояд. Ба маънои кӯтоҳ - инҳо осоишгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои сайёҳӣ, хонаҳои истироҳат, лагерҳои ҷавонон, марказҳои сайёҳӣ ва дигар муассисаҳои истироҳатӣ, фондҳои асосӣ ва гардишӣ, захираҳои меҳнатӣ мебошанд, ки пурра ва мустақиман ба хизматрасонии истироҳаткунандагон ва сайёҳон ҷалб карда шудаанд.

## Ҷадвали 3.2.1 – Имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон ба ҳолати моҳи декабри соли 2022

| № | Шаҳру ноҳияҳо | Сайёҳони дохилӣ | Сайёҳони хориҷӣ | меҳмонхона | Мавзеъҳои сайёҳӣ | Истироҳатгоҳу осоишгоҳ | тарабхона | осорхона | Ширк.сайёҳӣ | Ёдгориҳои таърихи фарҳангӣ | чойхона | Хизмат.бонкӣбан коматҳо | Гестхоус Хомстей | Ҳоҷатхонаҳоисар роҳӣ | Мағозаи армуғонҳо | Зиёратгоҳ | Боғҳо ва гулгаштҳо | Ишораҳои сариҳоҳӣ | Харитаи сайёҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ш. Бохтар | 83916 | 566 | 12 | 7 | 1 | 20 | 2 | 3 | 17 | 2 | 44 | -- | 30 | 10 | -- | 2 | 7 | 2 |
| 2 | ш. Норак | 101018 | 159 | 2 | 46 | 97 | 5 | 1 | 2 | 17 | 1 | 7 | -- | 2 | 4 | 5 | 1 | 1 | 1 |
| 3 | ш. Левакант | 3766 | 15 | 2 | 5 | 3 | 2 | 1 | -- | -- | -- | 6 | 10 | 9 | 1 | -- | 2 | 6 | 3 |
| 4 | н. А. Ҷомӣ | 1400 | 50 | 2 | 2 | -- | 4 | 1 | -- | 9 | 5 | 8 | -- | 4 | 2 | 1 | 1 | 8 | -- |
| 5 | н. Кӯшониён | 4800 | 10 | 3 | -- | -- | 6 | -- | -- | 7 |  | 11 | -- | 5 | 1 | -- | 1 | 2 | 1 |
| 6 | н. Вахш | 404 | 92 | 2 | -- | 2 | 3 | -- | -- | 20 | 3 | 18 | -- | 7 | 1 | 1 | 1 | 3 | 3 |
| 7 | н. Ёвон | 301 | 67 | 6 | 3 | -- | 6 | 1 | -- | 57 | 6 | 27 | -- | 28 | 2 | 8 | 3 | 5 | 2 |
| 8 | н. Ҷ. Балхӣ | 3200 | 6 | 3 | -- | -- | 5 | 1 | -- | 12 | 3 | 8 | -- | 6 | 14 | -- | 2 | 2 | 1 |
| 9 | н. Қубодиён | 12133 | 41 | 3 | 3 | 1 | 9 | 1 | -- | 54 | 26 | 6 | 1 | 4 | 4 | 4 | -- | -- | 2 |
| 10 | н. Ҷайҳун | 8252 | - | 2 | - | 1 | 1 | -- | -- | 13 | 29 | 5 | -- | 6 | 6 | 1 | 1 | -- | 1 |
| 11 | н. Н. Хусрав | 25450 | 321 | 1 | 2 | -- | -- | 1 | -- | 31 | 12 | 5 | -- | 7 | -- | 1 | 1 | 2 | -- |
| 12 | н. Панҷ | 61 | 9 | 1 | -- | -- | 2 | 3 | -- | 24 | 1 | 6 | 2 | 7 | 1 | 1 | 1 | -- | -- |
| 13 | н. Хуросон | 5356 | -- | 3 | 4 | -- | 2 | 3 | -- | 20 | 1 | 12 | -- | 6 | 6 | 7 | 1 | -- | -- |
| 14 | н. Дӯстӣ | 12007 | 8 | 1 | 1 | 1 | 3 | 2 | -- | 17 | 6 | 3 | -- | 3 | 1 | 1 | 1 | 4 | 1 |
| 15 | н. Шаҳритус | 998 | 191 | 5 | 1 | -- | 8 | 1 | -- | 36 | 1 | 8 | 2 | 12 | 2 | 8 | 1 | 2 | 1 |
| 16 | ш. Кӯлоб | 49042 | 420 | 19 | 7 | 10 | 16 | 4 | -- | 38 | 4 | 28 | 12 | 4 | 4 | 5 | 8 | 8 | 1 |
| 17 | н. Балҷувон | 3739 | 9 | 6 | 3 | -- | 2 | 4 | 2 | 37 | 1 | 1 | 3 | 4 | 2 | 4 | 1 | 3 | 1 |
| 18 | н. Восеъ | 8267 | 307 | 7 | 3 | 2 | 7 | 4 | -- | 118 | 1 | 19 | -- | 21 | 1 | 1 | 4 | 4 | -- |
| 19 | н. Данғара | 8240 | 120 | 7 | 6 | 2 | 15 | 3 | 1 | 158 | 3 | 32 | -- | 12 | 9 | 5 | 5 | 4 | -- |
| 20 | н. Ҳамадонӣ | 500 | 10 | 3 | 2 | -- | 4 | 1 | -- | 16 | -- | 6 | 1 | 5 | 3 | 3 | 1 | 5 | 1 |
| 21 | н. Муъминобод | 22864 | 112 | 5 | 20 | 12 | 3 | 5 | 2 | 48 | 3 | 9 | 16 | 16 | 4 | 18 | 3 | 8 | 1 |
| 22 | н. Темурмалик | 4989 | - | 1 | 6 | 2 | 4 | 1 | -- | 40 | 1 | 7 | -- | 1 | 1 | 18 | 2 | -- | 1 |
| 23 | н. Фархор | 2500 | 14 | 6 | 3 | 1 | 3 | 1 | -- | 60 | 1 | 22 | -- | 4 | 3 | 5 | 1 | 2 | -- |
| 24 | н. Ховалинг | 76291 | 123 | 6 | 4 | -- | 2 | 2 | 2 | 66 | 8 | 1 | 10 | 8 | 2 | 3 | 1 | 3 | 1 |
| 25 | н. Ш. Шоҳин | 5500 | 26 | 4 | 2 | -- | -- | -- | 5 | 16 | 1 | 7 | 4 | 3 | 4 | 15 | 1 | 4 | 1 |
|  | **Миқдори умумӣ** | **440194** | **2676** | **112** | **130** | **135** | **132** | **43** | **17** | **931** | **119** | **306** | **61** | **214** | **88** | **115** | **46** | **83** | **25** |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи Ҳисоботи шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, 2022

Ба маънои васеъ - ин маҷмӯи тамоми соҳаҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки ба маҷмааи сайёҳӣ хизмат мерасонанд. Нақш ва ҷойгоҳи шаҳри Бохтарро ҳамчун маркази фароғатӣ аз рӯйи ҳолат ва дурнамои рушди ҷабҳаи таърихию минтақавӣ ва фароғатии он муайян мекунанд.

Барои рушди тамоми маҷмааи сайёҳии Бохтар, зарур аст, ки лоиҳаи инвеститсионӣ таҳия ва амалӣ карда шавад. Дар айни замон, ба тамоюлҳои мусбӣ  бунёди маҷмӯаи иншооти муосири варзишии дараҷаи ҷаҳонӣ, рушди инфрасохтори муҳандисии шаҳр, рушди системаи нақлиёт  ва бисёре аз дигарҳо дохил мешаванд, ки бояд ба коҳиши роҳбандии автомобилӣ, беҳтар шудани сифати роҳҳо ва зиёдшавии ҷараёнҳои сайёҳӣ оварда расонанд. Пурзӯр намудани назорат аз болои риояи меъёрҳо ва талаботи экологӣ ва шаҳрсозӣ, инчунин татбиқи як қатор барномаҳои экологии барои минтақа зарур, рушди энергетика ва таъминоти он, инчунин инфрасохтори коммуникатсионӣ, рушди инфрасохтори меҳмонхонаҳо дорои аҳамияти муҳим мебошанд. Шаҳр барои сайёҳон фақат он вақт ҷолиб хоҳад буд, ки агар меҳмонони эҳтимолӣ онро ҳамчун як маҷмааи ягонаи сайёҳии бисёрсола бо инфрасохтори тараққикардаи шаҳрӣ, сайёҳӣ, ки ба қабул ва хизматрасонии босифати сайёҳон нигаронида шудааст, қабул намоянд, на ҳамчун маҷмааҳои алоҳида ва парокандаи сайёҳӣ, ки бо имконот ва пешниҳодҳои худ маҳдуданд.

Маҷмааи сайёҳӣ тақрибан ҳама самтҳои асосии сайёҳӣ фароғатӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, лойоб ва обҳои минералӣ, сайёҳии варзишӣ, сайёҳии чорабинӣ, сайёҳии динӣ, сайёҳии тиҷорӣ, сайёҳии экстремӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар шаҳри Бохтар як сохтори ягонае вуҷуд надорад, ки ба таври ҳамаҷониба бо таблиғи ҳамаи самтҳои кори сайёҳат машғул бошад. Сомонаҳои мавҷуда дар бораи мавзеъҳои сайёҳии шаҳри Бохтар ё вилояти Хатлон бисёр иттилооти рӯякиро пешниҳод менамоянд, ҳатто ҳамон маълумотҳое, ки имрӯз шаҳр ба меҳмонон дода метавонад, кам ифшо менамоянд. Ба ғайр аз ин, ҳатто дар шаҳри Бохтар ягон сохтори шаҳрие вуҷуд надорад, ки қабули озодона ва иттилоотонии меҳмононро оиди имконоти сайёҳӣ ва истироҳат таъмин намояд, ки яке аз пояҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси таҳлили

вазъи мавҷуда ва мушкилоти таъминоти иттилоотӣ, онро дар шакли зерин пешниҳод кардан мумкин аст (ниг. ба расми 3.2.2).




Коркарди муаллиф.

**Расми 3.2.2 – Проблемаҳои муосири рушди фазои дохилишаҳрии сайёҳӣ-иттилоотӣ дар шаҳри Бохтар**

Рушди сусти фазои дохилишаҳрии сайёҳӣ-иттилоотӣ имрӯзҳо бо чунин параметрҳо ифода карда мешаванд:

– огоҳии пасти меҳмонон ва аҳолӣ аз равандҳое, ки вобаста ба татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи сайёҳӣ дар шаҳр ва минтақа рух медиҳанд; набудани пойгоҳи ягонаи оммавӣ оид ба инфрасохтори сайёҳӣ ва хизматрасонии сайёҳӣ, ки дар шаҳр мавҷуданд;

– набудани инфрасохтори қабул ва хизматрасонии иттилоотии сайёҳон, меҳмонони эҳтимолӣ ва сокинони кишвар;

– ҳамкории сусти иштирокчиёни сершумори бозори сайёҳӣ; набудани стратегияи ягонаи таблиғи сайёҳии Бохтар ва бисёр чизҳои дигар.

Бо вуҷуди масъалаҳои мавҷудаи мушкилот, дар солҳои охир гардиши сайёҳӣ афзоиш ёфт. Ба гуфти бархе аз коршиносон, афзоиши солонаи шумораи сайёҳонро (ҷадвали 3.2.1) бо он нисбат додан мумкин аст, ки тайи солҳои охир ба шаҳр аҳамияти ҷиддии аҳли ҷомеа дар доираи тадбиқи лоиҳаи аҳамияти умумиҷамъиятидошта аз рӯи рушди чорабиниҳои таърихӣ-сайёҳӣ ва сайёҳӣ-варзишӣ, инчунин чорабиниҳои бо он ҳамроҳшуда, ки дар сатҳи олӣ мегузаранд, дода шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки эҳтимолияти афзудани таваҷҷуҳ ба захираҳои сайёҳӣ вуҷуд дорад, ки ин

андешидани чораҳоро оид ба баланд бардоштани ҷолибияти сайёҳӣ ва ҷалби маҷмааи сайёҳӣ талаб менамояд.

Бо назардошти ҳамаи ин, гуфтан мумкин аст, ки яке аз механизмҳое, ки ба рушди маркази сайёҳӣ дар қаламрави Бохтар мусоидат карда метавонад, кори маркази иттилоотии сайёҳӣ буда метавонад.

Тавре ки дар сархати қаблӣ қайд карда шуд, Маркази иттилоотии сайёҳӣ-ин сохтори ғайритиҷоратӣ буда, дар аксари ҳолатҳо дар асоси фондҳои буҷетӣ фаъолият мекунад ва иттилоотро дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои марбута дар қаламрави муайян бо мақсади таъмини қабул ва иттилоотонии сайёҳон, кӯмак ба мақомоти маҳаллӣ дар соҳаи рушд, ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ ва таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ ҷамъоварӣ менамояд. Ҳадафи кори МИС-и Бохтар бояд ба рушди сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ дар шаҳр тавассути рушди фазои дохилишаҳрии сайёҳӣ-информатсионӣ бо ташаккул ва таблиғи минбаъдаи маҳсулоти сайёҳӣ ба фазои сайёҳӣ-информатсионии дохилию байналхалқӣ равона карда шавад.

Дар асоси таҷрибаи хориҷии кори МИС, инчунин вазъи мавҷудаи шаҳр, мо сохтори зеринро барои ташаккул ва ҳаракати ҷараёнҳои иттилоотии МИС масалан, дар мисоли шаҳри Бохтар пешниҳод менамоем (ниг. ба расми 3.2.3).

Кори маркази иттилоотии сайёҳӣ дар қаламрави шаҳр ба татбиқи Барномаи рушди сайёҳӣ барои дурнамои дарозмуддат ва таъмини рушди устувори тиҷорати сайёҳӣ ва ташкили минбаъдаи маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард. Дар асоси ҳадафи МИС, инчунин мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, вазифаҳои асосии сохтори пешниҳодшуда чунин баён карда мешаванд:

1. Қабул ва хизматрасониҳои иттилоотии сайёҳон, меҳмонон ва сокинони кишвар;
2. Пешбурди хизматрасонии сайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ;
3. Мусоидат ба омодагӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногун;




*Коркарди муаллиф.*

**Расми 3.2.3 – Сохтори ташаккул ва ҳаракати ҷараёнҳои иттилоотӣ дар МИС-и "Бохтар"**

3. Мусоидат дар таъмини ҳамкории байни иштирокчиёни бозори сайёҳӣ;

4. Мусоидат ба мақомоти маҳаллӣ дар рушд ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ.

Барои иҷрои ҳар яке аз вазифаҳои дар боло зикршуда як қатор тадбирҳо (воситаҳо) лозиманд, ки амалисозии онҳо рушди фазои иттилоотии сайёҳии МИС-и Бохтарро таъмин мекунад, яъне:

1. Қабул ва хизматрасониҳои иттилоотии сайёҳон, аҳолии кишвар. Таъсис ва пешбурди пойгоҳи иттилоотӣ, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани иттилоотро дар самтҳои зерин дар бар мегирад:
   - маълумот дар бораи шаҳр (маълумоти умумӣ, иқлим, таърих, аҳолӣ, дин, тақсимоти ҳудудӣ, фарҳанг, маориф, илм, иқтисодиёт, нақлиёт, санъат, муносибатҳои байналмилалӣ);
   - маълумот дар бораи инфрасохтори мавҷудаи сайёҳӣ ва фароғатӣ (воситаҳои ҷойгиронӣ; воситаҳои хурокворӣ; инфрасохтори фароғатӣ; корхонаҳои сайёҳӣ; нақлиёт;)
   - маълумот дар бораи хизматҳои мавҷудаи сайёҳӣ; истироҳати фаъол (сайёҳии кӯҳӣ, велосипедронӣ, шикор, моҳидорӣ, завраққашӣ, аспсаворӣ ва ғ.); бизнес ва чорабиниҳои сайёҳӣ; сайёҳии динӣ ва ғ.;
   - маълумот дар бораи бахшҳои иқтисод дар шаҳр (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, маорифи халқ, фарҳанг, илм ва ғ.);
   - маълумот дар бораи шабакаи нақлиётии шаҳр;
   - маълумот дар бораи кори муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногун (музейҳо, дуконҳо ва ғ.), ки барои сайёҳон, меҳмонон ва ғ. эҳтимолан ҷолибанд.
2. Қабули сайёҳон, меҳмонон ва сокинони маҳаллӣ ҳалли вазифаҳои зеринро таъмин мекунад:
   - мусоидат ба бизнеси сайёҳии маҳаллӣ дар ташкили қабул ва будубоши сайёҳон дар ҷойҳои сайёҳӣ;
   - баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ;

– мусоидат ба рушди сайёҳии дохилӣ;
– пешбурди хизматрасонии сайёҳӣ тавассути тамоси мустақим бо мизоҷон;

3. Хизматрасонии иттилоотӣ барои сайёҳон тавассути якчанд шабакаҳои иртиботӣ сурат мегирад:

– бевосита дар худи МИС, яъне дар дуконҳои иттилоотии он;
– терминалҳои иттилоотӣ, ки шабакаи онҳо дар ҷойҳои гуногуни дастрасии сайёҳӣ дар атрофи шаҳр муаррифӣ карда мешаванд;
– тавассути телефон;
– дар Интернет.

Ташкили марказҳои машварати шабонарӯзӣ тавассути телефон бо бастани шартнома бо хизматрасонии телефонии дахлдор ё ҷалби оператори хусусӣ дар маркази иттилооти сайёҳӣ мувофиқи мақсад мебуд.

4. Пешбурди фаъолияти самаранокии объектҳои сайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ тавассути самтҳои зерин анҷом дода мешавад:

– дар якҷоягӣ бо маъмурияти шаҳр ва сохторҳои манфиатдор дар таҳияи бренд ва стратегияи умумии маркетинги шаҳр;
– таъсис ва нигоҳдории интернет-сомонаи муосир барои Маҷмааи сайёҳии Бохтар бо имкони воситаҳои фармоишии on-line ҷойгиронӣ;
– таҳия ва паҳн кардани маводҳои иттилоотӣ ва таблиғотӣ (буклетҳо, харитаҳо, дастурҳои роҳнамо, варақаҳо ва ғайра);
– муаррифии шаҳри Бохтар дар намоишгоҳҳо, конфронсҳо, семинарҳои миллӣ ва байналмилалӣ;
– мусоидат дар таблиғи маҳсулоти нави сайёҳӣ бо иштироки соҳибон, сармоягузорон, инчунин операторҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ;
– ҷойгиркунии маводи таблиғотӣ дар телевизион, радио ва нашрияҳои махсусгардонидашудаи сайёҳӣ;
– тартиб додани нақшаи солонаи чорабиниҳои шаҳрӣ дар якҷоягӣ бо аъзоёни МИС ва кӯмаки минбаъда дар ташкили чорабиниҳои гуногун

дар шаҳр (намоишгоҳҳо, конфронсҳо, семинарҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғ.);

- гузаронидани презентатсияҳо, конфронсҳои матбуотӣ;
- кор бо журналистони хориҷӣ ва ватанӣ, аз ҷумла ташкил ва ё мусоидат дар ташкили сафарҳои матбуотӣ;
- барқарор намудани робитаҳои мустақим бо операторони сайёҳии хориҷӣ, инчунин мусоидат дар воруди онҳо ба бозори сайёҳӣ;
- нашри пресс-релизҳо ва мақолаҳо дар бораи имкониятҳои сайёҳии Бохтар, инчунин кори МИС.

5. Мусоидат дар таъмини ҳамкории байни иштирокчиёни бозори сайёҳӣ. Ба фазои дохилишаҳрии сайёҳии иттилоотӣ маъмурияти шаҳри Бохтар ва дигар ноҳияҳои ба маҷмааи сайёҳӣ дохилшуда, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сохторҳои тиҷоратӣ, марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо, сокинони маҳаллӣ ва дигар иштирокчиён дохил мешаванд. Яке аз хусусиятҳои асосии фарққунандаи МИС аз баъзе сохторҳое, ки хизматрасониҳои ба ин монандро фароҳам меоранд, дар он аст, ки маркази иттилоотии сайёҳӣ як ташкилоти ҷамъиятии ғайритиҷоратист, ки метавонад ва бояд дар асоси худ ҳарчи бештар шумораи зиёди иштирокчиёни бозори сайёҳиро бо мақсади ба ҳисобгирии максималӣ ва вобастагии манфиатҳои ҳар кадоме аз онҳо, муттаҳид созад. Ҳамин тариқ, ин сохтор бояд як навъ «майдони ҳамкорӣ» байни намояндагони соҳаи сайёҳӣ гардад.
6. Ҳамкорӣ бо мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ дар масъалаҳои рушд ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ аз ҳисоби иҷрои вазифаҳои дар боло нишон додашуда таъмин карда мешавад:

- пурсишномаҳои меҳмонони МИС бо ташкили мониторинги системавии сифати маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшуда;
- таҳлили динамикаи рушди сайёҳӣ;
- таҳлили натиҷаҳои кори МИС;
- таҳия ва пешниҳодот ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ оид ба беҳтар намудани шароити рушди сайёҳӣ;

- омӯзиши захираҳои сайёҳии шаҳрӣ ва пайгирии эътимоднокии маълумот дар бораи захираҳое, ки дар пойгоҳи маълумоти МИС нигоҳ дошта мешаванд;
- мусоидат ба сохторҳои манфиатдор дар таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳо дар соҳаи сайёҳӣ;
- иштирок дар таҳия ва татбиқи нақшаи стратегии шаҳр оид ба рушди сайёҳӣ;
- муттаҳидсозии корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки ба сайёҳон барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои баланд бардоштани сифати пазироии сайёҳон ва васеъ намудани номгӯи маҳсулоти сайёҳӣ хизмат мерасонанд.

Ба хизматрасониҳои пулакии МИС инҳо дохил мешаванд:

- ҷудо намудани ҷойҳо дар муассисаҳои меҳмонхонагӣ ва санаторию истироҳатӣ, аз ҷумла системаи фармоиши он-лайнро истифода намудан;
- фармоиш ва фурӯши чиптаҳо барои чорабиниҳои фарҳангӣ ва дигар чорабиниҳо;
- фурӯши баъзе нашрияҳо, брошюраҳо, харитаҳо, рӯзномаҳо ва ғайра, ки иттилоотро оид ба иқтидори сайёҳӣ ва имконоти минтақа дар бар мегиранд (аксари маводҳо ройгон тақсим карда мешаванд ва фурӯши нашрияҳои гаронбаҳо барои комиссия амалӣ мешавад);
- фурӯши маҳсулоти намоишӣ (видеоӣ), овозӣ (аудиоӣ) ва электронӣ дар бораи иқтидори сайёҳии минтақа;
- фурӯши маҳсулоти сувенирӣ (туҳфавӣ), маҳсулоти мӯд ва маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ;
- фурӯши ҷойҳо дар шакли саҳифаҳои алоҳида дар веб-сайти МИС барои маводи таблиғотӣ;
- фурӯши саҳифаҳои таблиғотӣ дар терминалҳои иттилоотии МИС;
- фурӯши фазои таблиғотӣ дар маҳсулоти иттилоотии МИС дар маводҳои рекламавӣ;

– мусоидат ба агентиҳои сайёҳӣ ва операторони сайёҳӣ дар ташкили хизматрасонии сайёҳӣ (сайёҳатҳо, экскурсияҳо, роҳнамо-тарҷумонҳо).

Иҷрои ин функсияҳо дар сурати мавҷуд будани захираҳои молиявӣ, кадрӣ, моддӣ-техникӣ ва инноватсионӣ имконпазир хоҳад буд. Татбиқи бевоситаи вазифаҳои дар назди МИС гузошташуда тавассути кори шуъбаҳои зерин имконпазир аст:

- маъмурӣ;
- иттилоотӣ;
- маркетинг ва робита бо ҷомеа;
- таҳлилгарон ва таҳияи лоиҳавӣ;
- дигарҳо.

Тамоми кори МИС ба ташаккул ва нигоҳ доштани системаи алоқаи байни иштирокчиёни дохилии бозори сайёҳии шаҳри Бохтар бо мақсади ҳамкориҳои иттилоотии онҳо, инчунин таблиғ ва расонидани маҳсулоти сайёҳӣ то ба истеъмолкунандагони охирин равона карда мешавад. Ин дар воқеъ, асоси ташаккули фазои дохилии сайёҳии иттилоотӣ хоҳад буд, ки ба татбиқи бомуваффақияти Барномаи рушди дарозмуддати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба рушди сайёҳии воридотӣ ва дохилӣ дар қаламрави вилояти Хатлон равона мегардад.

## 3.3. Самтҳои асосии такмили сохтори ташкилию иқтисодии фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ (дар мисоли маҷмааи сайёҳии “Бохтар”)

Саноати сайёҳӣ аз ҳама соҳаи фаъолияти ғании иттилоотӣ мебошад. Соҳаҳое, ки дар онҳо ҷамъоварӣ, коркард, татбиқ ва интиқоли иттилоот барои фаъолияти ҳаррӯза ба мисли соҳаи сайёҳӣ муҳим бошад, хело таъғирёбанда мебошад, барои он, ки ТИК имрӯзаро пешгӯӣ намудан мушкил аст. Хизматрасонӣ дар сайёҳӣ наметавонад ҳамчун маҳсулоти талаботӣ ва истеҳсолӣ дар нуқтаи фурӯш пешниҳод ва дида баромада шавад, онҳоро чун қоида пешакӣ ва дур аз нуқтаи истеъмолӣ харидорӣ менамоянд. Дар ин замина, сайёҳӣ дар бозор қариб пурра аз тасвирҳо, тавсифҳо, воситаҳои алоқа ва интиқоли иттилоот вобастагӣ дорад.

Ҳарчанд сохтори саноати сайёҳӣ аз ташкили ҳама гуна фаъолияти дигари иқтисодӣ тафовути калон надошта бошад ҳам, дар ин ҷо як хусусияти муҳим ба назар мерасад - иттилоот маркази пайвасткунандае мебошад, ки истеҳсолкунандагони гуногунро дар дохили саноати сайёҳӣ нигоҳ медорад. Дар ин ҷо, на ин ки молҳо, балки ҷараёнҳои иттилоотӣ, робитаҳои байни истеҳсолкунандагони хизматрасонии сайёҳиро фароҳам меоранд, ҳамзамон дар шакли хизматрасонӣ ва пардохт низ амал мекунанд. Хизматрасониҳо (ба монанди шабгузаронӣ дар меҳмонхона, иҷораи мошинҳо, сайёҳатҳои маҷмаавӣ ва ҷойҳо дар ҳавопаймо) ба агентҳои сайёҳӣ дода намешаванд, ки дар навбати худ онҳоро то фурӯхтан ба истеъмолкунандагон нигоҳ намедоранд. Маълумот дар бораи мавҷудият, арзиш ва сифати ин хизматрасониҳо фиристода ва истифода мешавад. Ҳамин тавр, дар расми 3.3.1 раванди дастрасии иттилоот оид ба тиҷорати сайёҳӣ оварда шудааст.

Бори дигар ба хотир меорем, ки се хусусияти хоси сайёҳӣ мавҷуд аст:

- якум савдои гуногунҷабҳа ва маҷмӯии хизматрасониҳо;
- дуввум хизматрасонии мураккаб ҳам аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда;
- сеюм хизматрасонии бойи иттилоотӣ.




**Расми 3.3.1 – Раванди гирифтани иттилоот оид ба тиҷорати сайёҳӣ [71]**

Маҷмӯи технологияҳои иттилоотӣ, ки дар сайёҳӣ истифода мешаванд, аз низоми захиракунии компютерӣ, низоми гузаронидани телеконференсияҳо, системаҳои видеоӣ, низомҳои идоракунии иттилоот, системаҳои электронии иттилоотии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, интиқоли пулҳои электронӣ, шабакаҳои телефонӣ, алоқаи мобилӣ ва ғайра иборатанд. Дар ин ҷо бояд қайд карда шавад, ки ин системаи технологияҳоро на агентиҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо ё

ширкатҳои ҳавопаймоӣ ба таври инфиродӣ, балки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ ҷорӣ мекунанд. Илова бар ин, истифодаи системаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳар як бахши сайёҳӣ барои ҳамаи қисматҳои дигар таъсиргузор аст. Масалан, системаҳои дохилии идоракунии меҳмонхонаҳо бо шабакаҳои компютерии омехта (глобалӣ) пайваст буда метавонанд, ки дар навбати худ асоси муоширот бо системаҳои фармоишии меҳмонхонаҳо буда, дар самти муқобил ба агентҳои сайёҳӣ тавассути компютерҳои онҳо дастрас гарданд.

Аз ин рӯ, мо бо як низоми муттаҳидшудаи технологияҳои иттилоотӣ сару кор дорем, ки дар сайёҳӣ паҳн гардидааст. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар соҳаи сайёҳӣ на компютерҳо, на телефонҳо ва на видеотерминалҳо дар алоҳидагӣ, балки системаи алоқаманди технологияҳои компютерӣ ва коммуникатсионӣ амал мекунад. Гузашта аз ин, ҷузъҳои алоҳидаи соҳаи сайёҳӣ бо ҳамдигар сахт алоқаманданд - чун бисёр ширкатҳои сайёҳӣ ба таври амудӣ ё уфуқӣ дар фаъолияти якдигар ҷалб карда шудаанд. Ҳамаи ин соҳаи сайёҳиро ба як шабакаи хизматрасонии хеле муттаҳидшуда табдил медиҳад, ки онро дар ташкил ва идоракунӣ барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ боз ҳам ҳассос мегардонад.

Бояд қайд кард, ки аз миёнаҳои асри гузашта оғоз гардида, бузургтарин пешрафт дар соҳаи сайёҳӣ ин пайдошавии каналҳои нави алоқа ва мубодилаи иттилоот ба бозори сайёҳӣ мебошад. Маҳз он вақт яке аз бузургтарин таъминкунандагони воситаҳои алоқаи SITA (Ширкати байналмилалии телекоммуникатсионӣ), ки аз ҷумла ҳукуматҳо ва шуъбаҳои мудофиаи якчанд кишварро таъмин мекард, ба ҳамгироии умумиҷаҳонии пойгоҳи додаҳои дохилӣ ва системаҳои баҳисобгирӣ такони аввалин бахшид. Соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби Системаҳои глобалии тақсимот (Global Distribution Systems - GDS) тасодуфан интихоб нашудааст, зеро таъсиси ҳамаи маълумоти Системаҳои глобалии тақсимот аз ҷониби истеҳсолкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ ва пеш аз ҳама аз ширкатҳои ҳавопаймоӣ оғоз карда шудааст. Сабаб дар он аст, ки ягон саноати дигари истеҳсолӣ ба чунин зарурати такроран фурӯши як воҳиди маҳсулот (курсӣ дар ҳавопаймо, утоқи меҳмонхона, миз дар тарабхона, купе

дар қатора ё каюта дар киштӣ) рӯ ба рӯ намешавад. Дар натиҷа, эҳтиёҷоти доимии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат аз болои истифодаи иншооти истеҳсолӣ боиси ба вуҷуд омадани системаҳои баҳисобгирии дохилӣ гардид, ки дастрасии ба онҳо ширкатҳои ҳавопайморо ба агентҳои худ пешниҳод кунанд. Принсипи кории Системаҳои глобалии тақсимот маҳз ба ҳамин асос ёфтааст[78].

Ҳамин тариқ, ҳамгироӣ дар сайёҳӣ ин муттаҳид сохтани якчанд минтақаи сайёҳӣ барои васеъ намудани минтақаҳои таъсиррасон мебошад. Интегратсия ё ҳамгироӣ дар сайёҳӣ- ин низоми ягонаи унсурҳои гуногун мебошад, ки барои рушди гуногунрангии сайёҳӣ хизмат менамояд. Ҳамгироӣ инчунин ба қонеъ кунонии манфиатҳои сайёҳон ва ширкатҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад. Интегратсияи сайёҳӣ якчанд сатҳи муттаҳидшавӣ дорад[38] (ниг. ба расми 3.3.2).




*Коркарди муаллиф.*

**Расми 3.3.2. – Сатҳи муттаҳидсозии ҳамгироии сайёҳӣ**

Маълумоти расми 3.3.2-ро омӯхта, метавон ба хулосае омад, ки ҳамгироии равандҳо метавонад асоси принсипи дигаре бошад, ки на дар асоси қонунҳо ё иштироки сохторҳои давлатӣ, балки дар заминаи рушди васеи муносибатҳои

бозорӣ амалӣ мегардад. Ва ин раванд дар ҳама ҷузъҳои асосии рушди худи сайёҳӣ, рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, марбут ба таблиғотӣ ва ғайра инкишоф меёбад. Барои ҳар як самт, занҷирҳои муайяни пайвастагиҳо ба вуҷуд меоянд, ки дар заминаи фатҳи ҷойҳои нав ва бозорҳои нав ташаккул меёбанд.

Бо назардошти табиати ҷаҳонӣ ва аҳамият барои тамоми кишвар ва минтақаҳои он, сохтор ва вазифаҳои МИС-и Бохтар асоснок хоҳанд шуд, ки ин қадами аввалин дар роҳи ворид шудан ба бозори ҷаҳонии хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Мутаассифона, Маркази иттилоотии сайёҳии Бохтар вазифаи калонеро ба ӯҳда дорад, чунки як қисми маблағгузории кори ин сохтор бояд бо маблағҳои буҷетӣ бо имконияти ҷалби маблағҳои хусусӣ таъмин карда шавад. Ҳамзамон, бояд чунин шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешниҳод карда шавад, ки ҳангоми қабули иштирокчиён новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо маҳдудият надошта бошад, ба ҳамаи иштирокчиён имконият диҳад, ки дар фаъолияти МИС иштирок намоянд ва оиди натиҷаҳо ва дастовардҳои кори ин ташкилот маълумот дошта бошанд. Яъне, Маркази иттилоотии сайёҳии Бохтар бояд як навъ «майдон» барои ҳамкории ҳамаи намояндагони манфиатдор дар рушди сайёҳӣ ва олимпии истироҳатгоҳ гардад.

Бо дарназардошти ин меъёрҳо, шакли қобили қабули ташкилию ҳуқуқии МИС-и “Бохтар” шарикии ғайритиҷоратӣ хоҳад буд. Дар ин ҳолат, амволи МИС дар асоси бандҳои зерин бунёд карда мешавад:

- даромадҳои пардохтӣ, солона ва мақсадноки аъзоёни идора (Офис).
- даромад аз фурӯши мол, кор, хизматрасонӣ.
- саҳмияҳо ва хайрияҳои ихтиёрӣ.
- манбаъҳои дигаре, ки ба қонунгузории амалкунанда мухолифат намекунанд.

Ҳиссагузориҳоро бо пул, коғазҳои қиматнок, дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримулкӣ ё дигар ҳуқуқҳое, ки арзиши пулӣ доранд, пардохт кардан мумкин аст. Арзиши амволи овардашуда бо розигии байни аъзоҳои ширкати ғайритиҷоратӣ ва мақомоти роҳбарикунандаи ширкат баҳо дода мешавад.

Ҳадафи МИС-и Бохтар ҳамчун ширкати ғайритиҷоратӣ ба даст овардани фоида нест. Аммо, дар мувофиқа бо аъзоёни ширкат, МИС барои амалӣ намудани фаъолияти тиҷоратӣ, бидуни тағйир додани хусусияти асосии фаъолияти ғайритиҷоратии худ ҳуқуқ дошта метавонад. Тибқи қонунгузории ватанӣ, фаъолияти соҳибкорӣ барои ташкилоти ғайритиҷоратӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар он вазифаҳоеро иҷро намояд, ки бо мақсади сохташавии ташкилот мувофиқ бошад.

Тибқи қонунгузорӣ, аъзоёни «Маркази иттилоотии сайёҳии Бохтар» ҳуқуқҳои зеринро доранд:

- иштирок дар идоракунии фаъолияти МИС-и шаҳр, тартиб додани барномаи фаъолияти он;
- бо салоҳдиди худ аз ширкат (шарикӣ) баромадан;
- гирифтани маълумот дар бораи фаъолияти ширкат дар мақомоти роҳбарикунандаи МИС;
- дар маводҳои иттилоотии МИС пешниҳод шудан;
- дастрасӣ доштан ба ҳамаи манбаи маълумот;
- интихоб намудан ва интихоб шудан дар мақомоти роҳбарикунандаи МИС;
- ба рӯзномаи Маҷлисҳои умумии аъзоҳо пешниҳодоти худро пешниҳод намудан;
- гирифтани қисми амволи МИС дар сурати барҳам додани он, ки пас аз ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон боқӣ мондааст.

Ғайр аз ин, аъзои МИС вазифаҳои зеринро доранд:

- иштирок варзидан дар фаъолияти МИС;
- иттилооти марбут ба ҳадафҳои МИС-ро пешниҳод намудан.

Ҳамзамон, мақомоти олии роҳбарикунанда Маҷлиси умумии аъзоёни ширкати ғайритиҷоратӣ хоҳад буд. Он бояд дар ҳолати зарурӣ, вале на камтар аз як маротиба дар як сол бо ташаббуси Раиси Шурои маъмурӣ, директори иҷроия, шумораи муайяни аъзои Шурои маъмурӣ ё бо дархости шумораи муайяни аъзои Идора баргузор карда шавад. Ҳангоми ташкили МИС-и Бохтар, ин параметрҳои миқдорӣ бояд ба таври иловагӣ муайян карда шаванд.

Шурои маъмурӣ бояд як мақомоти доимоамалкунандаи муштараки идоракунии Офис бошад. Қабул ба аъзогии МИС бо қарори Шурои маъмурӣ дар асоси аризаи хаттӣ сурат мегирад. Узви МИС пас аз пардохти ҳаққи аъзогӣ тамоми ҳуқуқҳои узвро мегирад.

Мақоми ягонаи иҷроияи МИС директори иҷроия хоҳад буд. Маҳз директори иҷроия масъули ташкили иҷрои қарорҳои Маҷлиси умумии аъзоён ва Шурои маъмурӣ ва идоракунии фаъолияти ҷории МИС мебошад. Вазифаҳои директори иҷроия дар Низомномаи директори иҷроия, ки Шурои маъмурӣ тасдиқ кардааст, муайян карда шудааст.

Мӯҳлати иҷрои вазифаҳои директори иҷроия аз ҷониби Маҷлиси умумии аъзоён, инчунин тартиби таъини директор муайян карда мешавад. Барои пурра ҷалб намудани дастгирии минбаъдаи сохторҳои асосии маъмурӣ, тиҷоратӣ, ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳо зарур аст, ки онҳоро ба кори шарикӣ бевосита ҷалб намуд:

- маъмурияти шаҳри Бохтар;
- роҳбарони ноҳияҳои ба шаҳр наздик;
- намояндаи соҳибкорони калоне, ки ба рушди бахши сайёҳӣ машғуланд ва намояндагони тиҷорати сайёҳӣ (объектҳои ҷойгиронӣ, хӯроки умумӣ, вақтхушӣ, ташкилотҳои нақлиётӣ, ширкатҳои сайёҳӣ ва ғ.);
- намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фондҳо ва ғайраҳо.

Дар асоси сохтори функсионалии МИС ҳамаи корҳо оид ба ташкил ва нигоҳдории пойгоҳи иттилоотӣ, қабул ва хизматрасонии иттилоотӣ барои сайёҳон ва сокинон ба дӯши шуъбаи иттилоотӣ вогузор карда мешавад (ниг. ба расми 3.3.3). Ба ин шуъба дуконҳои иттилоотии тамоми ноҳияҳо, ки дар МИС ҷойгиранд, тобеъ хоҳанд буд, ки бевосита як қатор вазифаҳоро дар маҳалҳо иҷро мекунанд. Ғайр аз ин, фаъолияти шабакаи терминалҳои иттилоотӣ низ дар тобеъияти ин шуъба хоҳад буд.

Дар навбати худ, Шуъбаи маркетинг ва робита бо ҷомеа ташкили тамоми корҳои марбут ба таблиғи хизматрасонии сайёҳиро ба ӯҳда мегирад, аз ҷумла омодагии якҷоя бо маъмурияти маҳаллӣ ва иштирокчиёни манфиатдори бозори

сайёҳӣ бо стратегияи ягонаи маркетинг, нақшаи гузаронидани чорабиниҳо дар шаҳр ва кӯмакҳои минбаъда дар ташкили онҳо, таъсиси интернет-сомона, ташкил ва мусоидат дар гузаронидани турҳои оммавӣ ва турҳо барои ширкатҳои сайёҳӣ, иштирок дар намоишгоҳҳо ва ғайра.




*Коркарди муаллиф.*

**Расми 3.3.3 – Сохтори ташкилӣ ва иқтисодии МИС-и "Бохтар"**

Шуъбаи таҳлил ва таҳияи лоиҳаҳо масъули тамоми корҳои марбут ба таҳлили фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, баҳодиҳии кори МИС, иштирок

дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба рушди сайёҳӣ дар минтақа, кӯмак ба сохторҳои манфиатдор дар таҳияи барномаҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва бисёр чизҳои дигар хоҳад буд. Илова ба функсияҳои таҳлилӣ, дар заминаи ин шуъба чунин лоиҳаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ муҳим, ба монанди ташкили як ширкати омода кардани роҳбаладон бо донистани забонҳои гуногуни хориҷӣ, кӯмак дар сертификатсияи воситаҳои ҷойгиркунонӣ ва бисёр чизҳои дигар имконпазир хоҳад буд. Вобаста аз вазифаҳое, ки дар назди шаҳр истодааст, барои ҳалли онҳо ҷалби муваққатии мутахассисон имконпазир мегардад. Масалан, барои омода намудани роҳбаладон, ки на танҳо меҳмонони истироҳатгоҳро бо ҷозибаҳои шаҳр ошно карда метавонанд, инчунин бо харитаи захираҳои сайёҳии шаҳр ва минтақа низ метавонанд шинос намоянд. Барои роҳандозии он мутахассисони ботаҷрибаро ҷалб бояд намуд, ки онҳо тавонанд мавзуҳоро таҳия ва барномаҳои омӯзишии роҳбаладонро пур намоянд ва сипас омодагии онҳоро барои кор бо сайёҳон ва меҳмонон санҷанд.

Шуъбаи технологияи иттилоотӣ эҷоди пойгоҳи додашудаҳои шаҳрӣ оид ба инфрасохтор ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, шабакаи терминалҳои иттилоотӣ, сайти интернетии МИС-ро ҳамроҳӣ карда, дастгирии техникии онҳо, аз ҷумла системаи бронкунии онлайнро таъмин менамояд ва кори худи идораро таъмин мекунад. Дар мувофиқа ҷадвали кадрии МИС дар Бохтар чунин хоҳад буд (ниг. ба ҷадвали 3.3.2.)

Гуфтан мумкин аст, ки гирифтани даромад танҳо 6 моҳи пас аз иҷрои чунин корҳо, ба монанди кушодани марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, терминалҳои иттилоотӣ, роҳандозии фармоишҳои on-line ва ғайра оғоз меёбад. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи аввали кори МИС барои татбиқи лоиҳаи мазкур 100% маблағгузории фаъолияти он аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ талаб карда мешавад. Тибқи ҳисобҳо, мушоҳида карда мешавад, ки ҳатто пас аз 1,5 соли фаъолияти бомуваффақияти ин сохтор, даромади он танҳо як қисми хароҷотро (тақрибан 40%), ҳатто бо назардошти ҷалби маблағ аз сохторҳои соҳибкорӣ дар шакли ҳаққи аъзогӣ, пӯшонида метавонад. Бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ, қисми зиёди маблағгузорӣ барои кори МИС (аз 50 то 100%) бояд аз ҳисоби маблағҳои

буҷет таъмин карда шавад. Тахмин карда мешавад, ки дар оянда бо зиёд шудани ҳаҷми хизматрасониҳои МИС, эътироф ёфтан ва эҳтимолияти афзоиши самаранокии фаъолияти он барои тиҷорати маҳаллӣ, ҳиссаи маблағгузории кори он аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷавӣ зиёд мешавад. Ҳамзамон, маблағгузории буҷетӣ набояд аз 55 фоизи хароҷоти зарурӣ, ки барои таъмини фаъолияти пурраи маркази иттилоотии сайёҳӣ зарур аст, кам карда шавад.

**Ҷадвали 3.3.2 – Кормандони МИС-и шаҳри Бохтар**

| Шуъба | Вазифа | Шумора |
|---|---|---|
| Шуъбаи муъмурӣ | Директори иҷроия | 1 |
| | Сармуҳосиб | 1 |
| | Менеҷери идора | 1 |
| | Ҳуқуқшинос | 1 |
| Шуъбаи иттилоотӣ | Сардори шуъбаи иттилоотӣ | 1 |
| | Сармутахассиси шуъбаи иттилоотӣ | 2 |
| | Роҳбари маркази иттилоотии ноҳия | 4 |
| | Оператори маркази иттилоотии ноҳия | 8 |
| Шуъбаи маркетинг ва робита бо ҷомеа | Сардори шуъбаи маркетинг ва робита бо ҷомеа | 1 |
| | Сармутахассиси робитаҳо бо аҳли ҷомеа | 1 |
| | Сармутахассис аз рӯи маркетинг | 1 |
| Шуъбаи таҳлил ва коркарди лоиҳаҳо | Сардори шуъбаи таҳлил ва коркарди лоиҳаҳо | 1 |
| | Сармутахассиси шуъба-таҳлилгар | 1 |
| Шуъбаи ТИ | Сардори шуъбаи ТИ | 1 |
| | Мутахассиси шуъба | 2 |
| Ҷамъ: | | 27 |

*Таҳияи муаллиф.*

Ба андешаи мо, чунин тарзи ташкили кори МИС имкон медиҳад, ки тамоми иттилооти мавҷудаи иқтидори сайёҳӣ дар базаи ташкилоти ягона ҷамъ оварда шуда, бояд дар ҳалли як қатор масъалаҳои муҳими маҷмааи сайёҳии Бохтар таъсир расонад ва барои ташкили фазои иттилоотии сайёҳии дохилишаҳрӣ, бо мақсади таъмини истиқболи шоиста, иттилоотонӣ, хизматрасонии сайёҳон ва сокинони кишвар шароитҳои мусоид фароҳам оварад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, оид ба масъалаи матраҳшудаи ин боб чунин хулоса баровардан мумкин аст:

– дар шароити муосири рушди тиҷорати сайёҳии ватанӣ, ташкили шабакаи марказҳои миллии иттилоотии сайёҳӣ ба ташаккули фазои дохилии сайёҳӣ мусоидат мекунад, ки барои таъмини ташаккул ва ҳаракати муташаккилонаи маҳсулоти сайёҳии миллӣ ба бозорҳои сайёҳии хориҷӣ имкон фароҳам меоварад. Фаъолияти шабакаи марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ба рушди сайёҳии дохилӣ ва вурудӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард;

– илова ба вазифаҳои асосии муттаҳидсозии иттилооти сайёҳӣ дар сатҳҳои гуногун (миллӣ, минтақавӣ), ташкили қабул ва иттилоотонии сайёҳон ва сокинони кишвар, пешбурди маҳсулоти сайёҳии миллӣ, МИС ба маъмуриятҳо дар ҳамкорӣ бо тиҷорати хусусӣ дар самти рушди сайёҳӣ кумак мерасонад. Бо назардошти аҳамияти татбиқи супоришҳои МИС барои ҳама минтақаҳои ҷойгиршавии сайёҳон, қисми асосии хароҷоти он ба маблағгузории буҷет рост меояд. МИС макони сайёҳиро татбиқ мекунад, ки унсури ҳалкунандаи системаи сайёҳӣ мебошад. Онро ҳамчун марказе тавсиф мекунанд, ки барои қонеъ кардани ҳама гуна ниёзҳои сайёҳон шароитҳо ва хизматрасониҳои заруриро таъмин мекунад. Ба ибораи дигар, макони сайёҳӣ унсурҳои муҳимтарин ва ҳалкунандаи сайёҳиро дар бар мегирад, ки ба онҳо сайёҳон ниёз доранд;

– минтақаи макони сайёҳӣ яке аз ҷойгоҳҳои муҳим дар системаи сайёҳӣ мебошад, зеро худи маконҳои сайёҳӣ ва симои онҳо сайёҳонро ба худ ҷалб намуда, ташрифро ҳавасманд мекунанд ва бо ин васила тамоми системаи сайёҳиро фаъол мекунанд. Худи калимаи «таъинот (дестинация)», ки аз забони англисӣ тарҷума шудааст, маънои «ҷойгоҳ, ҷойи таъинот»-ро дорад. Ҳоло макони таъинотии сайёҳон ҳамчун минтақаи ҷуғрофӣ бо ҳудуди муайян фаҳмида мешавад, ки метавонад як гурӯҳи хеле васеи сайёҳонро ҷалб ва қонеъ гардонад.

Барои он, ки қаламрав барои сайёҳӣ таъинотӣ бошад, МИС шартҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- дар ин қаламрав мавҷуд будани макони ҷойгиронӣ, хӯрока, воситаҳои вақтхушӣ (бояд сатҳи муайяни сифати хизматрасонӣ вуҷуд дошта бошад) ва системаи нақлиётии хеле рушдёфта;

- мавҷудияти ҷозибаҳое, ки таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб намояд (мавҷудияти ҷолибият яке аз омилҳои асосии рақобат дар байни қаламравҳои таъиншудаи сайёҳӣ мебошад, аз ин рӯ, барои ҷалби сайёҳон ба қаламрави таъинот бояд завқи муайян вуҷуд дошта бошад);
- мавҷудияти системаҳои иттилоотӣ (масалан, системаҳои иттилоотии глобалии «Amadeus», «Galileo», «Worldspan», «Saber») ва коммуникатсионӣ, зеро ин як воситаи зарурии огоҳ кардани бозори сайёҳӣ дар бораи қаламрави таъинот мебошад.

Ҳар як макони таъиншудаи сайёҳӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, аммо боз чор чизи умумиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Ҷойи таъинот маҷмӯи ҷузъҳои зерин мебошад: ҷозибият (сарвати табиӣ ё воситаҳои бо дасти одам сохташуда, ки сайёҳро ба сафар водор мекунанд); шароити мусоид (манзил, хӯрок, вақтхушӣ, инчунин корхонаҳои савдои чакана ва дигар хизматрасониҳо ба монанди бонкҳо, нуқтаҳои мубодилаи асъор, сартарошхонаҳо, корхонаҳои тиббӣ, яъне ҳама чизҳое, ки на танҳо бо манзил ва хӯрок таъмин мекунанд, балки ҳисси меҳмоннавозии сайёҳонро дар ин макон эҷод мекунанд); дастрасӣ (дур будани макони таъинот аз бозорҳои сайёҳӣ онҳоро дар баробари талаботи пастар осебпазир мегардонад, зеро ба чунин маҳалли таъинотӣ танҳо тавассути сафарҳои дурдаст расидан мумкин аст. Аз ин рӯ, рушд ва нигоҳдории робитаҳои самарабахши нақлиётӣ бо бозорҳои сайёҳӣ барои муваффақияти макони таъиншуда муҳим аст. Аммо барои сайёҳон, на танҳо дастрасии ҷисмонӣ ба макони таъинот, яъне робитаҳои нақлиётии берунӣ бо он муҳим аст, балки мавҷудияти робитаҳои нақлиётии дохилӣ низ муҳим мебошад. Ба ибораи дигар, хизматрасониҳо аз қабили кирояи мошинҳо, пешниҳоди нақлиёти маҳаллӣ барои сайёҳатҳои тамошобоб ва интиқол ба манзили таъинот барои онҳо муҳим мебошанд.
2. Макони таъинот арзиши фарҳангӣ дорад: меҳмонон бояд макони таъиноти ҷолиб ва ба маблағу вақти сарфакардашуда шоиста пайдо кунанд. Ҳамин тариқ, фарқияти муҳити таъинотро аз муҳити муқаррарии «хона» бо

тарҳрезӣ ва идоракунии хуб нигоҳ доштан муҳим аст, то ки аз «манзараи ягонаи сайёҳӣ» ҷилавгирӣ карда шавад.

3. Макони таъинот ҷудонопазир аст, яъне маҳсулоти сайёҳӣ дар ҷое, ки истеҳсол мешавад, истеъмол карда мешавад ва барои таҷриба кардани он, сайёҳон бояд ҷисман дар ҷои таъиншуда ҳузур дошта бошанд. Бояд қайд кард, ки равандҳои истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ на танҳо дар фазо, балки бо вақт ҳам мувофиқат мекунанд, яъне макони таъинотро захира кардан мумкин нест (утоқҳои меҳмонхонаҳо, чиптаҳои театр ва ғайраро барои «фурӯшгоҳи баъдӣ» ва барои фурӯш баъдтар дар мавсими театр ҷудо кардан мумкин нест).

Ҳамин тариқ, мавсимӣ будани таъиноти макони сайёҳӣ мушкилоти муҳимтарин ба ҳисоб меравад, зеро он даромаднокии онҳоро коҳиш медиҳад ва онҳоро дар самти истифодаи воситаҳои асосии таъинот бесамар месозад. Барои маконҳои таъинотии мавсимӣ, мавсими авҷгиранда (3-4 моҳ) ба хароҷоти доимӣ, ки бояд дар давоми сол пардохта шаванд, саҳми калон расонад.

4. Хизматрасониҳо ва осоишгоҳҳои таъинотро на танҳо сайёҳон, балки одамони дигар низ истифода мебаранд: сокинони маҳаллӣ ва кормандони ин макон. Ҳамин тариқ, корхонаҳои таъинот наметавонанд танҳо ба сокинони маҳаллӣ ва ё танҳо ба сайёҳон нигаронида шаванд, онҳо бояд ба ҳарду диққат диҳанд.

Инчунин се намуди макони таъинот вуҷуд дорад. Намуди аввал шаҳрҳои калон - пойтахт ё ба онҳо баробар (Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Хоруғ), ки сайёҳонро бо ҷозибаҳои худ (сайёҳии маърифатӣ), имкониятҳои хуб барои ҳалли масъалаҳои тиҷоратӣ (конгрессҳо, сайёҳии тиҷорӣ, семинарҳо, намоишгоҳҳо) ҷалб мекунанд. Сайёҳӣ барои боздид аз дӯстон ва хешовандон, инчунин марказҳои маъмурӣ барои ҳалли масъалаҳои идоракунӣ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, дар шаҳрҳои калон марказҳои таърихӣ, маъмурӣ, савдо, марказҳои тиҷорӣ ва минтақаҳои фароғатӣ мавҷуданд. Намуди дуюм ба ду зергурӯҳ тақсим мешавад:

- марказҳо барои рушди мақсадноки сайёҳӣ дар деҳот, шаҳрҳо, ки дар онҳо урфу одатҳо, таърих ва фарҳанг ҳифз шудаанд. Барои ҷалби сайёҳон дар масофаи кӯтоҳе аз ин шаҳру деҳот меҳмонхонаҳо сохта мешаванд;
- марказҳои ҷаззобии сайёҳон пойтахтҳо нестанд, балки шаҳрҳое мебошанд, ки аз рӯи таърих, фарҳанг, илм (масалан, Саразм) ҷозибаи дараҷаи баланд доранд.

Намуди сеюм марказҳое мебошанд, ки махсус барои сайёҳон сохта шудаанд.

**Натиҷагирӣ аз боби сеюм**

1. Даромади истеҳсолу пешниҳоди маҳсулоти сайёҳии марказҳои муосири сайёҳӣ бо хусусиятҳои истисноии худ, аз ҷумла бо минтақаҳои фаъолият, анъанаҳои маҳаллӣ фарқ мекунанд. Онҳо бояд кӯшиш намоянд, ки мавқеи рақобатпазирро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ нигоҳ доранд, барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои худ ва эҷоди маҳсулоти махсуси беназири сайёҳӣ маблағҳои зарурӣ равона менамоянд. Марказҳои сайёҳӣ новобаста ба фарқиятҳои сершумори худ баъзе хусусиятҳои умумиеро, ки ба марказҳои ҷаҳонии сайёҳии муосир хосанд, доро мебошанд: азхудкунии ҳудуд бо мероси табиӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ ва дигар захираҳои ҷаззоби сайёҳӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ маълуманд; рушди инфрасохтори нақлиёти роҳҳои автомобилгард; ташкили қабул ва будубоши сайёҳон, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ (хизматрасонии ҷойгиркунонӣ, таъмин бо хурду хӯрок, истироҳат, амният ва ғ.); рушди инфрасохтори умумишаҳрӣ ва коммуналии макони таъинот; риояи меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалии экологӣ (аз ҷумла технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, мониторинги экологӣ ва ғ.); рақобатпазирии нархӣ ва ғайри нархӣ ва ғ.

2. Марказҳои асосие, ки дар мамлакат метавонанд ба марказҳои иттилоотии сайёҳии дараҷаи ҷаҳонӣ табдил ёбанд, инҳоянд:

- Маркази сайёҳии шаҳри Душанбе - пойтахти кишвар дар водии Ҳисор ҷойгир аст. Ин яке аз пойтахтҳои баландтарини кӯҳӣ дар ҷаҳон ва яке аз калонтарин марказҳои фарҳангии Осиё мебошад;

- Маркази сайёҳии Хуҷанд – маркази вилояти Суғд ва дуввумин шаҳри калонтарини кишвар, яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиё;
- Маркази сайёҳии Бохтар, дар минтақаи Вахш ва шаҳри Бохтар, ки дар асри XVII таъсис ёфтааст. Дар наздикии шаҳр Аҷинатеппа - ёдгории меъморӣ ва санъати Тохаристон ҷойгир аст. Дар ин ҷо боқимондаҳои даврҳои буддоии асрҳои VII-VIII, муҷассамаи гилин, расмҳои деворӣ нигоҳ дошта шудаанд.
- Маркази сайёҳии Хоруғ - шаҳрест бо боғи ботаникии баландкӯҳ, ки дар он корҳои мутобиқсозии растаниҳо дар шароити баландкӯҳ идома дорад, дарахтон ва буттаҳое, ки аз Аврупо, Африка, Австралия ва Амрико содир карда мешаванд, дар майдончаҳои нишеби кӯҳӣ реша давондаанд.
- Маркази сайёҳии Панҷакент. Панҷакент яке аз шаҳрҳои пешрафтаи Осиёи Марказии қадим буд. Ёдгориҳои архитектурии Суғд (асрҳои V-VII) шоҳкориҳоеанд, ки нақш ва ҷойгоҳи санъати тоҷикро дар системаи дастовардҳои умумии фарҳангии халқҳои Шарқ муайян мекунанд.

3. Барои фаъолияти пурсамараи Маркази сайёҳӣ дарки зарурати ФИС аҳамияти муҳим дорад. Он бояд ҳамчун системаи иртиботие баррасӣ карда шавад, ки дар он иттилоот байни иштирокчиёни дохилӣ ва хориҷии бозори сайёҳӣ бо мақсади ҳамкории иттилоотии онҳо, ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин ҳаракати баъдинаи он ва расонидан то истеъмолкунанда бунёд, интиқола ва истифода гарданд. Дар ин ҷода, ташкили Марказҳои иттилоотии сайёҳӣ ё офисҳои сайёҳӣ мувофиқи мақсад мебошанд, ки дар сохтори онҳо фаъолияти мунназами се ҷузъи функсионалиро дар бар мегиранд: а) ҷузъи иттилоотии сайёҳӣ - воҳиде, ки бевосита бо сайёҳон, экскурсантҳо ва сокинони минтақа кор мекунад; б) ҷузъи рушд - воҳиде, ки барои таблиғи тамғаи сайёҳӣ, ҳамкории байниидоравӣ ва байниминтақавӣ ва ғ. масъул аст; в) ҷузъи маъмурӣ – хоҷагидорӣ - шуъбае, ки ба фаъолияти маркази иттилоотии сайёҳӣ ёрии маъмурӣ мерасонад.

4. Дар Бохтар метавон як маҷмааи сайёҳӣ ва дар он Маркази иттилоотии сайёҳиро (МИС) дар асоси таҷрибаи хориҷии кори МИС, инчунин вазъи

мавҷудаи шаҳр ташкил намуд, ки объектҳои сайёҳии дар наздикии ноҳияҳо ва шаҳр ҷойгиршударо фаро гирад. Кори маркази иттилоотии сайёҳӣ дар қаламрави шаҳр ба татбиқи Барномаи рушди сайёҳӣ барои дурнамои дарозмуддат ва таъмини рушди устувори тиҷорати сайёҳӣ ва ташкили минбаъдаи маркази сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард. Дар асоси ҳадафи МИС, инчунин мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ, вазифаҳои асосии сохтори пешниҳодшуда чунин баён карда мешаванд: қабул ва хизматрасониҳои иттилоотии сайёҳон, меҳмонон ва сокинони кишвар; пешбурди хизматрасонии сайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ; мусоидат дар омодагӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногун; мусоидат дар таъмини ҳамкории байни иштирокчиёни бозори сайёҳӣ; мусоидат ба мақомоти маҳаллӣ дар рушд ва ҳамоҳангсозии фаъолияти сайёҳӣ ва ғ.

5. Гарчанде ки сохтори соҳаи сайёҳӣ аз ташкили фаъолияти соҳаҳои дигари иқтисодӣ тафовути зиёд надошта бошад ҳам, дар ин ҷо як хусусияти муҳим ба назар мерасад - иттилоот маркази пайвасткунандае мебошад, ки истеҳсолкунандагони гуногунро дар дохили саноати сайёҳӣ нигоҳ медорад. Дар он, ҷараёнҳои иттилоотӣ, на ин ки молҳо робитаҳои байни истеҳсолкунандагони хизматрасонии сайёҳиро фароҳам меоранд, балки дар шакли хизматрасонӣ ва пардохт низ амал мекунанд. Маркази иттилоотии сайёҳӣ имкон медиҳад, ҳамгироӣ дар сайёҳӣ, ки муттаҳид сохтани якчанд минтақаи сайёҳиро барои васеъ кардани минтақаҳои таъсиррасон ифода менамояд, рӯи кор ояд.

# ХУЛОСАҲО

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

1. Нақши сайёҳӣ дар рушди минбаъдаи иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш хоҳад ёфт, зеро мавҷудияти захираҳои табиию фароғатии нотакрор ва мероси бойи таърихию фарҳангии мамлакат дар самти эҳё ва рушди минбаъдаи бозори хизматрасонии сайёҳӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳим баромад намуда, боиси яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат ба шумор рафтани он мегардад. Дар робита ба ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳии кишвар тадбирҳои назаррас андешида шуда, дар ҳоли татбиқ мебошанд.

2. Рушди устувори соҳаҳои сайёҳӣ бо дигаргунсозии индустриалии он алоқаманд буда, технологияҳои мувофиқи истеҳсолотро, ба монанди омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои муосир талаб мекунад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани ин се ҷузъ оғози раванди истеҳсолот ва пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ имконпазир мегардад. Барои таъмини раванди истеҳсолот ба ҳам мувофиқсозии ҷузъҳои зерин зарурат дорад: ҳаҷми зарурии ҷузъҳои истеҳсолот, ифодаи миқдорӣ, ташкили раванди истеҳсолот ва афзоиши минбаъдаи маҳсулоти сайёҳӣ; сифати назардошти омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои истеҳсолот; ягонагии муваққатӣ ва фазоӣ - ҳузури ҳамзамони тамоми ҷузъҳо дар фазои маҳдуд, ҳамчунин истифодаи онҳо дар раванди истеҳсолот; мавҷудияти шахсони масъул доир ба истифодаи омилҳо, воситаҳо ва технологияҳои истеҳсолот; мавҷудияти маркази ҳамоҳангсозӣ барои қабули қарорҳо дар раванди истеҳсолот.

3. Майдони иттилоотӣ маҷмуи воситаҳо ва усулҳои ба дуриҳо интиқол додани маълумоти сайёҳӣ ё тиҷориро дар бар мегирад, ки заминаи рушди индустриалии соҳаро ташкил медиҳад. Иттилоот, айни замон, ҳам захираи истеҳсолие махсуб меёбад, ки ҳангоми бавуҷудоварии маҳсулоти сайёҳии диққатҷалбкунанда тасҳеҳоти муайянро имкон медиҳад ва ҳам роҳи ягонаи пешбурди маҳсулоти сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мебошад. Шартан,

иттилооти сайёҳиро ба иттилооти воридотие, ки манфиатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳиро ифода мекунанд ва содиротӣ, ки инъикоскунандаи манфиатҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ мебошанд, ҷудо мекунанд. Барои табдил ёфтан ба воситаи нисбатан самарабахши истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ майдони иттилоотӣ ба як қатор талаботи зерин бояд ҷавобгӯ бошад: ҳадди аксар будани мобилинокӣ ва реагентивии фаврӣ; эътимоднокӣ ва бартарафкунии монеаҳои эҳтимолӣ дар хатти алоқа; аз рӯйи миқёси фарогирӣ фарққунанда; дастрас будан ба шумораи ҳадди аксари мизоҷон.

4. Бояд қайд кард, ки шакли самарабахши системаҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва воситаҳои муттаҳидшудаи он марказҳои вазъие мебошанд, ки ҳамчун воситаи дастгирии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ истифода мешаванд. Аз ҷиҳати назариявӣ, мо функсия ва сохтори чунин маҷмааро бо истифода аз мисоли як маркази вазъият, ки дар назди Кумитаи сайёҳии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад, баррасӣ намудем.

5. Ҳоло дар ҷумҳурӣ сайёҳӣ ҳамчун соҳаи сердаромад ва яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба соҳае табдил ёфтааст, ки таърих, фарҳанг ва анъанаҳои миллиро ба ҷаҳониён шинос менамояд. Дар доираи амалигардонии ҳадафи "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" барои таъмини инкишофи сайёҳӣ ва рӯйи кор омадани иқтидори он муҳити созгори ҷалби сармояҳо ва инфрасохтори сайёҳӣ эҷод шудааст.

6. Захираҳои сайёҳӣ он вақт маъруфият пайдо мекунанд, ки аҳли ҷомеа дар бораи онҳо иттилои ҳар чи бештар ба даст биоварад. Дар айни замон дар мамлакат роҳҳои зерини паҳн кардани захираҳои иттилоотӣ дар бахши сайёҳӣ рушд ёфта истодааст: шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ; пахш дар ВАО; чопи маводҳо; воситаҳои ахбори сайёр тавассути компютер. Дар ин замина, муҳити иттилоотии бахши сайёҳӣ маҷмуи субъектҳо ва объектҳое мебошад, ки чунин фаъолиятҳоро пиёда мекунад. Истеҳсол ин, тақсимот, табдилдиҳӣ ва истифодаи иттилоот оид ба бахши сайёҳӣ ба равандҳои иттилоотӣ мебошад, ки равандҳои таҳия ва истифодаи системаҳои иттилоотӣ,

технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои дастгирӣ, воситаҳо ва механизмҳои амнияти иттилоотиро дар бар мегирад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

